**ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МДТ «ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ М.ТУРСУНЗОДА»**

УДК: 37.0+372.8+ 78 (575.3)
Ш-32
ТКБ: 74.03 (2 тоҷик) +74.90 +85.313
(2 тоҷик) + 878 + 87.717

*Ба ҳукми дастнавис*

ШАРОФИДИНЗОД МУСЛИҲИДДИН ШАРОФИДИН

# ШАРТҲОИ ПЕДАГОГИИ ҲАМКОРИИ МАКТАБ ВА ОИЛА ДАР ТАРБИЯИ МУСИҚӢ-ЭСТЕТИКИИ ХОНАНДАГОН

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -
доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ)

Роҳбари илмӣ: номзади илми педагогӣ, дотсент Рамазонова Р.

**Душанбе - 2025**

# МУНДАРИЧА

Мундарича....................................................................................................2

Номгӯи ихтисорот .........................................................................................3

Муқаддима...............................................................................................4-17

**ФАСЛИ 1. ТАРБИЯИ ЭСТЕТИКӢ ҲАМЧУН САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАҲСИЛОТИ МУСИҚӢ** .......................................18-58

1.1. Раванди ташаккули таҳсилоти мусиқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият...........................................................................18-38

1.2. Аҳамияти таҳқиқоти назариявӣ ва методӣ дар ташаккули арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ....................................................................................39-57

Хулосаи фасли якум.................................................................................57-58

**ФАСЛИ 2. УНСУРҲОИ МУҲИМИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ**..............................................................................................59-105

2.1.Муҳити таълимии мактабӣ: нақши омӯзгори мусиқӣ дар рушди фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ ..........................................................................59-82

2.2. Муҳити оилавӣ: вазифаҳои тарбиявию педагогии волидайн дар такмили завқи зебоишиносии насли наврас ...........................................83-103

Хулосаи фасли дуюм..............................................................................104-105

**ФАСЛИ 3. ҲАМКОРИИ МАКТАБ ВА ОИЛА ХАМЧУН АСОСИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ МУСИҚӢ-ЭСТЕТИКИИ ХОНАНДАГОН**...............................................................................106-172

3.1. Шаклҳо ва методҳои муассири ҳамкории мактаб ва оила ............. 106 -125

3.2. Татбиқи таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои пажӯҳиш........................126-143

Хулосаи фасли сеюм...............................................................................143-145

Хулоса ва натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ......................146-151

Тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот...............................151-152

Рӯйхати адабиёт.....................................................................................153-172

**Номгӯи ихтисорот**

**МТМУ** - муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

**ҚҶ.Т.** - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВМҶТ** - Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Т.И.** - Таҳсилоти иловагӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар асри XXI масъалаи таҳия ва татбиқи системаи эҷодкоронаи тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ аҳамияти хоса пайдо намудааст. Таҷрибаи асри гузашта, ки пур аз ҷангҳои шаҳрвандӣ, барқарорсозии хоҷагии халқ ва ташаккули сохторҳои нави давлатӣ буд, зарурати тарбияи маънавию зебоишиносии насли наврасро боз ҳам возеҳ гардонд. Аз ин рӯ, тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ имрӯз яке аз омилҳои муҳими рушди фарҳанг ва инсондӯстӣ ба шумор меравад.

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки арзишҳои маънавӣ тағйир меёбанд, фаҳмиши нав дар бораи идеали инсон ва муносибати ӯ ба муҳит зарур аст. Ҳамин омил талаб мекунад, ки фарҳанги шахсият ва ҷомеа аз дидгоҳи тарбияи эстетикӣ аз нав арзёбӣ гардад.

Ҳифзу нигаҳдошти нодиртарин паҳлуҳои башардӯстонаи фарҳанги миллии тоҷикон, ки бо заҳматҳои пайвастаи ниёгонамон ҳамчун мероси гаронбаҳо то ба мо омада расидааст, дар меҳвари сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Беягон шакку шубҳа омӯзиши муттасили муҳимтарин унсурҳои фарҳанги миллӣ барои таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, дар ташаккули фарҳанги эстетикии кӯдак, хонавода ва мундариҷаи кори педагогӣ хеле муҳим аст.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки яке аз вазифаҳои муҳими фарҳангсозии ҷомеа - ин рушди зебоишиносӣ ва завқи мусиқии шаҳрвандон, бахусус хонандагон аст. Муассисаҳои фарҳанг ва таълим дар ин раванд нақши ҳалкунанда доранд.

Тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ба ташаккули завқи мусиқидустӣ, ҳисси зебоӣ, ахлоқ ва маънавиёт мусоидат мекунад. Омӯзонидани шунидани мусиқӣ, дарк ва эҳсоси он дар мактаб ва оила ба инкишофи қобилияти эҷодӣ ва ҳисси зебоиофарии кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Муҳим аст, ки дар ин раванд омилҳои биологӣ, равонӣ, педагогӣ ва иҷтимоӣ ба таври ҳамҷоя ба

назар гирифта шаванд. Таълими мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо оила қисми ҷудонопазири системаи тарбияи эстетикӣ мебошад. Мактаб ва оила бояд муҳити мусоиди фарҳангӣ эҷод намоянд, то кӯдак дар фазои мусиқӣ ва санъат рушд ёбад. Дар ҳақиқат, тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии маънавӣ ва тақвияти руҳияи миллӣ нақши бузург мебозад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути як қатор барномаҳои давлатӣ - аз ҷумла “Барномаи рушди мусиқии касбӣ” (2011 - 2015), “Барномаи рушди муассисаҳои фарҳангӣ” (2016 - 2025) ва “Барномаи дарёфти истеъдодҳо” (2015 - 2020) - ҷиҳати дастгирии ин самт тадбирҳои муассир андешидааст. Дар ин раванд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» нақши махсус бозида, аҳамияти рушди зебоишиносӣ ва фаъолияти фарҳангиро барои насли нав таъкид мекунад.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, дар таҷрибаи таълим мушкилот боқӣ мондааст. Дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ ҳанӯз ҳам сифати омӯзиши фанни мусиқӣ ва истифодаи имкониятҳои тарбиявии он кофӣ нест. Стандартҳои нави таҳсилот ба худомӯзӣ ва фаъолиятҳои эҷодӣ такон медиҳанд, вале дар адабиёти педагогӣ-методӣ мафҳуми “сифатҳои мусиқӣ - эстетикӣ” ҳанӯз пурра муайян нашудааст.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва оила дар рушди қобилиятҳои мусиқии кӯдакон натиҷаи хуб медиҳад. Хонандагон тавассути машғулиятҳои иловагӣ ба фаъолияти фарҳангӣ ҷалб шуда, аз омилҳои манфии иҷтимоӣ дур мемонанд. Аммо бояд таъкид кард, ки фанни эстетика дар донишгоҳҳои кишвар ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта намешавад, ки ин ба сатҳи умумии зебоишиносии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои ташаккули мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар низоми муосири таҳсилоти миллӣ аҳамияти бузург дорад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин раванд ба муайян намудани роҳҳои самараноки тарбия ва беҳтар намудани фаъолияти таълимию тарбиявӣ мусоидат хоҳад кард. Танҳо

дар сурати ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, оила ва ҷомеа метавон ба ташаккули инсони дорои завқи баланд, ҳисси зебоӣ ва маънавияти комил ноил гардид.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи ташаккули фарҳанги мусиқӣ - эстетикӣ ва тарбияи зебоишиносии хонандагон дар системаи таҳсилот ва фарҳанг яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти илмҳои фалсафа, сотсиология, педагогика, психология ва фарҳангшиносӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои педагогии ин равандро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Аспекти тарбияи мусиқӣ - эстетикии хонандагон дар ҳамкории оила ва мактаб то ҳол дар илми педагогикаи ватанӣ пурра таҳқиқ нашудааст. Гарчанде олимони тоҷик ва хориҷӣ ба ин самт таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардаанд.

Дар илми ватанӣ саҳми муҳаққиқоне, чун М. Юлдашева, М. Набиева, Б. Хайруллоев, С. Раҳимов, Д. Раҷабзода, З. Назарова, З. Норова, Д. Рустамов, А. Гулов, Х. Раҳимзода, Д. Латипов, В. Мирзоев ва дигарон назаррас аст Онҳо масъалаҳои таълиму тарбияи мусиқӣ, омодасозии омӯзгорони мусиқӣ, рушди завқи зебоишиносӣ ва муносибати оила ва мактабро таҳқиқ кардаанд [144; 125; 141; 130; 131; 126; 127; 133; 99; 129; 55;156].

Дар замони Шӯравӣ омӯзгорон ва муҳаққиқоне, чун О.А. Апраксина, Ф. Арьес, Л.С. Выготский, Д.Б. Кабалевский, Н. Крупская, А. Макаренко, В.А. Сухомлинский ва дигарон ба масъалаи тарбияи мусиқӣ – эстетикӣ ва рушди эҳсоси зебоӣ таваҷҷуҳи хоса доштанд [23; 27; 35; 50; 54; 58; 81]. Омӯзиши таҷрибавии талабот ва эҳсосоти зебоишиносӣ аз ҷониби пайравони онҳо ба муайян намудани механизмҳои ташаккули эҳтиёҷоти маънавӣ мусоидат кард.

Бо ҳам пайванд намудани илму амал яке аз сабабҳои асосии муваффақият ва пешрафти ҷомеа мебошад. Дар ҳалли илмии масъалаҳои тарбияи оилавӣ ва алоқаи мактабу аҳли ҷомеа нақши педагогҳои барҷаста

Н.К. Крупская ва А.С. Макаренко бағоят калон аст [54; 58]. Дар педагогикаи собиқ Шӯравӣ ягон масъалае нест, ки онҳо дар бораи он таваққуф накарда бошанд. Онҳо ба ҳамаи масъалаҳои тарбияи оилавӣ диққати калон додаанд. Ҳанӯз Н. К. Крупская дар тарбияи насли наврас ба муттаҳид намудани қувваҳои муаллимони мактаб, падару модарон, аҳли ҷомеа, ташкилоти мактабӣ аҳамияти махсус медод. Вай дар мақолаи худ «Соҳаи муҳими кори комсомол» нишон додааст, ки зан модари ҳозира ва оянда мебошад [54]. Модар мураббии табиӣ мебошад. Ба ҳам пайвастани тарбияи ҷамъиятӣ ва тарбияи оилавӣ дар кори ба камол расондани одамони сазовори ҷомеа қувваи пурзӯреро ба вуҷуд меорад. Воқеан, инсонро оила, мактаб, муҳит тарбия менамояд. Аз ҷумла, А.С. Макаренко менависад, ки аввалин таҳкурсии ҳиссиёт, фикр, хулқ ва шуури бача дар оила гузошта шуда ва дар он ташаккул меёбад. Кӯдакро ҳама чиз: одамон, ашёҳо, ҳодисаҳо, пеш аз ҳама, одамон тарбия мекунанд. Агар одам бад тарбия ёфта бошад, пас ба ин пеш аз ҳама мураббӣ гунаҳкор мебошад. Дар тарбияи насли наврас нақши аввалиндараҷаро мактаб бозад ҳам, аввалин таҷрибаи ҳастиро ба кӯдак маҳз оила медиҳад, маҳз дар оила хислат ва симои маънавии ӯ ташаккул меёбад [58, с. 34]. "Тарбияи бачагон, - менависад А.С.Макаренко, соҳаи муҳими зиндагии мост. Бачагони мо шаҳрвандониояндаи мамлакати мо ва шаҳрвандони ҷаҳон мебошанд. Онҳо таърихро эҷод хоҳанд кард. Бачагони мо падар ва модарони оянда мебошанд, онҳо ҳам бачагони худро тарбия хоҳанд кард. Бачагони мо бояд шаҳрвандони хуб, падар ва модарони хуб ба камол расанд. Вале бо ин ҳам тамом намешавад, бачагони мо умеди айёми пирии мо мебошанд. Тарбияи дуруст - пирии хушбахтонаи мост, тарбияи бад - ғаму ғуссаиояндаи мо, ашкҳои дидаи мост, дар назди дигар одамон, дар назди тамоми мамлакат гуноҳи мост» [58, с. 112].

Муҳаққиқ С. Сизикова дар рисолаи худ “Назария ва амалияи тарбияи мусиқӣ - эстетикии мактаббачагон (дар мисоли Тоҷикистон)” (1993) таҷрибаи миллии моро таҳлил карда, нақши оила ва воситаҳои ахбори оммавиро дар ин раванд муҳим шуморидааст [137]. Т. Жоробеков, С.

Куракин ва В. Лоренц низ масъалаи ҳамкории оила, мактаб ва муассисаҳои иловагиро аз ҷиҳатҳои гуногун баррасӣ намудаанд [103; 116; 120].

Дар байни корҳои илмию методии ватанӣ таҳқиқоти М. Юлдашева арзиши махсус дорад. Ӯ таърихи ташаккули системаи таълими мусиқӣ дар Тоҷикистонро аз давраи пешазинқилобӣ то замони истиқлол таҳлил намуда, саҳми муассисаҳои фарҳангиро дар ташаккули таълими мусиқӣ муайян кардааст [144].

Дар Тоҷикистон баъди солҳои истиқлол, махсусан пас аз қабули Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», таваҷҷуҳ ба ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва оила афзуд. Бо вуҷуди ин, то ҳол таҳқиқоти системавӣ оид ба робитаи муассир миёни мактаб, оила ва муҳити иҷтимоӣ каманд.

С.Раҳимов ҷанбаҳои фалсафию педагогии тарбияи мусиқӣ-эстетикиро таҳқиқ намуда, Д. Раҷабзода омодасозии хонандагонро ба ҳаёти оилавӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар рисолаи А. Алиев “Ташаккул ва рушди салоҳияти мусиқии хонандагон” (2020) назарияи салоҳиятнокӣ ҳамчун заминаи татбиқи босамари таълими мусиқӣ пешниҳод мешавад [130; 94; 131].

З. Норова ба масъалаи рушди муассисаҳои кӯдакон ва нақши волидайн дар тарбияи эстетикӣ пардохтааст. Д. Рустамов саҳми мусиқии миллӣ ва истифодаи анъанаҳои халқиро дар дарси мусиқӣ арзёбӣ намудааст. Д. Латипов ва А. Нуров зарурати ҳамкории зичи оила ва мактабро таъкид намудаанд [127; 113; 55; 65].

Дар таҳқиқоти Н. Алексеенко масъалаи таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва синнусолӣ ба ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. А. Гулов ва Б. Мирбобоева низ ба робитаи оила ва мактаб дар ташаккули арзишҳои ахлоқию эстетикӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд [147; 99; 123].

Дар омӯзиши методикаи таълими мусиқӣ корҳои М. Юлдашева, Ҷ. Охунов ва К. Раҳимзода аҳамияти калон доранд. Онҳо истифодаи сурудҳои халқӣ, маросимҳои миллӣ ва унсурҳои фарҳанги мардумиро дар дарси

мусиқӣ тавсия медиҳанд, ки ба баланд шудани завқи эстетикӣ мусоидат мекунад [144; 70; 75].

Ҳамин тавр, аз таҳлили корҳои илмии анҷомёфта бармеояд, ки гарчанде мавзӯи тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ аз паҳлуҳои гуногун таҳқиқ шудааст, аммо масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, оила ва муҳити фарҳангӣ дар шароити истиқлол то ҳол пурра омӯзиш наёфтааст. Камбудиҳои назариявӣ ва амалии ин раванд зарурати таҳқиқи навро ба миён овардааст.

Аз ин рӯ, омӯзиши роҳҳои такмили ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули мусиқӣ-эстетикии хонандагон ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалии педагогика аҳамияти бузург дорад ва метавонад ба такмили сиёсати фарҳангии кишвар мусоидат кунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ -** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси баҳисобгирии нақшаи корҳои илмӣ - таҳқиқотии факултети “мусиқӣ - омӯзгорӣ” - и МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” ва таъмин намудани омодагии касбии донишҷӯён - мутахасисони соҳаи таълим ва тарбияи хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ роҷеъ ба инкишофи мусиқӣ - эстетикии хонандагон дар ҳамкорӣ бо оила ва мактаб ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот -** баррасӣ намудани шартҳои педагогӣ барои ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар заминаи асосҳои назариявӣ - методӣ ва амалӣ-технологии кори иҷтимоӣ.

**Вазифаҳои асосии таҳқиқот иборат аст, аз:**

омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули мусиқӣ - эстетикии хонандагон дар илми педагогика;

муайян сохтани моҳият, вазифаҳо, мазмун ва омилҳои ташаккули фарҳанги мусиқӣ - эстетикии муҳассилин дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

таҳқиқи фаъолияти тарбиявӣ-эстетикии омӯзгори мусиқии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хонавода ва роҳҳои такмили он дар асоси нигоҳи нав;

таҳияи тавсияҳои илмӣ - методӣ оид ба ҳамкории мактаби муосир ва хонавода дар ташаккули мусиқӣ - эстетикии хонандагон.

**Объекти таҳқиқот:** муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, фарҳанг ва муҳити хонаводаҳо дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ - эстетикии хонандагон мебошад.

**Предмети таҳқиқот:** муайян кардани шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва хонавода дар ташаккули мусиқӣ - эстетикии хонандагон интихоб шудааст.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ташаккули фарҳанги мусиқӣ - эстетикии хонандагон, ҳангоми ҳамкории зичи ниҳодҳои асосии ин раванд - муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ, муассисаҳои фарҳанг ва муҳити хонаводагӣ - самаранок таъмин гардида, анъанаҳои бадеии маҳал дар асоси моделҳои нави педагогӣ ба таври ҳамаҷониба ба ҳисоб гирифта шуда, шартҳои зерин бояд риоя шаванд:

- таъмини устувории анъанаҳои бадеии маҳаллӣ;

- ҳисоб гирифтани хусусиятҳои ҳамкории мактаб ва оила ҳангоми гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо падару модар оид ба тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ дар оила;

- риояи ҳамкории мактаб ва оила тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таҳсил ва тарбияи кӯдакон»;

- аъзоҳои оила иштирок ва масъулияти фаъолона дар чорабиниҳои фарҳангии мактаб дошта бошанд;

- таъмини мувофиқати қарорҳои қабулшуда дар оила оид ба таҳсилоти мусиқӣ бо мактаб ва равона гардидан ба арзишҳои муҳими тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ барои рушди ҳамаҷонибаи хонанда.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот. Марҳилаи аввал (солҳои 2020 - 2021)** омодагӣ мебошад. Дар ин марҳила таҳлили назариявии маъхазҳои фалсафию психологӣ, педагогӣ, сотсиологӣ ва методологӣ, инчунин рисолаҳо оид ба

масъалаҳои таҳқиқот гузаронида шуданд. Муайян намудани мақсад, вазифаҳо ва базаи таҷрибавии таҳқиқот, тартиб додани нақша коркард карда шуд.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2021 - 2022).** Интихоби усулҳои ҷамъоварию таҳлили мавод ва системавӣ гардонидани онҳо, коркарди назариявии масъалаҳои таҳқиқотӣ, ташаккули заминаи методологии рисола, асосноккунии принсипҳо ва усулҳои педагогӣ. Гузаронидани намудҳои гуногуни чорабиниҳои фарҳангӣ дар давраи корҳои озмоишӣ. Барои озмоиши масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти илмӣ - педагогӣ мактаб ва муҳити хонавода интихоб шуданд.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2022 - 2025).** Ҷамъоварии маълумоти таҷрибавӣ, коркард, таҳлил ва ҷамъбасти онҳо, ба низом даровардан ва тарҳрезии матни таҳқиқоти рисолаи илмӣ. Дар ин марҳила меъёрҳои асосии фоиданокии гузаронидани машғулиятҳои тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо ҳамкории хонавода нишон дода шуд.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти** илмӣ ба равишҳои зерини ташаккули арзишҳои мусиқӣ ва эстетикӣ - системавӣ, фарҳангӣ, аксиологӣ асос ёфта, чунин таҳқиқотҳоро оид ба таърих ва назарияи маориф ва тарбияи мусиқӣ дар ҷумҳурӣ дарбар гирифтааст: дар соҳаи таърихи таълиму тарбияи мусиқӣ дар ҷумҳурӣ (С. Сизикова, М. Юлдашева, М. Набиева, Б. Хайруллоев ва дигарон [137; 169; 125; 84] мақола, асар, таҳқиқотҳои илмию оммавӣ ба таълиму тарбияи хонандагон дар тарбияи забоипарастӣ - дар сатҳи фалсафӣ - мафҳумҳои гуманистии Р. Амонов, С. Раҳимов, В. Мирзоев [22; 130; 156] таҳқиқоти иҷтимоию психологии талаботи хонанда ва назарияи инкишофи қобилияти эҷодӣ - Д. Рамазонов [160], назарияҳои педагогии Б. Хайруллоев, В. А. Школяр - Е. Д. Критская [84; 64], муқаррарот дар бораи тарбияи мусиқию эстетикӣ - Д. Рамазонов, В.Н. Шацкая, Е.Б. Зотова, Т.Жоробеков [160; 89; 108; 103] ва ғ. консепсияи тарбияи эҳсосӣ-мусиқӣ-эстетикӣ ва бадеию эстетикии воситаҳои асосии тарбияи ҷаҳонбинии эстетикии хонандагонро муайян мекунанд.

Дар педагогикаи ватанӣ ба масъалаҳои муҳити хонаводаҳо дар ташаккули фарҳанги забоипарастии хонандагон ва дар раванди он инкишоф додани сифатҳои маҳорату қобилиятҳо дар таҳқиқотҳо ва дастурҳои Б. Хайруллоев, З. Назарова, Ҷ. Охунов (методикаи таълими суруд ва мусиқӣ) [84; 126; 70]; А. Нуров, Н. Турсунов, Х. Раҳимзода, Д. Латипов, Д. Рамазонов, Р. Рамазонова, А. Ёрматов, А. Гулов, Б.Мирбобоева (ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа) [65; 83; 129; 55; 72; 73; 102; 99; 123]; Д. Рустамов, З. Норова, З. Назарова, Д. Раҷабзода (таълим ва тарбияи мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва оила) [133; 127; 126; 131] таваҷҷуҳи махсус дода шудаанд, ки онҳо асоси назариявии таҳқиқотҳои муосир дар замони соҳибистиқлолии кишвар гардидаанд.

**Сарчашмаҳои маълумотро** осори илмӣ, педагогию психологӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; санадҳои ҳуқуқию меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла: барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2020, барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2025, барномаи давлатии рушди мусиқии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (2013) [16], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ” (2006) [14], Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 [12], Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибхтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар соли 2007-2010, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” (2011) [17], Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар, омӯзгор ва ҷомеа (2024) [18], Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2009) [15], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2013) [19], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” (2024) [20], Консепсияи рушди этнофарҳангии Ҷумҳурии

Тоҷикистон (1998) [11], Консепсияи миллии таҳсилот (2002) [8], Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006) [9], Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998) [7], Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» (2015) [13] ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони ватанию хориҷӣ иникос карда шуд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** таҳлили адабиёт оид ба масъалаи таҳқиқотӣ, мушоҳида, пурсишнома, мусоҳибаҳо, суҳбат, санҷиш, пурсиш, таҷрибаи педагогӣ, арзёбӣ, таҳлили мундариҷаи иттилооти гирифташуда, таҳлили эҷодиёти кӯдакон ва ҷамъбасту хулосабарорӣ, мушоҳидаҳои педагогӣ дарбар гирифта шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Синои ш. Душанбе, №28 - и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, марказҳои тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ва таҳсилоти иловагии хонандагону наврасон ва оила мебошад. Дар таҳқиқот беш аз 189 нафар иштирок доштанд, ки 173 нафари онҳо - хонандагон, 2 нафар - омӯзгорони мусиқӣ, 12 нафар - омӯзгор ва 2 нафар - омӯзгорони таҳсилоти иловагӣ фаро гирифта шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия вазъи таҳқиқоти илмӣ - педагогӣ ва фарҳангшиносӣ ва таҷрибаи муассисаҳои муосири таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти иловагии хонандагон, оилаҳоро дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ ҳамаҷониба таҳлил намуда, ба навоварии зерин ноил гардидааст:

- роҳҳои самарабахши ташкил ва истифодаи ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули мусиқӣ - эстетикии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ муайян карда шудаанд;

- воситаҳои мақсаднок ва мунтазами педагогии таълими мусиқӣ ҷорӣ карда шуданд, ки ба баланд бардоштани шавқи хонандагон ба мусиқӣ ва мусиқӣ - эстетикӣ нигаронида шудаанд;

- муносибати ташкил ва истифодаи фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ дар муассисаҳои таълимӣ асоснок карда шудааст;

- тибқи консепсия шароитҳои педагогӣ ва психологии ташаккули фарҳанги мусиқӣ - эстетикӣ дар хонандагон муайян карда шудаанд;

- роҳҳои оптималии ташкили фаъолияти таълимӣ ва эҷодии хонандагон дар дарс - консертҳо нишон дода шудаанд;

- тавсияҳои илмию методӣ омода ва пешниҳод карда шуданд;

- муайян карда шуд, ки барои мустаҳкамсозии рағбат ба мусиқӣ ва шаклҳои дигари санъат истифодаи методи интерактивӣ, бозиҳои мусиқӣ, иҷрои бадеии нақшҳо ва дигар усулҳои фаъол муҳим ба шумор меравconfigure;

- муайян гардид, ки истифодаи анъанаҳои бойи фарҳанги миллӣ дар дарсҳои мусиқӣ ва дигар шаклҳои санъат дар завқи мусиқӣ - эстетикии хонандагон муҳим мебошад.

**Муқаррароти зерин барои дифоъ пешниҳод карда мешавад:**

- тарбияи мусиқӣ яке аз шаклҳои муҳими тарбияи эстетикии хонандагон ба шумор рафта, бояд мақсаднок дар заминаи усулҳои беҳтарини педагогӣ ба роҳ монда шавад. Зеро, маҳз дар натиҷаи ин амал имконият фароҳам меояд, ки барои хонандагон муҳити мусоиди ҷомеапазирӣ, муошират бо ҳамсолону дигарон ва ҳисси баланди эстетикӣ муҳайё гардад;

- яке аз методҳои муосиру самараноки тарбияи мусиқии хонандагон ва ба ин васила баланд бардоштани ҳисси эстетикии онҳо методи интерактивӣ, бозӣ, иҷрои бадеии нақшҳо ва дигар усулҳои фаъол ба шумор меравanд;

- ба ҳам муттаҳид кардани саъю талоши мактабу оила дар самти сайқалдиҳии маҳорати дарку иҷрои супоришҳо дар дарсҳои мусиқӣ барои тарбияи эстетикии хонандагон хеле муҳим аст. Зеро оила яке аз ниҳодҳои муҳиму муътабари тарбия мебошад ва нақши он барои фаъолгардонии завқи эстетики хонандагон, аз ҷумла мустаҳкамсозии рағбат ба мусиқӣ ва шаклҳои дигари санъат бузург аст;

- ташкили педагогии дарсҳо аз намудҳои гуногуни санъат, аз ҷумла санъати мусиқӣ барои кӯдакон набояд бидуни ба эътибор гирифтани хусусиятҳои синнусолии онҳо ба роҳ монда шавад;

- ба вуҷуд овардани шароити пайвастагии дарсҳои санъати мусиқӣ ва умуман тамоми шаклҳои дарси санъат бо анъанаҳои бойи фарҳанги миллӣ яке аз омилҳои ба муваффақият ноил шудан дар роҳи баландбардории тарбияи эстетикии хонандагон мебошад. Танҳо муҳим аст, ки чунин пайвастагиро бо маҳорати эҷодкорӣ ба роҳ монд;

- дар ҷараёни ташкили педагогӣ ба талаботи худтатбиққунии хонандагон ва дар ин замина интихоби онҳо аз шуғлварзӣ ба иҷрои асбобҳои дилхоҳи мусиқияшон, иҷрои бадеии нақшҳои интихобкардаашон эътибор додан муҳим аст.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқотии** рисола дар васеъ намудани ақидаҳои илмӣ дар бораи эҳтиёҷоти фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ ва хусусиятҳои ташаккули онҳо дар хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ иборат аст, ки онро маҷмуи аслии мукаммали равишҳои фарҳангӣ, барои омӯзиши масъалаҳои ташаккули дарсҳои мусиқӣ, таъмини дурустии ташаккули он ва фароҳам овардани имконият барои ноил шудан ба ҳадафи омӯзиш;

- моҳияти мафҳуми «талаботи мусиқӣ - эстетикӣ» - и хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ, ки дар тахқиқот ҳамчун масъалаҳои хонаводагӣ ва ҳамкорӣ ба мактаб, сарчашмаи фаъолияте, ки хонандагон ба худшиносии фарҳангии худ ифодаи эҷодӣ, дарки эҳсосотӣ ташвиқ менамояд, равшан намуд;

- принсипҳои ташаккули хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ, ягонагии тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ бо назардошти шавқу ҳаваси хонаводагӣ ва хусусиятҳои синнусолии хонандагон;

- муайян намудани ҳиссиёти мусбат дар ҷараёни дарси суруд ва мусиқӣ.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот -** натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои илмӣ - методии таҳияшуда барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

умумӣ, таҳсилоти иловагии хонандагон ва наврасон ва хонавода дар корҳои тарбиявӣ – мусиқӣ - эстетикӣ кумак расонида метавонад. Инчунин, маводи дар рисолаи илмӣ овардашуда барои шуъбаи маориф ва фарҳанг ва дигар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ дар минтақа ва ҷумҳурӣ ҳамчун дастури хуби таълимӣ-методӣ кӯмак расонида, дар семинарҳои кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг истифода шуда метавонад.

Пешниҳодҳои илмӣ-методие, ки дар рисолаи илмӣ ҷой дода шудаанд, аз ҷониби кормандони соҳаи маориф дар ташаккули мусиқӣ-эстетикии хонандагон мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти** гузаронидаи рисола чунин баҳогузорӣ карда мешавад:

- дурустии усулҳои таҳқиқот, ки ба объект, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд;
- илман кор карда баровардани хулосаҳои назариявӣ;
- асосноккунии дурустии мантиқии аппарати илмӣ ва риояи одоби тахқиқоти илмӣ;
- таҳлили миқдори зарурии корҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хориҷӣ;
- муқоисаи натиҷаҳои ба даст овардашуда дар соҳаи педагогикаи мусиқӣ;
- ташкили кори таҷрибавӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои мусбат;
- такрор кардани натиҷаҳои таҳқиқот дар системаи таҳсилоти умумӣ дар давоми таҷриба аз соли 2020 то 2024;
- иштироки шахсии муаллиф дар озмоиши педагогӣ, инчунин, дар амалияи кори муассисаҳои таҳсилотии шаҳри Душанбе, ҷорӣ намудани натиҷаҳои ба даст овардашуда.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсионии “Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ - эстетикии хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ, (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз инҳо иборат аст:**

- санҷиши натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ;
- баромадҳо дар конфронсҳои илмӣ - амалии байналмилалӣ;
- иштирок дар семинарҳои илмӣ - амалӣ;
- чопи мақолаҳо дар нашрияҳои маводи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла нашрияҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст, инчунин ҳангоми истифодаи маводи омӯзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти шаҳри Душанбе.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот** дар МТМУ №56 - и ноҳияи Синои ш. Душанбе ва МТМУ №28 ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, дар рафти машварати омӯзгорони мусиқӣ, хонавода, таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасони шаҳри Душанбе гузаронида шуд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мундариҷа, моҳияти асосии рисола дар маводҳои нашри муаллиф инъикос гардидааст. Мундариҷаи рисола дар шакли мақолот, фишурдаҳои илмӣ ҳамасола дар конференсияҳои илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ доир гардида, ташреҳ дода шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** дар 25 - то мақола баён гардиданд**,** аз ҷумла 7 - тои онҳо дар матбуоти даврии тавсиякардаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар конференсияҳои байналмилаллӣ дар Федератсияи Россия, 4 мақола дар конференсияи байналмиллалӣ дар шаҳри Тошкент ва 11 мақола дар конфренсияҳои ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, се фасл, шаш зерфасл, озмоиши педагогӣ, хулоса, номгӯи адабиёт ва замимаҳои истифодашуда иборат аст. Муҳтавои рисола дар 172 - саҳифаи ҳуруфчинии компютерӣ баён карда шудааст. Дар матн 11 - ҷадвал, 3 – расм, 2 - амсила ва 4 - диаграмма мавҷуд мебошад. Руйхати адабиёт 169 номгӯро фаро гирифтааст.

# ФАСЛИ 1. ТАРБИЯИ ЭСТЕТИКӢ ҲАМЧУН САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАҲСИЛОТИ МУСИҚӢ

## 1.1. Раванди ташаккули таҳсилоти мусиқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият

Фарҳанги мусиқӣ дар низоми мафҳумҳои олии илмии башар ҳамчун инъикосгари фарҳангмандии миллат шинохта шуда, хусусиятҳо, ҳолату эҳсосоти тахайюлӣ, лирикӣ ва фоҷиавӣ, дарки зебоӣ ва унсурҳои ватандӯстиро таҷассум намуда, мазмуну муҳтавои нав касб мекунад. Чунон ки мегӯянд: «Мусиқӣ зар, ҷавшан ва нигаҳбони ҳамаи ҳунарҳои зебо маҳсуб меёбад».

Фарҳанги мусиқӣ дар тӯли таърихи башарият ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мутафаккирон ва давлатмардон қарор дошта, ҷойгоҳи хосе доштааст. Мусиқӣ бо муъҷизаҳои худ тавонистааст, ки аз овони кӯдакӣ ба қалби инсон роҳ ёбад ва дар ҳама давру замон ҷузъи муҳими равандҳои таълиму тарбияи насли наврас бошад. Агар аз ҳамин дидгоҳ ба низоми таълимии соҳаи маорифи кишварамон назар афканем, мебинем, ки имрӯз таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф, бахусус ба таълими суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва тақвияти ҳамкории мактабу оила рӯ ба афзоиш аст.

Дар тӯли таърих мусиқӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи рушди қобилиятҳои зеҳнии кӯдакон ва наврасон шинохта шуда, инкишофи шунавоии мусиқӣ ва завқи бадеии онҳо дар раванди тағйироти фарҳангӣ заминаи рушди босуботи фарҳанги мусиқии миллӣ мегардад.

Қисматҳои гуногуни санъат, аз ҷумла мусиқӣ, яке аз унсурҳои муҳими таъмини рушди ҳамаҷонибаи шахсият мебошад. Зеро мусиқӣ дар лаҳзаҳои мухталифи зиндагӣ ҳамраҳи инсон буда, ба ӯ рӯҳия мебахшад, дармони ғамҳост ва ангезандаи нерӯи ботинии ӯ мебошад.

Аз замонҳои қадим то имрӯз мусиқӣ ҳамчун манбаи илҳом ба ҷомеа таъсир расонда, таваҷҷуҳи шунавандагонро ҷалб менамояд. Фарҳанги мусиқӣ дорои қудрати бузургест, ки на танҳо тавассути ҳамкории муассир миёни мактабу оила, балки дар шароити гуногуни зиндагӣ, муҳаббати хонаводагиро таҳким бахшида, ба инсон оромӣ мебахшад ва ӯро аз ранҷу ғам раҳондааст.

Мо тасмим гирифтем, ки рушди фарҳанг ва санъатро барои хонандагон равшан намуда, таълими суруд ва мусиқиро дар ҳамбастагӣ бо оила ба роҳ монем. Зеро заминаи ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, ҷисмонӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва эстетикӣ маҳз дар давраи таҳсилоти мактабӣ гузошта мешавад.

Мусиқӣ яке аз бахшҳои муҳими фарҳанги мардуми тоҷик ба шумор меравад ва аз қадимулайём то ба имрӯз дар ҳаёти мардум ҷойгоҳи намоён дорад. Мусиқии мардуми тоҷик таърихи чандҳазорсола дошта, дар тӯли асрҳо рӯйдодҳои таърихӣ, шароиту муҳити зист ва зиндагии иҷтимоии мардумро инъикос намудааст. Бояд зикр кард, ки ҳанӯз 1400 сол қабл хунёгари машриқзамин - Борбади Марвазӣ бо истеъдоди фавқулодаи худ мардуми минтақаашро ба шигифт оварда буд.

Мусиқӣ дар ташаккули чаҳонбинӣ ва ахлоқу маънавиёти инсон бахусус дар тарбияи хонандагон ва дарки зебоипарастии онҳо саҳми басо бузург дошта, дар ҳаёти инсон нақши муҳим дорад, тарбияи зебоипарастиро дар оила падару модар ва дар мактаб муаллим таълиму тарбия мекунад.

Таълими мусиқӣ яке аз муҳимтарин омилҳо дар ғанӣ гардонидани фарҳанги умумӣ, қобилияти сарояндагӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон ба ҳисоб меравад. Ягон ҷашни мактабӣ набояд бидуни мусиқӣ баргузор шавад, зеро мусиқӣ хонандагонро ба зиндагӣ ва мактаб, оила ва омӯзгор дилгарм карда, онҳоро ба роҳи дуруст ҳидоят менамояд.

Муҳити оилавӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ифшо додани таҷрибаи мусиқии кӯдакон буда, хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ қисми зиёди ҳаёти худро дар он мегузаронанд. Дастурҳои арзишманди оила дар соҳаи санъати мусиқӣ дар аввал завқ ва афзалиятҳои мусиқии хонандагонро ташаккул

медиҳанд. Мавқеи оила асосан ҳам далел ва ҳам муваффақияти кӯдакро, ки таҳсилоти мусиқӣ мегирад, муайян мекунад.

Дар даврони истиқлолияти кишвари азизамон, Тоҷикистони зебоманзар, ки тамоми шохаҳо ва рукнҳои фарҳанги мусиқии тоҷик ифшо меёбад, дар он ҳунармандони тоҷик фарҳанги бойи худро пешниҳод мекунанд. Онҳо бо ин восита ба комёбиҳои нави корҳои эҷодӣ ноил мегарданд. Дар гузаронидани чорабиниҳои гуногуни фарҳангу ҳунарӣ миллӣ, намоиш додани барномаҳои консертӣ ва сабтҳои оинаи нилгун, гуш кардани радио, бо истифода аз таҷҳизотҳои гуногуни технологияҳои муосир дастгиру мададгори аҳли хонавода мебошанд. Тавассути шабакаҳои интернетӣ пайваста суруду навоҳои рангомези мардуми тоҷик дар иҷрои ҳунармандони асилу бомаҳорат дар рӯи олам паҳн мегарданд.

Дар ин зерфасл, таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар даврони Истиқлолият ба соҳаи фарҳанг, маориф, бахусус ба таълими суруд ва мусиқӣ, тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ва зебоипарастӣ дар муассисаҳои таълимӣ оварда шуда, қонунҳои Ҳукумати ҶТ дар ин самт баррасӣ гардидааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар даврони Истиқлолияти ҶТ як қатор фармонҳои Президенти мамлакат ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири рушди санъати мусиқии анъанавии тоҷик, аз ҷумла: Шашмақом (2000, 12 - уми май) ва Фалак (2007, 10 - уми октябр) бароварда шуданд. Ифтитоҳи мактаби олии касбии мусиқӣ - Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов (2003) низ зодаи даврони Истиқлол мебошад. Ҳамзамон баргузории фестивал - симпозиумҳои бонуфузи байналмиллалӣ (Шашмақом, Фалак, Баҳористон, Аржанг ва ғ.) солҳои 2000 - 2011 дар солҳои Истиқлолият боиси баланд бардоштани обрую эътибори тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ гардид.

Ҳамчунин чорабиниҳои бузург, аз қабили «Тоҷикистон – ватани азизи ман» ва «Фуруғи субҳи доноӣ - китоб аст» бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мешаванд.

Инчунин, дар таҳия ва амалигардонии ҳуқуқҳои хонанда ҳангоми таҳиясозии санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (1993, 1997, 2003, 2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Субҳи умед) (2011), Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998), Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011), Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар, омӯзгор ва ҷомеа» (2024), Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» (2015), Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» (2006) ва ғайраҳо талаботҳои Конвенсия дар барои ҳуқуқӣ кӯдак ба инобат гирифта шудаанд [1-20].

Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар, омӯзгор ва ҷомеа” дар таълиму тарбия, аз ҷумла масъалаҳои ба ҳуқуқи хонанда ба таҳсил дар муассисаҳои давлатии таълимӣ, истироҳату фароғат мувофиқи синнусол, ба зиндагӣ ва тарбия дар оила, имконияти шиносоӣ ба фарҳанги миллӣ, таъриху анъанаву арзишҳои маънавии халқи тоҷик, комёбиҳои фарҳангии ҷаҳонӣ, ҳифз аз таъсири манфии муҳити иҷтимоӣ ва ғайраҳо диққати махсус дода шудааст [18].

Ҳоло вазифаи асосӣ ва касбии ҳар яки мо аз он иборат аст, ки самти фаъолиятамонро куллан дигаргун намоем. Навигариҳои азим ва такони ҷиддиро дар пешрафти муассисаҳои таҳсилотӣ равона созем. Дар роҳи ҳалли иҷрои вазифаҳои азим ва пурмасъулият бо тамоми қувва кӯшишу ғайрат намоем. Дар ҳамкории мактабу оила, хонандагонро дар рӯҳияи ватандӯстиву инсонпарастӣ парвариш намуда, дар дили онҳо ҳисси баланди ифтихор аз миллату давлатро бедор созем. Аз таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ ва болоӣ хонандагонро бо фарҳанги мусиқӣ, яъне сурудхонӣ ва ё навохтани асбобҳои мусиқӣ майлу рағбаташонро бедор карда, ба қалби кучаки онҳо фарҳанги тоҷикиро бедор намоем.

Дар ин маврид, қайд кардан ба маврид аст, ки дар муассисаҳои умумии таҳсилотӣ ва муассисаҳои иловагӣ мутахассисон дар ҷодаи фарҳанг суруду таронаҳои нав бахшида ба Пешвои миллат, Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳдати миллӣ, Парчами давлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Модар, эҷод карда истодаанд. Дар ин ҷода эҷод намудани таронаҳои дорои вижагиҳои ватандӯстиву мусиқӣ-эстетикӣ, ифшо намудани китобҳои дарсӣ, бедор намудани ҳисси ватандорӣ ва эҳтиром кардани суруди миллӣ, парчам ва нишон боиси қайд мебошад.

Хонандагонро дар шароити имрӯза бояд дар сатҳи маърифати баланд, дорои лаёқати эҷодӣ, ҳаматарафа рушд ёфтан тарбия бояд кард. Ҳамаи ин бештар бо воситаи дарси мусиқӣ сайқал дода мешавад.

Ҳар як дарси мусиқӣ бояд хонандагонро бо донишҳои нав бой гардонад, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ кунад, маҳорат ва қоибилияти мусиқиро инкишоф диҳад ва ё он чиро, ки пештар омухта буд, такмил диҳад. Хонандагон аз дарс ба дарс пеш мераванд, гуё ба нардбони дониш мебароянд.

Интизор меравад, ки дарсҳои мусиқӣ хонандагонро дар тамоми ҷанбаҳои мусиқӣ инкишоф дода, ба фарҳанги мусиқӣ замина мегузорад.

Дарсҳои мусиқӣ ҳисси дарк кардани завқи эҷодиёти мусиқиро таъмин мекунад, ҳисси зебоипарастиро инкишоф медиҳад, аз мазмуни маънавӣ ва эстетикии бастакор ё мусиқии халқӣ баҳравар мегардонад. Дар дарс ҳамаи намудҳои фаъолияти эҷодӣ, ки бо ҳам зич алоқаманданд, самаранок мебошанд.

Дарси суруд ва мусиқӣ барои аз бар намудани матни шеър, сароидани суруд бо сози мусиқӣ, барои иштирок намудан дар озмунҳо, олимпиадаҳо ва озодона муносибат кардани хонандагон мусоидат мекунад. Дар ин росто, таҳия намудани китобҳои дарсии суруд ва мусиқӣ аз тарафи мутахассисони соҳа низ яке аз дастовардҳои назарраси соҳаи тарбияи мусиқӣ ва инкишофи мусиқӣ дар даврони Истиқлолият ба шумор меравад, ки аз он ҳам дар оила ва ҳам дар мактаб ба таври васеъ истифода мебаранд. Баъзе аз ин китобҳои

муаллифони зерин боиси қайд мебошанд: С.Саторов, Г.Сафаров ва К.Ҳалимов - китобҳои мусиқии синфҳои 1 - 6 - и мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ [77, 78, 86],

Таҳия намудани китобҳои дарсии суруд ва мусиқӣ  аз тарафи мутахассисони соҳа низ яке аз дастовардҳои назарраси соҳаи тарбияи мусиқӣ ва инкишофи мусиқӣ дар даврони Истиқлолият ба шумор меравад, ки аз он ҳам дар оила ва ҳам дар мактаб ба таври васеъ ҳамчун амсила истифода мебаранд.




Якчанд  сурудҳоро аз ин китобҳои дарсӣ мавриди таҳлил қарор додем, ки дар барномаҳои синфҳои аз 1 то 6 - и дарси “суруд ва мусиқӣ” - и мактабҳои таҳсилоти умумӣ истифода бурда мешаванд.

Дар мавриди таҳқиқ, интихоби суруд таваҷҷуҳ бештар ба мавзуҳои мактаб, муаллим, модар, падар, хоҳар, бародар, бобо ва дигар аъзоени оила равона шуда, ба нақша гирифта шудаанд.

Суруди миллӣ аз синфи 1 то синфи 6 омӯзонида мешавад. Пеш аз омухтани дарси суруд ва мусиқӣ дар китоби “Алифбо”,  суруди миллӣ барои омӯзонидан пешниҳод карда шудааст. Дар китоби суруд ва мусиқии синфи 2 бошад, он нотабандӣ гардидааст. Суруди миллӣ яке аз рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, донистани он барои на танҳо хонандагон, балки барои ҳар як фарди ҷумҳурӣ зарур  аст. Ҳар як давлат суруди миллӣ ва парчами худро дорост. Аз синфи якум то синфи шашум дар оғози ҳамаи

чорабиниҳо “Суруди миллӣ” сароида мешавад ва дар ҳамаи китобҳои дарсӣ барои хонандагон дар саҳифаи аввал дарҷ гардидааст [38].

Суруди миллӣ дар бораи муҳаббат ба Ватан ва ватандӯстӣ, озодӣ ва зебоии ватан, дар бораи баробарҳуқуқӣ, саодати миллат, поянда будани Ватан, эътирофи ҷумҳурии маҳбуби мо мебошад. Суруди Миллиро ҳар замон ҳамчун муқаддасоти миллӣ аз ҷой бархеста, бо қомати рост, дастон ба пеши бар, бо овози форам, либоси мактабӣ ва бо оҳанги мутантан иҷро мекунанд.

Дар синфи якум сароввал рамзҳои давлатии Тоҷикистон, инчунин нишон ва парчам омӯзонида мешавад, зеро хонандагон аз таҳсилоти ибтидоӣ бояд аз муқаддастои миллӣ ва аз ҷумла аз рангҳои парчами миллати худ бохабар бошанд.

Китоби “Сурудҳо” барои синфи 1 - ум, ки аз тарафи мураттиб ва муҳаррири мусиқӣ, композитори тоҷик Ҷ. Обидпур дар бораи мактабу оила (суруди “Занги аввал”, “Мактаби мо”, “Модарам”, “Модари ҷон-модарам” ва “Дастёр” ба мактаб, муаллим ва аҳли хонавода) бахшида шудааст, онро мо дар дарс - консертҳо низ озод истифода мебарем. Дар саҳифаи 5 - уми ин китоб суруди “Занги аввал” пешниҳод мегардад, муаллим дар баробари омӯхтани ин суруд, нотаҳои онро низ меомӯзонад. “Нақарот”-и ин суруд маҳз ба мактаб вобаста аст.

Шоир дар суруди “Занги аввал”, (мусиқии Ҷ. Обидпур, шеъри Х. Ҷумъазода), хонандагонро барои ба дарси аввалин ҳозир шудан, даъват менамояд. Дар “Занги аввал” дилҳои хонандагон ба ҷуш омада, садои дили ҳар яки онҳоро таҷассум менамояд [67, с.4-5].

Дар синфи якум, суруди “Мактаб” бар шеъри М.Миршакар, мусиқии Ҷ. Рустамова, ки оварда шудааст, муҳаббати бепоёни хонандагонро нисбат ба мактаби худ таҷассум мегардаонад. Мо дар дарс - консерт суруди “Мактаб”-ро пеша намудем. Хонандагони синфи якум аз мактабҳои пойтахт ин шеърро ҳамчун боғу бӯстон ҳисобида, иброз менамоянд, ки мо бо панду ҳикматҳои омузгорони мактаб ҳамеша руҳбаланд мешавем. Он панду насиҳате, ки ба мо

дода мешавад, сари вақт онро баҷо меоварем. Ин шеър нақарот дорад, ки хонандагони синфи 1-ум ҳамчун хор (дар якҷоягӣ) месароянд [67, с.6-7].

Дар саҳифаи 26 китоби дарсӣ барои синфҳои 1-ум суруди “Модарам” омӯзонида мешавад. Мафҳуми ин суруд чуин аст: хонандагон муаллимро баробари модар медонанд, чунки он кас аз китоби “Алифбо”, ба онҳо ҳарфҳоро меомӯзонад, навистанро ёд медиҳад. Омӯзгор ба хонандагон доимо таъкид менамояд, ки бо баҳои хубу аъло хондан дар мактаб вазифаи ҳар як хонанда мебошад. Омӯзгор ба монанди модар ҳамеша ба шогирдонаш меҳрубон буда, гуфтору рафтораш нек буда, ба дигарон бояд намуна бошад. Ин суруд аз нақорот иборат аст, ки ҳар як бандаш 2 - маротиба такрор мешавад [67, с.26-27].

Дар ин китоб суруди “Модарҷонам модарҷон”, шеър аз Ҷ. Ҳошим, мусиқии В. Абдураҳмонов оварда шудааст, ки пеш аз матн ва нотаҳои мусиқӣ, дар китоб расми модар муҷассам гардидааст. Дар ин суруд хонандагон модарони руи оламро хушрутарин, дилҷӯтарин ва некутарин меҳисобанд. Ин суруд муҳаббати фарзандро ба модарон зиёд менамояд. Зеро дар ҳар як хонавода модар сарчашмаи ҳаёт, давомдиҳандаи насл ба ҳисоб меравад [67, с.46 - 47].

Интихоби суруди дигар бо номи “Дастёр”, ки бар шеъри Н.Розиқ, мусиқии Ҷ.Рустамова эҷод шудааст, ба маънои дастгирӣ, ёридиҳанда, кумаккунандаи аҳли хонавода омадааст. Н.Розиқ ин сурудро барои синфҳои аввал (1-ум) навиштааст, ки он бо задани доира иҷро карда мешавад. Хонанда худро ҳамчун дастёри модар меҳисобад. Ин суруд низ бо нотаҳои мусиқӣ омӯзонида мешавад. Ин суруд хонандагонро ба кори хона, кумаки волидайн, барои ба ҳаёт тайёр шудан сафарбар менамояд. Нони тануpӣ, ки аз гармии тануpи тафсон суп - сурх шудааст ва дастархонро зеб медиҳад, дар вақти хурдан ба ҳамаи аҳли хонавода иштиҳо меоварад, ҳамчунин мазаи ширинӣ дорад, бо меҳнати худи хонанда омода карда шудааст, ки аз он аҳли хонавода, волидайн, бобою, бибӣ, хоҳару бародар дар якҷоягӣ руи дастархон нишаста, аз аҳволи якдигар бохабар мешаванд.

Барои санҷидани маҳорат ва азбар намудани барномаи таълимӣ муаллим дар охири сол ҳисобот пешниҳод мекунад [67, с.50].

Сурудҳо дар синфи дуввум дар васфи “Баҳои аввалин”, “Мактабам”, “Модари ҷон, модарам” барои хонавода ва мактаб бахшида шудааст. Дар китоби дарсии синфи дуюми суруд ва мусиқӣ, суруд ба номи “Баҳои аввалин” шеъри А.Furnbобоҷон, оҳанги Ш.Сайфиддинов, ки аз тарафи муаллими мусиқӣ омӯзонида мешавад, хонандагон онро бояд замзама кунанд ва зарби онро бо қарсак ифода намоянд.

Ин суруд барои интизории занги мактаб, ки хонандагон барои ба дарс омода шудан мешунаванд, инчунин тозагию озодагии мактабу худ, гулҳои тару тоза дар синфхонаҳо бахшида шудааст [77, с.8.].

Дар китоби синфи 2-юм, саҳифаи 48, суруди “Мактабам”, шеъри Г.Сулаймонова, оҳанги С.Сатторов пешниҳод гардидааст, ки барои гузаронидани дарс-консерт мо онро ҳатмӣ шуморидем. Дар вақти иҷрои ин машқ муаллим ба мизони овози хонандагон диққат медиҳад.

Ин суруд на танҳо муҳаббати хонандагонро ба волидайн, инчунин меҳри шогирдонро ба мактаб бедор менамоянд. Хонандагон мактабро ҳамчун макони илму дониш, ҳамчун ҷовидон, барои онҳо нури дидагон, муҳаббати мактабро ба монанди модар мунису ғамхор, ҳамчун ёри меҳрубон меҳисобанд.

Г.Сулаймонова дар ин суруд мактабро ҳамчун зебу зинати хонандагон, ҳамчун рафиқи хонадон тараннум менамояд. Хонандагон ин сурудҳоро азбар намуда, муҳаббаташон ба мактаб зиёд мешаванд [77, с.48].

Суруди “Модари ҷон, модарам”, шеъри Б.Раҳимзода ва М.Фарҳат, оҳанги Миратулло Атоев, муҳаббати хонандагонро ба модар ва ватан таҷассум менамояд.

Хонандагон дар образи ин шеър худро ҳамчун падар, сардори оила, ифтихору сиёсатмадор, кордону саховатманди оила, ҳамчун бародар паҳлавон, ҳамчун модар меҳрубон, соҳиби илму маърифат ва лоиқ ба ватани азизи хеш меҳисобанд. Хонандагон ҳангоми сурудан бо ҷӯр сароидани овоз

диққат дода, онро форам месароянд. Суруд бо қомати рост ва овози баланд ва бо як боварии том хонда мешавад. Дар хондани ин сурудҳо синфхона ва ё толори фарҳангӣ бояд аз ҷиҳати мусиқӣ-эстетикӣ оро дода шавад [77, с.70].

Дар синфи 2 - юм дар охири чоряк дарс - консерт баргузор мегардад, ки санҷиши қобилияти эҷодӣ оид ба маърифати мусиқии хонандагон омузонида мешавад. Хонандагон пеш аз гузаронидани чорабинии дарс-консерт ба аломатҳои тағйири мусиқӣ - бекар, бемол, нотаҳои нисфӣ, чорякӣ, ҳашяткӣ, диққат намуда, номи нотаҳои мусиқӣ ва муайян намудани баландии онҳо эътибор дода, бояд навиштани нотаҳоро дар нотагоҳи мусиқӣ тавонанд.

Аз китоби дарсии суруд ва мусиқии синфи 3-юм, муҳаррир Сафари Гулназар, сурудҳои “Мактаби мо”, “Муаллим”, “Модар”, “Бобом кулолгар”, “Муаллими мо” интихоб гардидаанд. Дар китоби мазкур суруди “Мактаби мо” бар шеъри Н.Розиқ ва оҳанги А.Меликов оварда шудааст, ки сухан дар бораи мактабҳои деҳа меравад. Дар вақти хондани ин суруд ба ҳолати нафаскашӣ, даҳонкушоӣ ва истифодаи гардишҳои овоз аз тарафи муаллими суруд ва мусиқӣ эътибор дода мешавад.

Ин суруд муҳаббати хонандагонро ба муаллиму мактаб ангезонида, аз нав, баъди таътил ба идома додани таҳсил омода будани онҳоро таҷассум менамояд. Хонандагон деҳаи худро бениҳоят дӯст медоранд, дар ин деҳа дӯстони зиёд доранд, ки якҷоя бо дӯстон сайругашт карда, мактаби худро новобаста аз хушнуд буданашон интизоранд, инчунин мактаби худро зебову дилоро мепиндоранд. Дар баробари ба мактаб омадан мехоҳанд, ки ҳамеша дарҳои мактаб ба рӯяшон кушода бошад [78, с.7].

Муаллим дар ин суруд васл кардани ҳарфи садоноки “у”-ро дар ду нотаи ҳаштякӣ ба хати камон фаҳмонида, инчунин ба дарознокии овоз эътибор медиҳад. Хонандагон бояд кушиш намоянд, ки сараввал дар алоҳидагӣ онро такрор намоянд, сипас якҷоя сароиданро омӯзанд. Ин суруд интизории хонандагонро ба мактаб инъикос менамояд.

Шеъри М.Мирзоев бар мусиқии Н.Бобокалонова дар толори фарҳангии мактаб аз ҷониби хонандагони синфи 3-юм бо иштироки омӯзгорон ва

волидайн сароида мешавад. Ин суруд бо оҳанги мусиқӣ оғоз мешавад. Дар он омухтани илму фарҳанг, ростиву поквиҷдонӣ, инсонгарой, меҳру муҳаббати беандозаи шогирдон таҷассум гардидааст. Дар баробари дарки мавзуъ, ҳангоми иҷрои суруд хонандагон инчунин бояд ба дуруст талаффуз кардани матн ва тарзи сароидан аз руи нота дар сози *фа* - мажор ва андозаи шаш - ҳаштякӣ эътибор дода, ба аломатҳои калидӣ ва динамикӣ диққат диҳанд.

Омӯзгори мусиқӣ ҳангоми сароидани суруд ба талаффузи буррои ҳиҷоҳои садонок ва ҳамсадоҳо ва тарзи кашиши овозҳо бояд таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Омӯзгор дар баробари сароидани суруди "Муаллим", тарзи навишти нотаро низ ба хонандагон меомӯзонад.

Дар нимсолаи якум чорабинии дигари беруназсинфии "дарс - консерт" баргузор мегардад, ки хонандагон дар он вобаста ба мавзуи интихобгардида, бо кумаки омӯзгор овозҳои устувор ва ноустувори қаторовози "ре минор"-ро дуруст муайян намуда, сурудҳоро месароянд [78, с.15].

Дар саҳифаи 41-уми китоби дарсии синфи 3-юм, суруди "Модар", шеъри А.Қодирӣ, мусиқии Т.Айюбов пешниҳод мегардад. Хонандагон дар ин суруд ба мафҳуми "Модар" бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, зеро сафои хона дар олам, ҳастии инсон танҳо ба модар хос аст. Ҳамаи хонандагон забонро сараввал аз модар меомӯзанд, барои фарзанд аз ҳама азизтарин, модар ба ҳисоб меравад. Ин суруд аз тарафи хонандагон бояд мулоим сароида шавад. Дар ҳолатҳои гуногун хонандагон ба тарзи нафаскашӣ эътибор доданашон ҳатмист.

Суруди дигаре, ки омӯзгор барои хонандагон интихоб менамояд, "Бобом кулолгар" ном дорад. Ин суруд бар шеъри шоири ширинкалом Г.Келдӣ ва мусиқии композитори тоҷик Ҷ.Обидпур эҷод шудааст, ки барои сарвари хонадон, насиҳатгари наберахо бахшида шудааст. Шоир бобoро дар ин суруд ҳамчун пири хонадон, ҳамчун кулолгари асил, ки панҷаҳояш ҳунар аст, нишон медиҳад. Шоир хонандагонро ба меҳнатдӯстӣ, ҳунаромӯзӣ ҳидоят мекунад. Дар ин шеър таваҷҷуҳ ба касби бобои кулолгар равона шудааст, ки дар он омода кардани пиёлаву косаҳо ба воситаи гил ва инчунин бо рангҳои

гуногун оро додани куза сухан ронда мешавад. Омӯзгори мусиқӣ дар аввал ин сурудро худаш месарояд, нозукиҳои онро фаҳмонида, сипас дар якҷоягӣ бо хонандагон онро замзама мекунад. Дар оҳанги ин суруд нақарот мақоми хоса дорад. Суруд дар хотираи хонандагон нақш мебозад ва бо шавқу завқи баланд сароида мешавад [78, с.66].

Суруди "Муаллими мо" дар синфи 3-юм омӯзонида шуда, дар дили хонандагон муҳаббати бепоён нисбат ба муаллимро таҷассум менамояд. Омӯзгор вазифадор аст, ки муаллимро ҳамчун маҳзани меҳр, кони ҳикмат ба хонандагон ифода намояд. Ин суруд ба қалами шоири шинохтаи тоҷик Л. Кенҷаева ва оҳанги он ба композитори тоҷик Қ. Ҳикматов таалуқ дорад. Ин суруд дар суръати муътадил омада, муаллим мулоим ва тоза сароидани ин сурудро ба шогирдон дар шакли дуовоза меомӯзад [78, с.72].

Дар зери мусиқии Ҷ.Обидпур, шеъри Н.Розиқ, суруди дигар ба "Муаллим" пешниҳод карда шудааст, ки мо метавонем, онро бахшида ба "Иди муаллимон" омода намоем. Ҳангоми омухтани суруд бояд хонандагон эҳтироми самимӣ нисбат ба муаллим дошта бошанд.

Дар ин суруд сухан дар бораи муаллим меравад, ки ба хонандагон хондан, ҳисоб кардан, ба саволҳо ҷавоб доданро меомӯзонад. Мафҳуми суруд пеш аз ҳама меҳрубонии муаллим, суханҳои таъсирбахшу ширини ӯ, содиқ будан ба ватан таҷассум гардидааст. Дар нақарот бошад суханони: муаллим, ҷон муаллим, дар якҷоягӣ 2-маротиба дар ҳамбастагӣ сароида мешавад. Ҳангоми бештари талаффузи калимаҳо, ба монанди: "Меҳрубон", "Меҳратон", "Омӯхтем", "Ҳифз", хонандагон бояд ба муаллим диққат карда сароянд [66, с.12-15].

Дар ин китоб зери мусиқии Ҷ.Обидпур бо забони англисӣ суруди "Модар" барои хонандагон пешниҳод карда шудааст, ки хонандагон дар баробари омӯхтани забони тоҷикӣ, забони англисиро низ меомӯзанд. Нотаи ин суруд ба хонандагон дар китоби мазкур пешниҳод карда шудааст. Дар ин суруд ҳиҷои аввали мисра, азбаски безада мебошад, бо воситаи нотаи

ҳаштякии пештақтеъ оғоз гардида, кашиши овоз дар давраи муайян бояд қатъ гардад.

Мақсад ва ҳадаф бо забони англисӣ қироат кардани суруди “Модар” дар он таҷассум меёбад, ки хонандагонро бо забони дигар халқҳо ошно месозад. Дар ин суруд меҳру муҳаббати фарзанд нисбат ба модар таҷассум ёфтааст. Инчунин дар ин суруд таҳти навои мусиқӣ нотаҳои он ба хонандагон омӯзонида мешавад. Хонандагон баъд аз қироати муаллим, нақоротро бо мусиқӣ иҷро мекунанд [66, с.52-55].

Дар китоби суруд ва мусиқии синфи 5-ум шеъри “Ба муаллим”, “Модарам” барои ҳамкории мактабу оила дарҷ гардидааст. Суруди “Ба муаллим” ба шеъри Н.Тиллоев, оҳанги халқ, такмили Ш.Шарифов пешниҳод карда шудааст. Ин суруди халқӣ  барои “Муаллим” бахшида шудааст, ки хонандагон миннатдорияшонро ба омузгорони дунё мерасонанд, ки муаллим ба мо дарси росткорӣ, устуворӣ, накӯкорӣ, шуҷоатӣ ва фароғатиро омӯхтааст. Вазифаи муаллим зарбҳои аввалро қарсак зада, маротиба машқ кардани  онро афзалтар ҳисоб мекунад. Охири суруд аввал бояд бо навозиш хонда шуда, сипас бо нақарот онро то хотимаи суруд бояд суруд [88, с.13-16].

Дар китоби мазкур дар васфи Модар боз як суруд бо номи “Модарам” ифшо гардидааст, ки ин суруд ба аҳли хонавода таалуқ дорад.

Шоир ин сурудро дар васфи “Модар” ибрози ақида намудааст. Дар ин суруд “Модар” ҳамчун шахси азизу муътабар, савлатманд, давлати фарзанд, пиндошта шудааст. Агар ин суруд дар ҷамъомади фарҳангӣ бахшида ба рузи “Модарон” сароида шавад, як туҳфаи гаронбаҳо барои модарон мешавад [88, с.56-60].

Дар китоби дарсии синфи 6-ум аз тарафи бастакор К.Ҳалим сурудҳои “Модарам”,  “Дуои модар”, “Мактаби мо”, “Вақт”, “Борон”, “Мактабам”, Ялали бобо” маҳз ба аҳли хонавода, табиати зебо ва муаллиму мактаб бахшида шудааст. Аз ҷумла, суруди “Модарам”, дар бораи фаъолияти ҳаррузае, ки дар ҳар як модарони тоҷик  дида мешавад, сухан эҳдо мегардад.

Омӯзгор фосилаи мобайни овози якум ва ҳаштумро бояд ба назар гирад, зеро он бояд тоза хонда шавад. Баъдан ба нотаҳои ҳаштякӣ ва шонздаҳякӣ аҳамият бояд дод. Шоир дар ин суруд хонандагонро водор менамояд, ки заҳмати модарон ҳар субҳ барвақт дар омода намудани фарзандон ба мактаб саҳми бориз дошта, аз ин лиҳоз модар барои онҳо ҷону дил ҳисоб мешавад [88].

Дар китоби мазкур суруди "Дуои модар" яке аз сурудҳои барномавии синфҳои 6-уми таҳсилоти ҳамагонӣ буда, шеъри Р.Назрӣ, мусиқии К.Ҳалимов ба ҳисоб меравад.

Шоир дар ин суруд ба тамоми дунё расидани як дуои модарро исбот менамояд ва эҳтироми модарро ҳамчун дар ду ҷаҳон баробар донистааст. Ҳар саҳар модарон ҳангоми намоз гузоштан, дуои фарзанд менамоянд, ки ҳамеша сарбаланду ботамкин гарданд. Онро мо дар дарс - консерт истифода бурдем. Хонандагон дар ин суруд ба шири модар қасам мехуранд, ки эҳтироми модарро ба ҷо оранд. Модар бошад дар вақти намоз ҳамеша дуогӯи фарзандон мебошад [88, с.27-30].

"Мактаби мо", шеъри А.Бобоҷон, мусиқии Ҷ.Обидпур суруди навбатиест, ки дар ин китоби суруд ва мусиқӣ дарҷ гардидааст. Муаллиф дар ин суруд қайд менамояд, ки мо мактаби худро дӯст медорем, мо аз он ифтихор дорем, ӯ нури дидаву умеди мо буда, дили моро хурсанд менамояд.

Ин суруд нақарот дорад, ки якҷоя сароида мешавад. Дар ин суруд муаллимон ҳамчун мунису ғамгусор ҳисобида мешаванд. Ин суруд ду маротиба хонда мешавад. Вазифаи муаллим матни сурудро бо оҳанг омезиш намуда, тавъам ба хонандагон пешниҳод намояд. Муаллими суруд бояд 1 - 2 - 3 гуфта, рақамҳоро муайян намояд. Барои хонандагон, мактаб ҳамчун макони илму фан, ҳамчун ифтихори миллату давлат мебошад, ки дар оянда ба ҳамаи онҳо нури умед мебахшад. Омӯзгорони худро хонандагон ҳамчун ғамгусор меҳисобанд. Дар ин суруд бояд рақами якро баландтар, рақами ду, се - ро бошад пастар зада, суръати оҳангро муайян мекунем. Хонандагон

бояд дар охир чуқур нафас гиранд, ба мизону лапишҳои овоз эътибор диҳанд, кашиши овозро пурра ва бардавом иҷро карда тавонанд [88, с.58-61].

Суруди “Вақт”, бар шеъри Н.Алиева, мусиқии Ҷ.Обидпур омадааст. Шоир дар ин суруд ибрози ақида намудааст, ки калимаҳои “аком, момом, модару падарам” бо як овоз, бо суханони, “вақт надорам, вақташ чӣ бошад, ки касе намедонад”, “дар паҳлуи модарам нишаста қиссаи бибиямро гуш мекунам”, “бо бародарам бозӣ карда, ба падарам саволҳо медиҳам”, инчунин “агар вақтро кобаму ёбам, албатта ба аҳли оила мерасонам” сароида шавад [88, с.75-77].

Дар синфи мазкур суруди “Мактабам” бар шеъри Маҳзун, мусиқии А.Мӯсоев пешниҳод мегардад, ки ба ҳамкории мактабу оила алоқаи зич дорад. Шоир дар ин суруд мактабро ҳамчун ҷони инсон, инчунин бахту армони инсон, фуруғи хонадон, нури ду чашмон меҳисобад.

Суруди дигаре, ки бо номи “Падарҷон”, дар ҳамкории ин ду эҷодкор - С. Аюбзода Маҳзун, А.Мӯсоев бунёд гардидааст, дар синфи 6 - ум, чоряки чорум оварда шуда, меҳру муҳаббати беандозаи фарзанд ба падар нишон дода шудааст. Дар ин суруд падар ҳамчун подшоҳ, қиблагоҳи оила таҷассум карда шудааст. Дар ин суруд фарзанд пайрави асили падар дониста шудааст, ки ҳатто ҷонро фидои падар хоҳад кард. Ин суруд эҳтироми хонандагонро нисбати падар - ҳамчун сутуни хонадон, мустаҳкам кардани аҳли оила, омода кардани рӯзгори зиндагӣ ва таҳти назорати худ қарор додани фарзандон мебошад.

Дар чорабиниҳо, ки иштироки муаллим бо аҳли хонавода сурат мегирад, аз китоби дарсии синфи 6 - ум “Ялалӣ бобо”, суруди халқии тоҷикӣ пешниҳод карда мешавад.

Ин суруд бештар ба яке аз аҳли хонавода “Бобо” бахшида шудааст. Ин сурудро дар шаҳрҳои бостонии Истаравшан истифода мебаранд. Ин суруд фолклори мусиқии ин мардум буда, ҳамчун як суруди шухи меҳнатии мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад [88, с.85].

Ин суруд меҳру муҳаббати бепоёни падарро ба дили кучаки фарзандон зиёд намуда, дар вақти сароидан падарро ҳамчун саробони хонавода, некхоҳ, қиблагоҳ, бахти хонавода, нури чашмони фарзандон муаррифӣ менамояд. Инчунин дар вақти хондани суруд, фарзанд падари худро пеши назар оварда, бо воситаи суруд эҳсосоти худро нисбати падар (“ман адои ту, хоки пои ту, дар вафои ту, ҷон фидои ту”) баён менамояд.

Дар барномаи хонандагони синфи сеюм бо нота омӯзонидани суруди “Муаллим” (шеъри М.Мирзоев), ки муҳаббати беандозаи хонандагон дар он таҷассум ёфтааст, ба нақша гирифта шудааст. Дар ин суруд муаллим ҳамчун омӯзандаи илму адаб, роҳнамои хонандагон ифода меёбад [78, с.15].

Дар заминаи китоби дарсии синфи 6 - ум, суруди “Модари ҷон - модарам” - ба муҳити оилавӣ, ба падар, бародар хоҳар инчунин муҳаббати бе поён нисбат ба модар таҷассум гаштааast. Хонавода ҳамчун дурахшонӣ, шодмонӣ, хушҳолӣ ва ҳамбастагии аҳли оила зоҳир мешавад. Дар байни аъзоёни оила, ки дар барномаҳо дар мавзӯи «Мусиқӣ» пешкаш мешаванд, модар беҳамтост. Сурудро хонандагон бо нақароташ дар якҷоягӣ ҳамовоз шуда месароянд [66, с.73].

Дар дарсҳои мусиқӣ, дарс - консертҳо барои шавқовар шудани чорабиниҳои фарҳангӣ бо истифода аз бозиҳои шавқангези хонандагон ва таассуроти гуногуни онҳо, муҷассам гардонидани расми «Модар», заҳмати муаллим дар намоиш додани «Албоми хонандагон» бо интихоби сурудҳои беҳтарин, аз қабили: “Мактаб”, “Мактаби мо”, “Мактабам” шеъри Гулчеҳра Сулаймонӣ, оҳанги Сафаралӣ Сатторов, “Муаллим”,  “Бобом кулолгар” “Ба муаллим”, “Мактаби мо”, “Мактабам”  интихоб карда шудаанд [86, с.70].

Суруди халқии «Ялали бобо» бо образи Бобо дар сатҳи қаҳрамони конкретӣ нишон дода шудааст: ӯ нисбат ба набераҳояш меҳрубон аст. Дар дарс-консерт ҳамчун саҳнача дар образи бобо, бибӣ, хонавода ва муаллим таҳти оҳанги мусиқӣ  намоиш додани ин суруд ба маврид мебошад.

Дар гузаронидани дарс - консертҳо хонандагон, аҳли оила ва муаллиму мактаб фаъол бошанд. Хонандагон дар бораи оилаашон (вазъи ҳаёти оилавӣ,

чараёни  зиндагӣ, ба вуҷуд овардани фазои эмотсионалӣ дар оила), инчунин сокинони деҳаашон, бо хонаҳои дӯстонаш сӯҳбат мекунанд. Ин таҷриба хонандагонро дар сатҳи услуби методӣ ба амал мебарорад, ки ба хонандагон аз моҳияти диалектикии жанри мусиқӣ вокиф шудан кумак мерасонад.

Ҳамаи сурудҳое, ки  дар китобҳои дарсӣ ва барномаҳои мактабии фавқ бо диди нав пешбинӣ шудаанд, бозёфту муваффақиятҳои даврони Истиқлол буда, дар онҳо ҷиҳатҳои гуногуни симои ҳамкории мактабу хонавода, ҳурмату эҳтиром нисбат ба муаллим бештар инъикос ёфтаанд.

Китоб бояд барои омӯзиши дарси мусиқӣ бо мавзуъҳои муайян тарҳрезӣ шуда, дастраси хонандагон бошад, то ки дар оила низ онро истифода бурда тавонанд. Китоби дарсӣ аз тарафи муаллифон бо суруду оҳангҳои дорои хусусиятҳои ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, муҳаббат ба оила, сулҳ, ҷашнҳои тақвимӣ таҳия карда шудааст, ки ба қобилияти шунавоӣ ва дарку азхуднамоии синусолии хонандагон мутобиқат менамояд. Дар китобҳои дарси суруд ва мусиқӣ хонандагон доир ба ҳамаи бахшҳои зикршуда маводи лозимаро барои волидон метавон  дарёфт намоянд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми аз тарафи муаллифон таҳия намудани китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимии самти суруд ва мусиқӣ бояд истилоҳи мусиқӣ, зарбу андозаҳо, диапазону суръат, характеру матни сурудҳо ба инобат гирифта, қобилият ва дараҷаи азхуднамоии хонандагон бояд қатъиян риоя карда шавад. Ҳар як оила барои азхуд кардани мусиқӣ бояд бо китобҳои дарсӣ таъмин карда шаванд.

Қобили зикр аст, ки дар нақшаҳои намунавии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудаи таълими фанни суруд ва мусиқӣ, барои ҳамаи синфҳои хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ (аз синфи 1 то 6), ҳафтае як маротиба (яъне 1 - соат) пешбинӣ шудааст. Аммо ин соатҳо барои дуруст ба роҳ мондан, аз нуқтаи назари фарогирӣ ба намуди фаъолиятҳое, ки барои таълими дарси мусиқӣ пешбинӣ шудааст, ниҳоят кам буда, аз он хонандагон хуб баҳра бардошта неметавонанд. Аз кам будани соатҳои таълимии дарси мусиқӣ омӯзгор вазифадор аст, ки бештари дарсҳоро

ҳамчун вазифаи хонагӣ пешниҳод намояд. Волидон дастури аз тарафи омӯзгор дода шударо ба фарзандашон омӯхта, натиҷабардорӣ мекунанд. Онҳо ҳуқуқ доранд, ки дар баромадҳои фарзандашон ширкат варзида, соҳиби минатдориву таҳсин гарданд. Бинобар ин, дар омода кардани ин кори илмӣ, мо кушиш намудем, ки маҳз ҳамкории волидон бо омузгорони мусиқиро бештар руи қалам оварем.

Аз ин лиҳоз, барои вақтро самаранок истифода бурдан, на танҳо омузгори мусиқӣ, балки волидон вазифадоранд, ки аз китобҳои дар боло зикр гардида истифода баранд. Инчунин муаллими мусиқӣ барои омода кардани нақшаи дарс бояд диққати асосиро ба репертуари таълимии хусусиятҳои мусиқии миллидошта эътибор дода, барои пайдарпай ва системанок гузоронидани қисматҳои дарс ва иҷрои бевоситаи он таваҷҷуҳи хешро равона намояд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” №529, чунин омадааст: “Давлат дар бораи нашъунамои адабиёт, санъат, фарҳанг, дар бораи ба вуҷуд овардани ҳамаи шароитҳои пурратар зоҳир шудан ва инкишофёбии қобилияти эҷодии ҳар як одам дар бораи тарбияи хонандагон дар онҳо ба вуҷуд овардани завқи баланди бадеӣ, доимо ғамхорӣ бояд кард” [20, с.6].

Дар нақшаҳои таълимӣ дарсҳои мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ аз бахшҳои шунавонидани мусиқӣ, сурудсароӣ, ҳаракати рақсӣ, мусиқии зарбӣ ва маърифати мусиқӣ бояд иборат бошанд.

Маърифати мусиқӣ ҳангоми омӯзиши суруд ва шунавонидани мусиқӣ аз бар карда мешавад. Бояд дар хотир дошт, ки мусиқӣ фикр, ҳиссиёт, ҳаяҷон ва ҳолати инсонро ифода мекунад, бинобар иҷрои асари мусиқӣ бояд ба мазмуни он ба куллӣ мувофиқат кунад. Ҳар як суруде, ки шунида мешавад, вобаста ба матну оҳанги худ ба саломатии инсон таъсиргузор аст. Аз ин рӯ, инсонҳо вобаста ба талаботи ботинии худ мусиқиро барои гӯш кардан интихоб мекунанд. Бояд таъкид намуд, ки омӯзгорони мусиқӣ нахуст дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ тарзи дурусти иҷрои онро ба шогирдон

мефаҳмонанд ва дар бораи он маълумот медиҳанд. Нақши устоди мусиқӣ дар ин самт ниҳоят бузург аст.

Устоди мусиқӣ, ҳамчун омӯзгор, ташаккули ҷаҳонбинии илмии ҷавонон ва инкишофи маънавии онҳоро таъмин менамояд.

Омӯзгор вазифаи масъултарини ҷомеаро ба ӯҳда дорад. Ба ӯ ояндаи ҷомеа, дар айни ҳол аз ҳама нозуктарин неъмати табиат супорида мешавад. Муаллими мусиқӣ дорои имконоти таъсирбахшии ҷисми зиёди дигарон мебошад.

Ҷараёни таълим ва тарбия баробари бо ҳам алоқаманд ва вобаста буданаш инчунин аломатҳои ба худ хос дорад. Маълум аст, ки раванди таълим вазифаи тарбиявиро ҳам дорад, ҷараёни тарбияро бошад бе таълими тарбиягирандагон тасаввур карда номумкин аст. Дар ҷараёни педагогӣ, яъне дар раванди таълим ва тарбия се вазифаи асосӣ бояд авалиндараҷа бошад: маълумотдиҳӣ, тарбиявӣ, инкишоф додан.

Раванди таълим дар ҳалли вазифаи маълумотдиҳӣ мавқеи ҳалкунанда дорад, ҷараёни тарбия дар ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ мақоми асосӣ дорад. Ҳар ду ҷараён якҷоя вазифаи инкишофдиҳиро ба амал мебароранд. Бояд қайд кард, ки ҳар кадом хислатҳои ба худ хосро доранд. Дар мазмуни таълим - ташаккули ақидаҳо, донишҳои илмӣ, мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳо, маҳорат ва малакаҳои махсуси илмӣ бартарӣ доранд. Дар мазмуни тарбия бошад бештар ташаккули ақидаю эътиқодҳо, рафтору интизом, муносибатҳо, аҳамияти ҷамъиятию иҷтимоӣ дида мешавад. Ҳамин тавр, ҳар ду раванд дар як вақт ба шуур, ба муносибатҳо, ирода ва эҳсос, фаъолият таъсир расонида, инкишофи умумиро таъмин менамоянд.

Ташаккулёбии симои маънавӣ, сиёсӣ, инкишофи ақлӣ, фарҳангии насли наврас танҳо дар мактаб, дар натиҷаи омӯхтани асосҳои фан, ё дар натиҷаи тарбияи мактабӣ ва оилавӣ ба амал меояд. Барои ташаккули вай худи ҳаёт, муҳит низ фаъолона таъсир мерасонад. Аз мактаб берун имконият ва воситаҳои бемаҳдуд мавҷуданд, ки барои ба сиёсат, мӯъҷизаҳои илм, техника ва фарҳанг ошно шудани кӯдакону ҷавонон

таъсири калон мерасонанд. Китобхона, кино, театр, радио, телевизион, интернет, компютер, матбуоти даврӣ, лекторияҳои гуногун ва ғайра воситаҳоеанд, ки аз таъсири онҳо ҳеҷ кас, аз ҷумла, кӯдакону ҷавонон берун монда наметавонанд. Ҳамаи онҳо дар тарбияи насли наврас нақши муассир доранд.

Вазифаи муштараки мактабу оила ҳам аз он иборат аст, ки хонандагонро аз ҷиҳати ғоявӣ обутоб диҳанд, ҳамчун ватанпарварони содиқ ва башардӯст тарбия намуда, дар онҳо ҳисси садоқатмандии бепоён парваранд. Онҳо бояд дар мағзи ҳаёти пурҷӯшу хурӯш бошанд, аз корномаҳои халқи тоҷик бохабар бошанд, дар корҳои ҷамъиятӣ, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намоянд.

Фарзанд аз батни модар то охири умри худ ба садо ва оҳанги мусиқӣ таваҷҷуҳ дорад ва кушиш менамояд баъди шунидан, фаҳмидани он, аксуламали ҷавобӣ баргардонад (бо роҳи хушҳол шудан, ба шавқ омадан, ҳаловат бурдан, дар ҳамовозӣ тақлид кардан, зери оҳанги мусиқӣ иҷрои ҳаракату амалҳо ва ғайраҳо намудан). Чунки он санъатест, ки ҳақиқатро дар образҳои бадеии овозӣ инъикос мекунад [35, с.3].

Д. Рустамов дар рисолаи номзадии хеш (2012) масъалаҳои омӯзишу инкишоф додани эҷодкориро дар мероси мусиқӣ-эстетикӣ ва мутобиқшавии хонандагонро бо жанрҳо, дар методикаи сурудхонӣ ба итмом расонида, аз насл ба насл интиқол додани анъанаи тарбияи мусиқиро муҳим мешуморад [133, с.129].

Зарурати тадқиқ ва бознигарии тамоми воситаҳои таълими мусиқӣ ва раванди ташаккули қобилият - эҷодии мусиқии хонандагон дар асоси тадқиқоти илмӣ, илмию методӣ, таҷрибаи амалии ҳамкории омӯзгорони мусиқӣ бо оила эҳсос мешавад. Рушди илми таълими мусиқӣ ва таъмини мутахассисони мусиқӣ ва барномаҳои алтернативӣ, таҳияи технологияи самараноки таълиму тарбия, таҳия ва дастрас будани дастурҳои таълимию методӣ, эҷоди асарҳои мушаххаси мусиқӣ бо истифода аз жанрҳои мусиқии миллӣ барои хонандагон, омӯзгорони мусиқӣ ба миён омадаанд.

Ҳар як хонанда новобаста ба синну сол, мавқеи иҷтимоӣ, ҷинсият, ҷаҳонбинӣ, касбу ҳунар на танҳо ба мусиқӣ таваҷҷуҳ кунад, инчунин кушиш намояд, ки аз синни хурдсолӣ дар сурудхонӣ, рақскунӣ, эҷоди оҳангу навоҳои мусиқӣ завқ пайдо карда, дар машғулиятҳо, инчунин дар бозиҳо иштирок намуда, маҳорату қобилияти худро ошкор созад, онро инкишофу такомул бахшад. Фаъолияти мусиқӣ - ин воситаи руштдиҳанда, ифодагари қобилияту истеъдод ва ба андешаи мо, мусиқидонию мусиқишиносӣ аст, ки он дар лаёқати фаҳмидан, идрок кардани мусиқӣ, ҳаловат бурдан ва эҷод кардани оҳангу сурудҳои жанрҳои гуногуни мусиқӣ ифода меёбад. Мувафаққиятҳо ва пешравиҳо дар ҳамкории хонавода ва роҳбари суруд ва мусиқӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тариқ, рушди санъати мусиқӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон  чунин шартҳоро дарбар мегирад:

- шартҳои фарҳанги мусиқӣ ва бадеии тоҷик, ки мусиқиро ҷузъи ҳаётбахши тарбияи эстетикии насли наврас ҳисобида, маҳз ба фарҳанги ғании мусиқии тоҷикон, барои ташаккули ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва маънавиёти насли наврас замина мегузорад;
- ба таҷрибаи таърихии тарбияи оилавӣ, ки пеш аз ҳама бо анъанаҳои мусиқии ниёгони мо ташаккул ёфтааст, таваҷҷуҳ зоҳир намояд;
- ба таҳияҳои методии тарбияи мусиқӣ, инчунин китобҳои дарсии мусиқӣ ва суруд, ки яке аз дастовардҳои назарраси санъати мусиқӣ дар даврони истиқлолият ба ҳисоб меравand, чи дар хона ва чи дар мактаб васеъ истифода бурда шаванд;
- ба бартарӣ доштани роли оила дар тарбияи мусиқии кудак ва аҳамияти он барои процесси инкишофи мусиқии фардӣ замина гузоранд.

## 1.2. Аҳамияти таҳқиқоти назариявӣ ва методӣ дар ташаккули арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ

Фарҳанги мусиқии муосир бо дараҷаи баланди мураккабӣ, бисёрқабатӣ ва динамикаи рушди худ тавсиф меёбад. Мусиқӣ на танҳо ҳамчун шакли худи баёни ҳунар, балки ҳамчун воситаи пуриқтидори ташаккули ҷаҳонбинӣ, ахлоқӣ ва зебоишиносии шахс амал мекунад. Дар ин замина, масъалаи ташаккули арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ аҳамияти вижа пайдо мекунанд, махсусан дар контексти фаъолияти таълимӣ ва фарҳангию маърифатӣ. Барои дарки амиқи ин раванд, зарур аст, ки ба маҷмӯи асосҳои назариявию методӣ такя карда шавад, ки онҳо якпорчагии илмӣ, низоммандӣ ва дақиқии консептуалии таҳқиқи равандҳои мусиқӣ-эстетикиро таъмин мекунанд.

Ин таҳқиқотҳои назариявию методӣ дар соҳаи педагогикаи мусиқӣ ва эстетика имкон медиҳанд, ки қонуниятҳои ҳамкории мусиқӣ ва шахсият ошкор гардида, механизмҳои дарк ва тафсири зуҳуроти мусиқӣ муайян карда шаванд. Маҳз заминаи назариявию методӣ - пояи моделҳои амалиро дар соҳаи маорифи мусиқӣ ташкил медиҳад, меъёрҳои идеали эстетикӣ ва арзёбии ҳунариро муайян месозад.

Дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити муосири таҳқиқотӣ дар соҳаи тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ ва тарбияи мусиқӣ дар самтҳои гуногун амалӣ карда мешавад.

Ҳадафи таҳқиқоти мо дар ин самт - равшан сохтани аҳамияти таҳқиқотҳои назариявию методӣ дар ташаккули арзишҳои мусиқӣ-эстетикии шахсият, муайян кардани вазифаҳо, самтҳо ва нақши онҳо дар илми муосири педагогикаи мусиқӣ мебошад.

Ҷанбаҳои назариявию методӣ дар таҳқиқоти мусиқӣ-эстетикии муҳаққиқон.

Аҳамияти назми халқӣ ва эҷодиёти мусиқиро дар тарбияи оилавии халқи тоҷик М. Юлдашева дар китоби дарсии “Материалы по истории музыкального воспитания и образования в Таджикистане” (1990) қайд намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки тарбияи мусиқӣ дар оила ба азхуд

намудани анъанаи мусиқӣ-адабӣ нигаронида шуда, бо талаботи амалии ҳаёти иқтисодию иҷтимоии оила ва ҷамъият вобастагӣ дорад. Тарбияи мусиқӣ дар оила ба усули шифоҳӣ асос ёфтааст. Ба шарофати ин, кӯдакону наврасон хотираи худро инкишоф дода, меҳру муҳаббат ба ҳунарҳои мардумиро пайдо мекунанд, ки барои нигоҳ доштани бисёр арзишҳои маънавии фарҳангӣ дар ҳаёти рӯзмарра мусоидат намудааст [169, с.13].

Раҷабзода Д. дар рисолаи номзадии худ, ки бештар ба тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ таалуқ дорад, равиш, мавзӯъ, роҳу усулҳои тарбия, инчунин методҳои корӣ барои бедор намудани фарҳанги мусиқиро мавриди таваҷҷӯҳ қарор додааст. Дар ин рисола барои аз худ кардани сарчашмаҳои воқеии тарбия, ҳиссиёти зебоипарастӣ, моҳияти корҳои методӣ ва баҳодиҳиву арзёбиро нишон додааст [131, с.51].

Хонанда аз тарбияи оилавӣ оғоз карда, аз ҳамаи  манбаҳои гуногуни воқеият таасуроти мусиқӣ-эстетикӣ мегирад. Аз ҳама дастрастарини он табиат аст. Хонандагон зебоиро бо фарҳанги мусиқӣ, дар хондани суруд, тамошои табиат, сабз будани замин, хушу форамии рангҳо, овозҳои булбул, инчунин ҳодисаҳои олами табиати зиндаро (боридани борон, барф, баромадани офтоб) эҳсос мекунанд. Аз рӯйи ҳаракат ва таҷаддуди ҳамешагии ҷангалзорону киштзорҳо, дараҳову кӯҳсорон, ҳанӯз хонанда ҳис кардан, донистани зебоиро ёд мегирад.

З.И. Норова таваҷҷухро ба қисматҳои таркибии тарбия, аз ҷумла, тарбияи зебоипарастӣ дар хонандагон, тарбияи  томактабӣ дар ҷараёни фаъолиятҳо равона кардааст [127, с.65].

Аз ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҳам дар хонанда таассуроти амиқи зебоипарастӣ ба вуҷуд меояд. Зебоии корнамоиҳои инсон баҳри бахту саодати халқ, муносибатҳои гарму нарми ҳамдигарии аҳли оила, одамони гирду атроф, боигариҳои маънавӣ, покизагии ахлоқу тани солими муосирони мо касро ба ҳаяҷон оварда, ба сӯйи идеалҳои нек роҳсипор месозад. Ҳамаи ин роҳсипорӣ аз оила ибтидо гирифта, дар ҷомеа рушд меёбад.

Бойтарин манбаи таассуроти мусиқӣ-эстетикии муҳассилини санъатро Л.С.Выготский консентратсияи бадеии воқеият, аслиҳаҳои ҷамъиятие номида буд, ки «вай маҳрамона ҷиҳатҳои шахсиятҳои вуҷуди моро ба доираи ҳаёти иҷтимоӣ ҷалб месозад» [35].

Мутафаккирони соҳаи мусиқӣ иброз менамоянд, ки «одаме, ки нишоти эҷодии ин ё он намудаи санъатро аз сар гузаронидааст, назар ба одами аз доираи танҳо дарки асари санъат баромада, санъатро хеле чуқуртар ва интенсивноктар дарк карда метавонад» [44, с.95].

Мусиқӣ фаҳмиш ва тахайюли хонандагонро инкишоф медиҳад, тамошобин бо тахайюлот ҳикояро ба вуҷуд меорад, ки дар паси он як силсила воқеаҳо меистад

Аз тарафи дигар, мусиқӣ воқеиятро бо ёрии нағомотҳо, оҳангҳо, зарбҳо, лаҳнҳо ва садоҳо инъикос мекунад. Ба ақидаи А.В. Луначарский «Мусиқӣ - маҷмуи садоҳо буда, одамони ҳассос онро ба воситаи садоҳо дарк мекунанд». Омӯзгорон исбот мекунанд, ки санъати мусиқӣ аз рӯи таъсири эҳсосотӣ ба хонандагон яке аз ҷойҳои муайянро ишғол менамояд [57, с.438].

Ба ақидаи Б.Брехт: «Агар аз санъат ҳаловат бурдан хоҳед, ҳеҷ гоҳ бо истифодаи қулай ва арзони як худи натиҷаи меҳнати бадеӣ қонеъ нашавед. Худи меҳнатро аз сар гузаронидан даркор аст…» [32, с.21-24].

Бо воситаи дарсҳои суруд ва мусиқӣ маросимҳои иди Наврӯз, Садда, Меҳргон, ки хусусиятҳои миллӣ доранд, гузаронида мешавад ва ин дар фарҳанги мардуми тоҷик завқи эстетикиро ташаккул медиҳад. Дар баргузории ин ҷашнҳо на танҳо тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ, инчунин он ба шакли комплекси ақлӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми калонсолон ва хурдсолон ва воситаҳои таъсиррасон, аз қабили фарҳанг, иҷрои ракс, хондани суруд, навохтани мусиқӣ, ташкили бозиҳои миллӣ, ба монанди: гӯштингирӣ, чавгонбозӣ, иҷрои образҳои қаҳрамонони афсона, гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ, бузкашӣ, аспдавонӣ, имитатсияи ҷамъоварии ҳосил ва дигар воситаҳои таъсиррасонии мусиқӣ-эстетикӣ истифода бурда мешаванд, ки ба хонанда таъсир нокарда наметавонад.

Мо дар таҳқиқоти худ вазифаҳои ҳамкории волидайн ва омузгори мусиқиро ба гуруҳҳо ҷудо намудем:

Вазифаи аввал, омузонидани зебоии санъат, тозагии манзараҳо, вафи табиати Тоҷикистон, инчунин муносибатҳои иҷтимоӣ бо миллату фарҳанги миллӣ мебошад. Ҳангоми хонандагонро бо ҷанбаҳои зебоӣ ҳавасманд кардан, онҳо бо воситаи хондани суруд ва иҷрои ракс дарки зебоиро бояд эҳсос намуда тавонанд.

Вазифаи дуюм, такмил додани тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ дар ҳамкории мактаб, оила ва чамъиятро дарбар гирифта, моро водор менамояд, ки ба фарҳанги мусиқии миллӣ бештар руй оварем.

Ҳамкории мактаб, оила ва ҷамъият заминае ба вуҷуд меоварад, ки дар хонандагон истеъдодҳои бадеиву эҷодӣ такмил ёфта, онҳо зебоии табиатро бо воситаи мусиқӣ дарк намуда, меҳнат карданро меомузанд ва хулқу одоби намунавиро инкишоф медиҳанд.

Ҷиҳатҳои ҷудогонаи мафҳуми томи фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ, асоси аввалини ин фарҳанг аз ҳисси мусиқӣ-эстетикӣ, яъне ба зебоӣ ҳассосияти махсусе доштан иборат мебошад. Вале ин ҳанӯз кам аст. Барои он ки зебоӣ ба қадри пуррааш дарк шавад, ё кас худро дар эҷоди бадеӣ нишон диҳад, ба андозае зоҳиран донишҳои назариявию конкретӣ доштан лозим аст, ки дар асоси он доир ба боигариҳои мусиқӣ-эстетикӣ тассавуроту мафҳуми муайяне инкишоф ёбад. Ин захираи донишҳо аз доираи назари мусиқӣ-эстетикӣ иборат мебошад.

Такмил додани мақсади мусиқӣ-эстетикӣ ҳамчун намунаи бошуурона дарк намудан, ба вуҷуд овардани фарҳанги мусиқӣ барои инкишоф ёфтани муносибати мусиқӣ-эстетикӣ ба воқеият ҷои махсусро ишғол мекунад.

Инъикоси бевоситаи мавқеи эстетикии хонандагон, ақидаву фикрронии аҳли хонавода, бедор кардани шавқу завқи мусиқӣ-эстетикӣ ва тавофути хубию зиштӣ ва ҳусни ботинию зоҳириро ба воситаи фарҳанги мусиқӣ дарк намудан мавқеи хоса дорад.

Барои шавқу ҳаваси эстетикиро ташаккул додан бояд хонандагон бештар ба дарсҳои мусиқӣ ширкат варзанд, ба воситаи фарҳанги мусиқӣ хонанда қобилияту маҳорати фарқ кардани хубиро аз бадӣ, зебогӣ ва дигар паҳлуҳои фарҳангро воқеан дарк ва қадр мекунанд. Сароянда мувофиқи қобилияти бадеии худ дар ҷараёни фаъолияти эҷодияш зебоиро ба дигарон нишон медиҳад.

Таҳқиқотҳои дар ин даҳсолаи охир бурдашуда имконият медиҳад, ки дар бораи ҳассосият, доираи назар, завқиёт ва қобилиятҳои мусиқӣ-эстетикии хонандагон баъзе хулосаҳо барорем. Хонандагони даврони муосир ба дараҷаи кофии дарки зебоиҳои табиат, санъат, таълим ва меҳнат расида, ба ҳаяҷон меоянд. Онҳоро образу тасвирҳои қаҳрамонӣ ба ҳаяҷон оварда, рафтору кирдорҳои хандаовару ҳаҷвӣ масрур мекунанд.

Олимон Б. Хайруллоев, дар бораи методикаи тарбияи мусиқӣ дар мактаб, Р. Амонов, Б. Шермуҳамедов, З. Назарова, ки дар бораи сурудҳои адабиёти шифоҳии бачагона корҳои илмӣ ба анҷом расонидаанд, дар таҳқиқотҳои худ тарбияи мусиқии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ ва азхуд кардани фарҳанги мусиқиро вазифаи аввалиндараҷаи мактабу оила меҳисобанд [85, с.106; 22, с.68; 90, с.32; 126, с.15].

Д. Рамазонов дар мақолаҳои илмии худ қайд менамояд, ки хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ, сараввал инкишофи маърифатӣ - равонӣ ва дарк намудани шуурнокӣ бо мақсадҳои мушаххаси худ тарбияи мусиқиро аз худ менамоянд, то ки бо аҳли хонавода ахборотҳои мушахасро ба даст оранд ва ташаккул додани тарбияи эстетикиро муайян намоянд. Инчунин фанни “Методикаи таҳсилоти ибтидоӣ” масъалаи чӣ гуна баланд бардоштани сифатҳои фаҳмиш ва дарки суруд ва мусиқиро дар ҷараёни таълиму тарбия ва корҳои эҷодӣ такмил дода, воситаи таҳлили назариявии фаъолияти мутафаккирони номбурда мебошад, ки дар ташаккули дарки мусиқии хонандагон дар синну соли ибтидоӣ аз масъалаҳои илмӣ самара дода метавонад [72].

Ҳамин тариқ, вобаста ба таҳлили таҳқиқотҳои дар фавқ овардашуда, бояд қайд намуд, ки бе такя ба заминаи методӣ, педагогикаи мусиқӣ хатари аз даст додани низоммандии илмӣ ва табдил ёфтан ба маҷмӯи усулҳои таҷрибавиро дорад. Аз ин рӯ, маҳз пояи назариявию методӣ, устуворӣ ва рушди консепсияҳои таълимӣ, ба ташаккули равишҳои илмӣ асос ёфта, дар парвариши завқи мусиқӣ-эстетикӣ ва ҷаҳонбинии зебоишиносӣ мусоидат мекунад.

**Арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ ҳамчун мавзуи таҳлили илмӣ.** Мафҳуми "арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ" бисёрҷабҳа мебошад. Он на танҳо муносибати эҳсосию зебоишиносиро дар бар мегирад, балки ҷанбаҳои маърифатӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиву фарҳангиро низ фаро мегирад. Аз дидгоҳи *аксиология* - илми арзишҳо - арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ шакли вижаи дарки ҷаҳон мебошанд, ки дар он таҷрибаи ҳиссӣ ва рӯҳонии шахсият дар симоҳои бадеӣ ва шакли садоӣ таҷассум меёбад.

Таҳқиқот дар ин соҳа ба ошкорсозии қонуниятҳои ташаккули шуури эстетикӣ дар фаъолияти мусиқӣ равона шудаанд. Арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ статикӣ (оморӣ) нестанд - онҳо ҳамқадам бо фарҳанг рушд мекунанд, инъикоси тағйироти таърихӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Аз ин рӯ, аз нигоҳи методӣ муҳим аст, ки ин раванд дар заминаи диалектикаи анъана ва навоварӣ, таҷрибаи инфиродӣ ва ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Аҳамияти таҳқиқотҳои назариявию методӣ дар ташаккули арзишҳои мусиқӣ-эстетикиро хулосабандӣ намуда, қайд кардан ба маврид аст, ки онҳо якпорчагӣ ва асоснокии илмии раванди педагогикаи мусиқиро таъмин мекунанд. Ин таҳқиқот на танҳо моҳият ва вазифаҳои санъати мусиқиро равшан месозанд, балки заминаи методӣ барои тарбияи шахсиятро эҷод мекунанд, ки қобилияти дарки амиқи зебоишиносӣ ва ифодаи эҷодиро дорост.

Таҳлили назариявию методӣ имконият медиҳад, ки равишҳои фалсафӣ, фарҳангшиносӣ ва педагогӣ муттаҳид гарданд, қонуниятҳои ташаккули шуури эстетикӣ муайян шуда, моделҳои муассири педагогӣ таҳия гарданд. Ба

шарофати ин, ташаккули арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ ба раванде табдил меёбад, ки на аз таъсири эҳсосӣ, балки ҳамчун ҷараёни мақсадноки рушди рӯҳонии инсон амалӣ мегардад.

Ҳамин тавр, таҳқиқотҳои назариявию методӣ дар низоми муосири маорифи мусиқӣ нақши калидӣ доранд: онҳо ба фаҳмиши идеалҳои зебоишиносӣ, ташаккули арзишҳои устувори рӯҳонӣ ва офаридани заминаи илмӣ барои рушди ҳамоҳанги инсон дар фазои фарҳанг мусоидат менамоянд.

Дар доираи назариявии мусиқӣ-эстетикии хонандагони муосир оид ба қонунҳои мусиқӣ-эстетикӣ ва эҷодиёти бадеӣ, оид ба меъёрҳои зебоӣ дар табиату воқеъият қариб, ки донишҳои назариявӣ вуҷуд надорад. Яке аз сабабҳои ба табиати иҷтимоии зебоӣ баҳо дода натавонистани хонандагон низ дар ҳамин аст.

Дар Ҷумҳури Тоҷикистон аз ҳама муъмултарин дар фарҳанги мусиқӣ тамошои филмҳо ва сарчашмаҳо буда, аз онҳо хонандагон захира гирифта, дар ҳаёт онро истифода хоҳанд бурд. Махсусан, хонандагон аз таҳсилоти ибтидоӣ ба санъати эстрадӣ таваҷҷӯҳи хоса доранд. Қобилиятҳои бадеӣ дар аксарияти хонандагон ба мусиқиву рақс нисбатан бештар аст. Мураккабшавии мундариҷаи фаъолияти мусиқӣ-эстетикӣ доим маҳоратҳои нав ба навро тақозо дорад, ки баъзан набудани онҳо ҷараёни ҳаматарафа инкишоф ёфтани қобилияти бадеии хонандагони калонсолро боз медоранд.

Ба ҳамин тариқ, дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон фарқиятҳои сину соли байни писарону духтарон хусусиятҳои ба худ хосе мавҷуданд. Тамоили умумии пешравандаи инкишофи мусиқӣ-эстетикии онҳо бо душвориву зидиятҳои бисёре алоқаманданд. Масалан, дар байни кушиши ба зебоӣ доштаи онҳову тарбияи зебоипарастиашон нуқсоне ҳаст. Инчунин барои ба таври мусиқӣ-эстетикӣ дарк кардану фаҳмидани хонанда низ нуқсон мебошад. Ғайр аз ин, баъзе компанентҳои ҷузҳои фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ мумкин аст, ки инкишоф наёбанд. Масалан, нағз расм кашад ҳам, вале ба мусиқӣ суст сарфаҳм меравад, баъзе маълумотҳои назариявӣ дошта бошад ҳам, аммо дар шароитҳои зарурӣ истифода бурда наметавонанд ва ғайра.

Хонанда тафовутро аз маълумотҳои мусиқӣ-эстетикии дар мактаб гирифтааш, дар таносуби маълумотҳои берун аз мактаб, дар асоси таҷрибаи пайдо кардааш мебинад. Бинобар ин, ба зери назорати педагогӣ гирифтани маҷрои тамоми маълумотҳои бадеие, ки хонандаи имрӯза мегирад, ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии онро хеле душвор мегардонад.

Хонандагон ба воситаи аз худ кардани адабиёт ва санъат аз боигарии шеър, санъати бадеӣ, образ ва нақшофарӣ шинос мешаванд, зеро моро зарур аст, ки онҳоро ба асарҳои бадеӣ шинос намоем, онҳо онро дарк намоянд, аз ақида, муносибат ва хислатҳои дар онҳо тасвиршуда шод гарданд. Ба ин восита суханронии таъсирбахши омӯзгор ва мутахассисони соҳаи фарҳанг дар бораи неруи маънавию эстетикии санъат, инчунин таъсири худи санъат ба ҳар як фарди ҷомеа кумак хоҳад расонд.

Дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ азхудкунии арзишҳои фарҳангӣ хеле муҳим аст. Барои ин ҳар як нафар бояд аз ҷиҳати бадеӣ маълумотнок бошад. Зеро агар ҳар як шахс аз санъат кайфият бурдани бошад, бояд пеш аз ҳама шахси аз ҷиҳати бадеӣ бо маълумот бошад. Суханони Р.Рамазонова водор месозанд, ки аз ҷиҳати ташаккули маълумоти мусиқӣ-эстетикии хонанда чораҳо андешем, аз имкониятҳои аз рӯи нақша дар хонандагон ташаккул додани системаи донишҳои мусиқӣ-эстетикӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагии хонандагон, маҳфилҳои дар онҳо ташкил карда шуда, муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ҳамаҷониба истифода барем [73, с.52].

Дар ин кор муассисаҳои таълимии мусиқӣ, бадеӣ, мактабҳои санъат, дарсҳои инфиродӣ аз созҳои мусиқӣ дар хонавода ба мақсади рушди эстетикии хонандагон кӯмаки хуб расонида метавонанд.

Якҷоя бо далелҳои мушаххас аз соҳаи фарҳанги бадеӣ хонандагон бояд қонунҳои зебоиро дар табиат, ҷамъият, санъат ва инчунин муносибати мусиқӣ-эстетикии хонандаро ба воқеиятро аз худ кунанд. Махсусан дар хонандагон ба вуҷуд овардани чунин мавқеъи ҷаҳонбиние, ки дар муборизаи

мураккаби идеяҳои мусиқӣ-эстетикии ақидаҳо ва фикру андешаҳои онҳоро ба роҳи дуруст мебарад, хеле муҳим мебошад.

Дарк кардани фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ дар ҳамкории аҳли хонавода ва мактаб ҳисси эстетикии хонандагонро бедор намуда, онҳо фарҳанги мусиқиро аз худ намуда, дар хотираи худ ҷой дода, образҳои бадеиро инъикос карда, таасуроти худро оид ба тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ ба вуҷуд меоранд. Ҳалли ин вазифа бо усулҳои гуногун сурат мегирад. Барои ин мумкин аст, ки беҳтарин намунаҳои асарҳои санъатро, ки дар онҳо зебоиҳои табиат инъикос ёфтаанд, ба тариқи аёният нишон дода шаванд. Ё ин, ки хонандагонро бо меъёрҳои умумӣ ва усулҳои таҳлили ҳодисаҳои мусиқӣ-эстетикӣ мусаллаҳ намудан лозим аст.

Дар корҳои беруназдарсӣ ва фориғ аз мактаб иштироки хонандагон дар машғулиятҳои муассисаҳои мусиқӣ, мактабҳои санъат, маҳфилҳои бадеӣ имкониятҳои хуби боло бардоштани завқи зебоипарастӣ, инкишофи қобилиятҳои эҷодиро дорад. Муҳим нест, ки дар оянда хонанда санъаткор шавад, аммо ҷалб шудани онҳо ба машғулиятҳои санъат қобилиятҳои фикрӣ - бадеии хонандагонро сайқал дода, онҳоро аз ҷиҳати гармоникӣ ҳаматарафа инкишоф медиҳад.

Яке аз беҳтарин воситаҳои тарбияи завқи мусиқӣ-эстетикӣ аз нуқтаи назарияи мусиқӣ-эстетикӣ касро талқин кардан аст. Хонандагон бояд барои ҳимояи идеяҳои худ содиқу бо муросо бошанд. Вале барои ин дар онҳо қобилияти ақидаҳои худро ҳимоя карда тавонистану ба тариқи илмӣ муносибат намуданро инкишоф додан лозим аст. Барои дар онҳо ба вуҷуд омадани қобилияти ба чизҳо аз нуқтаи назари мусиқӣ-эстетикӣ баҳо дода тавонистан - суҳбатҳо, мусоҳибаҳо, навиштани реферат бар ин чорабиниҳо нақши бузург мебозанд. Ин чорабиниҳо фаъолиятҳои мустақилонаро дар сертарадудии хонандагон инкишоф медиҳанд.

Ташаккули қобилияти эҷодӣ-бадеӣ, дар навбати худ усулҳои махсусро тақозо мекунад. Пеш аз ҳама бо роҳи мушоҳида, санҷиши сомеа ва идроки

бинои нишонаҳои қобилияти табиӣ ва рағбати хонандагонро муайян намуда, баъдан фаъолияти эҷодии хонандагонро ба тартиб овардан лозим аст.

Ба воситаи машққуниҳои доимӣ, комёбиҳои пештара мустаҳкам карда шуда, вобаста ба маҳорату малакаҳои нав ба нав соҳиб шудан, намудҳои фаъолият низ ба тадриҷ мураккаб карда мешаванд. Барои ин ҳамеша дар хотир доштан лозим аст, ки машғулиятҳои мусиқӣ, хореографӣ ва расмкашӣ танҳо дар сурати хушнудӣ овардан хонандаро аз ҷиҳати эстетикиву ахлоқӣ бой месозанд. Ба эҷодиёти бадеии хонандагон баҳои дуруст додан ҳам боиси пешрафти қобилияту истеъдодҳои онҳо мегардад.

Дар асоси омӯзиши маводи назарӣ роҳҳои асосии ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии наврасону ҷавононро бой намудани ҷиҳати ҳиссӣ-мусиқӣ-эстетикӣ, корҳои бадеӣ-маълумотдиҳӣ, дар доираи зебоӣ пурҷуш намудани фаъолияти эҷодӣ хеле зарур аст. Оила, муаллим ва корманди фарҳанг бояд ба ҷиҳати мусиқӣ-эстетикӣ бештар диққат диҳад, ба ҳодисаҳои омухташаванда аз нуқтаи назари мусиқӣ-эстетикӣ баҳо диҳад.

Тарафи зебоии воқеиятро аз худ кардани хонандагон, ҳам дар раванди таҳсилот, дар дарс ва ҳам дар ҷараёни ба фаъолияти фарҳангӣ дар доираи чорабиниҳо ва машқҳо дар машғулиятҳои маҳфилҳои фарҳангӣ иштирок кардан ба вуҷуд меоянд. Таҳқиқотҳои махсус нишон медиҳанд, ки фаъолият ҳамон вақт мазмуни мусиқӣ-эстетикӣ мегирад, ки агар он характери эҷодӣ пайдо кунад. Инчунин барои ҷавонон муҳити муассироти коллективона ҳукмрон бошад. Шаклҳои пассив, догматикӣ, бепроблемавӣ ва якрангии усулҳои таълим ва фароғатгузаронӣ, шавқи маърифатӣ ва мусиқӣ-эстетикии хонандагонро паст намуда, ба фаъолияти мусиқӣ-эстетикӣ ҷалбшавии онҳоро суст мегардонанд [96, с.180].

Манбаи асосии зебоӣ ва эҷодкорӣ ҷараёни меҳнат аст. Чунки дар он хонандагон ҳамчун субъекти фаъолияти меҳнатӣ ва пешбарандаи арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ баромад мекунанд. Аз ин рӯ, ба фаъолияти меҳнатӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷалб намудани хонандагон аҳамияти махсус дорад.

Фарҳанги эстетикиро набояд ҳамчун як фарҳанги одии умумиҷомеагии шахс донист, балки он ҷанбаи баландтарини фарҳанги шахсӣ маҳсуб мебошад. Шахсияти аз ҷиҳати мусиқӣ-эстетикӣ инкишофёфта дар худ чизи зеборо мепарварад, аз он ҳаловат мебарад, олами маънавии хешро ғанӣ мегардонад.

Муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангии кишвар дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг, Вазорати маориф ва илмро дар мавриди татбиқи пешниҳоду дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 иброз доштанд, ба асос гирифта, бахри беҳсозии раванди таълиму тарбия ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардиданд.

Дар вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар, аз он ҷумла, кормандони соҳаи фарҳанг Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мақомоти дахлдори соҳаи маорифу фарҳангро зери назари танқид гирифта, зикр намуданд, ки «роҳбарони муассисаҳои илмиву тадқиқотии соҳа омилҳо ва сабабҳои паст будани сатҳи дониши хонандагону донишҷӯёнро пурра таҳқиқ накарда, дар хусуси тағйир додани ин раванд аз мадди назар дур кардаанд». Дар ин суханронии хеш Пешвои миллат масъалаҳои рушди фаъолияти эстетикиро махсусан зикр карда ба роҳбарони ташкилоту идораҳои фарҳанг вазифаҳои мушахас дода, доир ба масъалаҳои ташаккули худшиносии миллӣ ва нигоҳ доштани фарҳанги асили миллии халқи тоҷик ва тарғиби он дар байни дигар кишварҳо таъкидҳои ҷиддӣ намудаанд.

Бесабаб ҳам нест, ки сардори давлат ба рушди фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ аҳамияти калон медиҳанд. Дар вохӯриашон бо зиёиёни кишвар соли 2017 вазъи рушди фарҳанги бадеиро таҳлил ва баррасӣ намуда, зиёиёни кишварро вазифадор намуда буданд, ки барои эҷоди асарҳои замонавӣ ва сатҳи баланди бадеӣ доштан, камари ҳиммат банданд. Чопи ин асарҳоро Пешвои миллат аз ҷониби худ кафолат додаанд. Сарвари давлат аз

намояндагони худ дар ноҳияҳо талаб мекунанд, ки барои рушду нумӯи фарҳанг беҳтар шудани шароити кору зиндагии кормандони соҳа маблағҳо дарёбанд, ҳунармандонро ҳавасманд гардонанд, ба муассисаҳои фарҳангӣ ҷалб намудани кормандони ғайрикасбӣ роҳ надиҳанд, зеро фарҳанг яке аз рукнҳои асосии ҷомеа ва ҳастии миллат буда, дар ташаккули шахсияти комил, тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонанда нақши калон ва ҳалкунанда дорад. Пешравии фарҳанг танҳо дар ҳамкории сегона - оила, мактаб ва ҷомеа вобаста аст.

Дар масъалаи инкишофи завқи мусиқӣ олимон корҳои зиёди илмӣ таҳқиқотӣ гузаронидаанд. Саҳми махсусро В.Н.Шацкая дар бораи завқи мусиқӣ ҳамчун сатҳи муайяни идеяҳои мусиқӣ фаҳмонида, қайд мекунад, ки зебоӣ дар мусиқӣ таҷлил ва бояд қадр карда шавад. Мазмуну мундариҷаи идеявии он, ростӣ ва самимияти ҳиссиёт, равшан ва боварибахш будани образҳои мусиқӣ ва тамоми воситаҳои ифодакунандаи асари мусиқӣ аз ҳамкории мактабу оила вобаста аст. Дар асоси ин маҳорати дарки фаъоли хонандагон дар бораи мусиқӣ, аз ҷумла образҳои бадеии мардумӣ, асарҳои дастраси бастакорони бузурги гузашта ва аз ҷиҳати жанрҳо гуногунранг, таваҷҷӯҳ ва қаноатмандии зиёд зоҳир мегардад. Мусиқии бастакорони муосири тоҷик  ба шавқу ҳаваси хонандагон наздик буда, вобаста ба давру замон тамоми дастовардҳои миллат, бузургии халқ, гуногунии фикру зикр ва ҳиссиёти онҳоро ҳамаҷониба инъикос менамояд [89, с.156].

Яке аз масъалаҳои муҳим дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон, тартиби нақшаҳои таълимӣ бо дарназардошти  ворид шудани соатҳои дарсии фанни суруд ва мусиқӣ дар мактабҳои ибтидоӣ ва масъалаи дигар, омода ва чоп намудани дастурамалу китобҳои дарсӣ вобаста ба ин нақшаҳо мебошад. Муҳаққиқ  С.Ф. Сизикова дар рисолаи доктории хеш  оид ба ин масъалаҳои дар фавқ номбурда, маълумотҳои дақиқ овардааст. Муаллиф, аз ҷумла чунин қайд мекунад, ки аз солҳои 60-уми асри гузашта сар карда то солҳои 80-ум (аниқтараш то соли 1986) ин барномаҳо мукаммал гардидаанд. Мақсад аз чунин тарҳрезии барномаҳо - ин додани тарбияи хуб барои насли наврас дар

роҳи азхудкунии мусиқӣ, дуст доштани он, пайдо кардани малакаи навозандагӣ ва азхудкунии маҳорати хорсароӣ ва ғ. мебошад [137].

Умуман, дар ҷараёни таълими суруду мусиқӣ масъалаи авлавият ва арзиши муқаддас гардонидани сифатҳои неки ахлоқӣ ва маънавии хонандагон бартарӣ дошта, мақом ва шаъну шарафи инсону инсоният дар як сатҳ ситоиш карда мешавад [160, с.144].

Хонандагон мусиқиро на ҳамчун қисми таълими ҳатмӣ, балки танҳо дар шакли оддии он қабул мекунанд ва дӯст медоранд. Дар ин замина, бояд гуфт, ки дар барномаи фарҳангӣ кӯдакон шавқу рағбати худро ба асбобҳои мусиқӣ нишон дода, фарҳанги миллиро ба тамоми ҷаҳониён на танҳо тариқи рақсу бозиҳо муаррифӣ мекунанд, балки сурудҳоро низ бо садои табии худ иҷро мекунанд. Дар ин давра бачагон аввал бо мусиқии халқӣ, классикӣ ва муосир шинос мешаванд. Илова бар ин, онҳо ба тамошобинони васеъ сурудҳо ва мусиқии аҷибро низ намоиш медиҳанд [73, с.52].

Хонандагон метавонанд дӯстдорони ҳақиқии мусиқии ҷиддӣ гарданд, аммо чизи асосӣ ин аст, ки онҳо бояд шунавандагони фарҳангӣ гарданд, ки мусиқии воқеиро фаъолона ва бо шавқу завқ дарк кунанд ва мусиқии дарк кардаашон баҳо дода тавонанд ва муносибати худро ба шунидаашон муайян кунанд. Агар хонандагон мусиқии баланди бадеиро бишнаванд, онҳо аз интонатсияҳои аз ҷиҳати бадеии мусиқии давраҳо ва услубҳои гуногун таҷриба ва огоҳӣ ҷамъ мекунанд ва дар онҳо пояҳои завқи мусиқӣ ташаккул мeёбанд. Хонандагон дар бораи мусиқӣ дониши муайян, маҳорат ва малака пайдо карда, бо санъати мусиқӣ ошно мешаванд. Ба он муваффақ шудан лозим аст, ки дар ҷараёни таълими мусиқӣ азхуд намудани ин дониш, малака ва маҳорат ба ташаккули майлу ҳавас, эҳтиёҷот, тафаккури мусиқӣ, тасаввурот ва завқи онҳо мусоидат намояд.

Хонандагон дар замоне зиндагӣ мекунанд, ки мусиқиро қариб дар ҳама ҷо шунидан мумкин аст. Аз ҷумла, воситаи радио, телевизион, инчунин пайдо шудани маводи гуногуни мусиқии ба осонӣ дастрас (фитаҳои аудиоӣ,

дискҳо, сабтҳои видеоӣ ва телефонҳои мобилӣ, планшет ва ғ.) ба оила мусоидат мекунад.

Хонандагон аз тарбияи оила ба осонӣ хондани суруд ё рақс кардан, навохтани асбобҳои мусиқӣ ё шунидани мусиқиро авлотар медонанд. Ин гуногунии рағбати хонандагон аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳоро доимо инкишоф ва такмил додан лозим аст. Хонандагон аз оила таассуроти гуногуни мусиқӣ мегиранд, ба забони мусиқии халқӣ, классикӣ ва муосир одат мекунанд. Вазифаи аҳли хонавода ва мактаб барои бомуваффақият пеш рафтани хонандагон, ҳангоми кор аз мусиқии аз ҷиҳати фарҳангӣ пурқимати классикӣ ва халқӣ истифода бурдан лозим аст. Мушкилот ба таври назаррас намоён аст, яъне ба он диққати бештар додан лозим аст. Таҳлили илмии истифодаи раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар ташаккулёбии сифатҳои эстетикии хонандагони хурдсол дар ҳамкории хонавода бо мактаб дар шароити Тоҷикистон мушоҳида карда шуд.

Гуфтаҳои боло моро водор месозад, ки шавқмандӣ ба фаъолият аз сифатҳои шахсии ҳар як хонандаро ба эътибор гирифта, ба инкишофи фаъолият, идрок, хотира, тафаккур, тасаввурот ва эҳсосоти хонандагон дар дарсҳои мусиқӣ мусоидат намоем. Раванди фаъолонаи азхуд кардани таҷрибаи бойи ҷамъиятӣ, комёбиҳои фарҳанги мусиқӣ, чунон ки маълум аст, дар натиҷаи фаъолияти хонавода ва мактаб ба амал меояд. Дар натиҷаи фаъолият, чунин хусусиятҳои равоние чун идрок, дарк, хотира, тафаккур, тасаввурот ва эҳсосот дар хонанда инкишоф меёбанд. Хонандагони хурдсол дар ҷараёни ҳама гуна фаъолият амалҳои муайянеро, ки боиси ба даст овардани натиҷаҳои муайяни беруна мегарданд ва амалҳои дохилӣ, ки асосан равонианд, ки заминаи асосии мазмуни инкишофи рӯҳиро ташкил дода, азхуд мекунанд. Аз ин лиҳоз мо зарур донистем, ки пеш аз муайян кардани сохтори фаъолияти мусиқӣ, ҳамзамон сохтори фаъолияти хонандагони хурдсол, ҳамкории хонаводаро бо муаллимони мусиқӣ муайян намоем.

Оила ячейкаи аз ҳама муҳим дар ҳаёти ҳар як хонанда буда, маҳз дар оила мо муҳаббат, масъулият, ғамхорӣ ва эҳтиромро меомӯзем. Ҳамкории

мактабу оила метавонад дар чорабинии барои ташаккули муносибати арзишӣ нисбат ба оила, ифтихор аз оила, ташаккули таҷрибаи мусбати муносибатҳои оилавӣ, хоҳиши фаъолияти муштараки эҷодӣ, мусоидат намудан ба оилаҳо нигаронида шудааст. Ба ҳамдигарфаҳмии байни хонандагон ва калонсолон, ёрии ҳамдигарӣ, масъулият барои худ ва аъзоёни коллектив, мустаҳкам намудани принсипҳои ахлоқӣ дар муносибатҳои оилавӣ, баланд бардоштани маданияти муошират байни аъзоёни оила ва омӯзгорони мактаб арзёбӣ мегардад.

Дар ҷаҳони муосир тарбияи оилавӣ аз ҷониби аҳли хонавода дар илми педагогика моро водор месозад, ки барои хонандагон шароит фароҳам оварем. Ин барои инкишоф ва нигоҳдории ҷаҳони маънавии хонандагон ҳамчун асоси ташаккул ва инкишофдиҳандаи шахсияти ӯ, барои ошноӣ ба фарҳанги миллати худ ва дигар миллатҳо барои арзишҳои маънавии ҷомеа мебошад. Фарҳанг ва махсусан мусиқӣ дар хонандагон инсондӯстиро тарбия карда, барои омода шудан ба ҳаёти оилавӣ низ нақши ҳалкунанда мебозанд. Аҳамияти мусиқӣ барои хонандагон  дар он муайян мегардад, ки хонандагон роҳҳои аввалини ҳаёт ва дарки ҷаҳони атрофро  бо воситаи фарҳанги мусиқӣ аз худ намоянд.

Аз ин рӯ, фарҳанги мусиқӣ барои ташаккул додани тарбияи ахлоқию эстетикии шахсияти хонандагон, инкишоф додани шуур, ҳиссиёт, тафаккур, хотир ва рафтори онҳо таъсири бениҳоят калон мерасонад. Инро мо бо он шарҳ медиҳем, ки таъсири мусиқӣ ба ахлоқи хонандагон вобаста ба таносуби санъат ва ахлоқ ҳамчун шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ва фаъолияти маънавию амалии шахсият ба ҳисоб меравад.

Фарҳанги мусиқӣ дар ҳамбастагии тарбияи оилавӣ ва мактаб нашъунамо меёбад, агар ин вазифа танҳо аз тарафи оила вогузор гардад,  ин ба номутобиқатии тарбияи мусиқии оилавӣ мавқеи пассивӣ оварда мерасонад. Танҳо муҳити оилавӣ аз паст будани маданияти педагогӣ, ба хонанда, ба фарҳанги мусиқии фарзанди худ баҳои дуруст дода наметавонад, зеро аҳли хонавода фарҳанги мусиқиро барои замина, намоиш ва тафриқа

пешниҳод менамоянд ва барои такмил ва инкишоф додани фарҳанги мусиқии ҳаракати хонандагон ба сӯи ҳунар ва омӯзгори асил арзиши ҳақиқиро ба хонандагон меомӯзад. Ҳамин тариқ, аҳамияти амалӣ (практикӣ)-и таҳқиқотҳои назариявию методӣ дар коркардҳои назариявию методии амалияи маорифи мусиқӣ, аз ҷумла:

- дар сохтани барномаҳои таълимӣ;
- таҳияи усулҳои дарсдиҳӣ;
- интихоби репертуар ва арзёбии натиҷаҳои ҳунариву педагогӣ  ва ғ. татбиқ меёбанд.

Онҳо гузаришро аз омӯзиши расмии малакаҳои мусиқӣ ба тарбияи шахсияти дорои шуури эстетикӣ, тафаккури интиқодӣ ва қобилияти эҷодӣ таъмин мекунанд.

Дар консепсияҳои муосири тарбияи мусиқӣ, ҳадаф на танҳо иҷрои асарҳои мусиқӣ, балки дарки мазмуни бадеӣ, арзишӣ ва ҷаҳонбинии онҳо мебошад. Таҳқиқотҳои назариявию методӣ заминаи гузариш аз техника ба маъно, аз шакли зоҳирӣ ба мундариҷаи ботинии санъатро фароҳам меоранд.

Маорифи мусиқӣ раванди мураккабест, ки ҷузъҳои маърифатӣ, эҳсосӣ ва фаъолиятиро дар бар мегиранд. Барои ташаккули муассири арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ зарурати ҳамгироии равишҳои гуногуни илмӣ - фалсафӣ, фарҳангшиносӣ, равоншиносию педагогӣ ва ҳунаршиносӣ ба миён меояд.

Тарбияи мусиқӣ - оилавӣ бе ҳамкории мактабу маориф сабабҳои зиёде ба вуҷуд меорад, ки ин хонандагонро аз мусиқӣ дур месозад ва онҳо аз фарҳанги мусиқӣ баҳраманд намегарданд. Аз лиҳозе, ки аҳли хонавода дар заминаи педагогӣ санъати мусиқӣ огоҳ нестанд, ихтилофҳо ба вуҷуд меоянд, ҳоло онҳоро гӯрӯҳбандӣ менамоем:

- набудани дастуру  китобҳои ватанӣ барои ифшо додани тарбияи мусиқии волидайн, инчунин набудани роҳҳои омода намудани волидон ба тарбияи оилавии фарзандон;
- ҳолати иҷтимоӣ ва нобаробарии байнисоҳавии муаллимони мусиқӣ;

- барои омода намудани омӯзгорони мусиқӣ, нисбатан кам будани барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ;
- омода кардани аҳли оила бо воситаҳои афзоиши технологияҳои муосири мусиқӣ ва таълимӣ барои фарҳанги психологию педагогии волидон;
- аз ҷиҳати назариявӣ кор карда натавонистани масъалаҳои асосӣ дар таҷрибаи тарбияи мусиқӣ дар оила.

Ин норасоиҳоро метавон тавассути педагогикаи иҷтимоии муосир ҳал кард ва мо тавсия медиҳем, ки оилаҳо барои хонандагон шароити оптималӣ фароҳам оварда, ба онҳо ба ҷомеа мутобиқ шаванд. Бармаҳал бо асбобҳои мусиқӣ шинос кардани талабагон ва омухтани онҳо бояд дар ҳамкории зичи оила ва мактаб ба назар гирифта шавад.

Таваҷҷӯҳ ба синну соли мактабӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин синну сол ташаккули тасаввурот дар бораи санъати мусиқии хонандагон фаъол буда, садои мусиқӣ ва татбиқи амалии он дар тасвирҳои ҳаёти атроф ба амал меояд. Агар санъати мусиқии хонандагон бо ҳассосият ташаккул дода шавад, дар ҳамкории мактабу хонавода самаранок хоҳад шуд, дарки онҳо ба зуҳуроти дастраси зебоӣ ва меҳрубонӣ, дар қаҳрамонҳои мусиқӣ равона карда мешавад. Омӯзгор шавқи хонандагонро ба мусиқӣ, симои мусиқӣ ва умуман ба ҳаёти атроф аз ҷиҳати мусиқӣ-эстетикӣ ташаккул медиҳад. Барои ташаккул додани фарҳанги мусиқӣ хонандагон самт ва аҳамияти иҷтимоӣ пайдо мекунанд, ҳиссиёти ақлӣ, ахлоқӣ, мусиқӣ-эстетикӣ ба ҳамдигар наздик ва аксар вақт мувофиқат мекунанд. Илова бар ин, дар синну соли мактабӣ даврони мусоиди инкишофи *онтогенетикӣ* (аз сар гузаронидани организми инфиродӣ дар давоми ҳаёти худ тағйироти ҷисмонӣ ва рафторӣ) ба ҳисоб меравад, ки хонанда ҳассосияти аз ҳад зиёд ба падидаҳои муҳити мусиқӣ, инчунин ҳассосияти махсус ба инкишофи шунавоии *фонематикӣ* (овозҳои нутқ ва вазифаи фарққунанда) зоҳир мешавад. Дар ин синну сол хонандагон барои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ, эҳтиёҷоти мусиқиро фаъолона инкишоф медиҳанд. Аз ин рӯ, зарурати ҳамкории мактабу муҳити оилавӣ,

барои муайян кардани тамоюли инкишофи падидаи омӯхташаванда дар шароити оптималии тарбияи мусиқии хонандагон ба миён меояд.

Ҳамкории мактабу муҳити оилавӣ бораи хонандагон ва тарбияи онҳо, дар бораи муҳити атроф ва моҳияти фаъолияти инсон, хусусиятҳои ба мақсад мувофиқ дар педагогикаи халқӣ ва муносибатҳои фарҳангӣ иборат мебошад. Барои созанда будани он нақши анъанаҳо ва муносибати фарҳангӣ, ки дар доираи он таълими мусиқӣ ҳамчун раванде амал мекунад, ки муҳити мусиқиро ба вуҷуд меорад ва ҳаёти хонандагонро барои тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ дар ҳамкории муҳити оилавӣ ва мактаб дар илми педагогӣ метезонад.

Барои рушду нумӯи тарбияи мусиқии хонандагон, ҳамкории мактабу муҳити оилавӣ, фароҳам овардани шароитҳои иқтисодӣ, навсозии системаи таълими муҳити мусиқӣ ва таъмини назорат дар ҷараёни иҷтимоӣ, қодир ба фароҳам овардани муҳити оптималии рушди мусиқии онҳо нигаронида шудааст.

Зарурати педагогикунонии муҳити мусиқӣ, ки ин дар натиҷаҳои ҳамгироии муносибатҳои мутақобилаи мактаб ва муҳити оилавӣ, дар дарсҳои мусиқӣ истифода бурда мешавад, бевосита ба рушди хонандагон таъсир хоҳад расонд, инчунин механизмҳои таъсири ғайримустақими онҳоро фароҳам хоҳад овард.

Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарҳанги мусиқӣ метавонад мақоми оиларо тағйир диҳад, дар муҳимтарин муассисаи таҳсилотӣ дарсҳои суруд ва мусиқӣ аҳамияти назариявӣ ва аҳамияти амалӣ бахшида, муҳаббати фарзандро ба аҳли оила ва муаллиму ҷомеа афзун гардонад. Мо барои пурзур кардани ҳамкории муҳити оилавӣ ба муассисаҳои таҳсилотӣ, зарурати аз нав дида баромадани нақшаи кории волидон, инчунин барои иҷрои вазифаи корҳои тарбиявӣ, баланд бардоштани сатҳи салоҳияти психологию педагогӣ ва таълими мусиқии онҳо, пурзӯр намудани мавқеъи шаҳрвандии волидайн, барқарор намудани робитаи дарси мусиқӣ ва анъанаҳои фарҳангии миллӣ, инсондӯстии услуби муошırати хонандагон,

баланд бардоштани завқи мусиқии онҳоро барои тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ба роҳ бояд монд.

Ташкил намудани чараёни тарбияи фарҳанги мусиқӣ хонандагонро набояд ба қонунҳои инкишофи табиӣ мухолифат кунад, балки онро бой ва ғанӣ, мутаносиб созад, зеро синну соли мактабӣ на танҳо давраи инкишофу ташаккул, балки давраи ангезиши зеҳн ба ҳисоб меравад.

Ҳамкории мактаб бо аҳли хонавода на танҳо барои инкишоф додани тарбияи мусиқӣ, инчунин барои азхуд намудани усулҳои фаъолияти мусиқӣ, барои фаъол гардонидани сифатҳои хуби инсонӣ, барои барқарор кардани муошırати байни аҳли оила ва мактабу маориф, барои аз наздик шинос шудан бо образҳои мусиқӣ, инчунин қобилияти эҷодии мусиқӣ, қобилияти фардӣ ва инкишоф ёфтани тарбияи зеҳнӣ сафарбар карда мешавад.

Ташаккул ва инкишофи фарҳанги мусиқӣ аз ҷиҳати педагогӣ бояд барои ташкил кардани эҳтиёҷоти мусиқии хонандагон ва ифшо намудани эстетикии онҳо ба роҳ монда шавад. Барои намудҳои фаъолияти мусиқӣ на танҳо ҷиҳатҳои тарбияи эстетикии хонандагон, балки кушиш намоем, ки аз ӯҳдаи иҷрои ягон асари мусиқӣ бароем. Чорабиниҳои фарҳангӣ, ки ҳамчун дарс-консерт аз тарафи хонандагон баргузор мегардад, эҷодкорӣ ва ҳунармандии худро нишон медиҳанд. Дар ҳар як дарс-консерт хонандагон таваҷҷӯҳи худро ба зебоии тасвирҳои мусиқӣ дар бораи мактабу аҳли оила, инчунин ба ҳаёти атроф нигаронида мешавад ва ин ба мо имкон медиҳад, ки хонандагон диққати эҳсосотро омӯзанд, лаззат бибаранд ва зебоиро дарк намоянд.

**Хулосаи фасли якум**

Натиҷаи мавқеи таҳқиқот арзёбии амалҳои хонаводаро бо ҷалби хонандагон дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ зоҳир гаштанро нишон додааст. Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот,вазифаи оила ва мактабро чунин таъкид намудем:

- он имкон медиҳад, ки вариантҳои амалӣ гардондани таълими мусиқӣ дар тарбияи оилавии хонанда фарқ карда шавад;

- ба инъикоси ҳамаҷонибаи амалҳои имконпазири оилавӣ оид ба татбиқи вазифаҳои таълими мусиқии хонанда мусоидат намуда, ба ин васила ислоҳи нобаробарии сунъии соҳаҳои таълими умумӣ ва иловагии мусиқӣ мусоидат мекунад.

Дар натиҷаи раванди омӯзиши кофии тарбияи бошууронаи мусиқӣ, диққати мо бештар ба омӯзиши хусусиятҳои татбиқи шартҳои педагогии мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон нигаронида шудааст. Натиҷаҳои ҷустуҷӯи назариявӣ ва таҷрибавӣ нишон дод, ки ин майлу хоҳиши волидонро барои ҳалли доираи васеъи масъала инъикос менамояд. Масъалаҳои таълиму тарбия ва инкишофи онҳо бо роҳи таълими мусиқии фарзандонашон ифшо дода мешавад.

Ибтидои кори педагогӣ аз рӯи ислоҳ намудани рафтор ва тарбия намудани хонандагон муайян карда мешавад. Дар ҳақиқат тарбия намудани хонандагон дар ҷойи аввал меистад. Зеро бидуни ахлоқи ҳамида аз хонандагон таълиму меҳнат ва дониши амиқ интизор шудан ғайриимкон аст.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ, эҳтиёҷоти муҳити оилавӣ дар ҳамкории мактаб, ҷомеа ва муҳити хонавода, таҳсилоти мусиқӣ бо муваффақият муайян карда мешавад. Дар ҳамкории мактабу муҳити оилавӣ хонанда хоксорӣ, самимият, поквиҷдонӣ, хештаншиносӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва ватандорӣ, эҳтироми калонсолон ва тамоми воситаҳои ифодакунандаи ҳаёти эстетикиро меомӯзад.

Мусиқӣ дар тӯли асрҳо вазифаҳои идеологӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва маърифатиро иҷро мекард. Тараққиёти таърихии мусиқӣ, пеш аз ҳама, бо қонунҳои тараққиёти ҷамъият зич алоқаманд аст. Мусиқӣ инчунин асбоби муҳими маънавии рушди куллии иҷтимоӣ, идеявӣ ва фарҳангии инсоният, тарбияи ахлоқию эстетикии он буда, дорои нерӯи бузурги эҳсосотӣ мебошад.

Дар тадқиқоти мо чунин амалҳои оилавӣ дар мантиқи стратегияи таълими мусиқӣ бо истифода аз иқтидори ташкили таълими муассисаҳои таълимӣ ва иловагии мусиқӣ баррасӣ карда шуданд.

# ФАСЛИ 2. УНСУРҲОИ МУҲИМИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ

## 2.1. Муҳити таълимии мактабӣ: нақши омӯзгори мусиқӣ дар рушди фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ

Дар ин фасл сухан дар бораи малакаи баланди дарсгузории омӯзгори суруд ва мусиқӣ дар таълиму тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар раванди дарси “Суруд ва мусиқӣ” дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ гуфта мешавад.

Хусусиятҳои касбии хоси муаллими мусиқӣ дар он аст, ки ҳангоми фаъолият дар мактаб аз донишҳои тахассусӣ ва донишҳои педагогӣ дар ҳамбастагӣ истифода намудан зарур мебошад. Ҳама намудҳои фаъолият ва шаклҳои кор дар мактаб, дарсҳои мусиқӣ ва чорабиниҳои гуногуни беруназсинфӣ ва берун аз мактабӣ аз омӯзгор на танҳо маҳорат ва малакаи мусиқидонӣ, балки пеш аз ҳама ҳамкорӣ бо волидон, дониш ва маҳорати баланди педагогиро низ талаб мекунад.

Касбҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки миёни онҳо касби омӯзгорӣ ғайримуқаррарӣ ба ҳисоб меравад. Махсусан, дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ ин шарт ва зарур аст. Омӯзгорон ба тарбия ва тайёр намудани наслҳое, ки дар оянда наслҳои ҳозираро иваз хоҳанд намуд машғуланд. Онҳо агар гуфтан мумкин бошад, бо «ҷисми зинда» сару кор доранд ва дар ин кори муҳиму бузург ба хатогӣ роҳ додан ба оқибатҳои фалокатовар баробар мегардад. Зеро омӯзгор бо шуури хонанда сару кор мегирад, онро аз хурдӣ бо дастгирии волидайн ба самти муайян равона месозад. Фаъолияти омӯзгор аз ҳар бор ворид гаштан ба ҷаҳони ботинии доимо ивазшавандаи хонанда вобаста аст. Муоширати «зинда» - и омӯзгор, ҳамбастагии омӯзгор ва хонандагонро ҳеҷ як китоб, технологияи муосир, аз он ҷумла, интернет иваз карда наметавонад.

Ба ҷаҳони мусиқии касбӣ ва эҷоди бадеӣ хонандаро танҳо омӯзгори касбӣ, мусиқидони хушсалиқа ва шахсе, ки мусиқиро мефаҳмад, ҷалб карда

метавонад. Танҳо ҳамин гуна шахси бофарҳанг ва бо маърифат омӯзгори мусиқӣ шуда метавонад ва дар ниҳоди хонанда нозукиҳои ин намуди нотакрори санъатро ҷой медиҳад.

Албатта, талаботҳои ҳозира, замони иттилоотикунонии ҷомеа аз омӯзгори мусиқӣ маълумотнокии ҳаматарафаро тақозо мекунад. Инчунин, дар ҳамкорӣ бо волидайн муҳайё кардани шароити хонандагон маслиҳатҳо дода тавонад. Мо ҳама медонем, ки баланд бардоштани тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ аз даврони кӯдакӣ оғоз меёбад. Ҳамкории омӯзгор бо оила барои азхуд кардани дарсҳои мусиқӣ ба хонандагон имконият фароҳам меоварад.

Волидайн дар чорабиниҳои фарҳангӣ иштирок варзида, дар бораи жанрҳои санъати мусиқӣ, олами эстетикии фарзанди худ маълумотҳо ба даст меоваранд ва алоқаи худро бо муаллим мустаҳкам менамоянд. Барои ин омӯзгорони мусиқиро лозим меояд, ки муҳити оилаи хонандагони худро омӯхта, барои баланд бардоштани ҳисси мусиқӣ-эстетикӣ чораҳои мушаххас андешанд [85, с.158].

Б.Хайруллоев ҳамкории мактабу оиларо дар тарбияи эстетикии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ дар гузаронидани лексия, семинар ташкил кардани чорабиниҳои фарҳангӣ аз тарафи муаллими мусиқӣ барои волидайн пешниҳод менамояд. Гузаронидани чунин лексия ба волидайн додани маслиҳатҳои методӣ-фардӣ дар бораи пешрафту муваффиқиятҳои фарзанд бохабар мешавад [141, с.67].

Омӯзгори мусиқӣ бояд овози хуби сарояндагӣ дошта бошад, зеро шарти асосии фаъолияти педагогии омӯзгори мусиқиро ташкил диҳад. Омӯзгори мусиқӣ бояд аз ӯҳдаи тоза сурудани асари мусиқӣ ба хубӣ баромада тавонад, яъне вай вазифадор аст, ки асари омӯхташавандаи мусиқиро дар лаҳни офарида ва бо овози тоза суруда тавонад, онро таҳлил карда тавонад, ҷойҳои мушкилии асарро ба шогирдон фаҳмонад ва оид ба офарандаи асари мусиқӣ, яъне шоир ва бастакоре, ки асарро офаридааст, ба хонандагони хурдсол маълумоти муфассалу шавқовар пешниҳод карда тавонад. Танҳо дар ин сурат вай аз уҳдаи дуруст ба роҳ мондани раванди

дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баромада, тарбияи эстетикии хонандагони таҳсилоти ибтидоиро низ инкишоф дода метавонад.

Шарти муҳим ва зарурии дигар донистан ва истифода бурда тавонистани технологияи муосири иттилоотӣ - коммуникативӣ (технологияи рақамӣ, дафтарҳои электронӣ, яндекс - китобҳо, рузномаҳои электронӣ ва ғ.) дар таълиму тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ, дар тайёрии касбии муаллими ояндаи мусиқӣ ба ҳисоб меравад.

Мақсади асосии дарси мусиқӣ - фаҳмондан ва нишон додани асосҳои хусусияти касби муаллими мусиқӣ, тарзи истифодаи технологияҳои навини мусиқиро дар дарсҳо инъикос намуда, мақсад ва ҳалли вазифаҳои зеринро дар назар дорад:

1) муайян сохтани хусусиятҳои эҷодии фаъолияти омӯзгори мусиқӣ;

2) ошкор кардани дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки ҳангоми кор кардан дар мактаб ба омӯзгори мусиқӣ лозиманд;

3) кушода дода тавонистан ва истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва навгониҳои методикаи таҳсилоти мусиқӣ дар раванди дарс, корҳои берун аз синфӣ ва бурун аз мактабӣ.

Алоқаи бевосита ба зебоӣ ба хонанда таъсири зиёди эмотсионалӣ мерасонад. Аз ин рӯ, аз тарафи муаллим, тарбиятгар нишон дода шудани асарҳои санъат, манзараҳои табиат барои инкишофи идроки эстетикии хонанда аҳамияти махсус доранд. Имкониятҳои инкишофёбандаи намудҳои гуногуни санъатро низ дар хотир доштан лозим аст. Ба воситаи намудҳои санъат - рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, кандакорӣ ва дигар намуди санъати зебоӣ дар хонандагон ҳиссиёти фарқ карда тавонистани муносибати баробарӣ, мазмунӣ, рангу бор ташаккул дода мешавад. Ин тасаввуроти васеъи фарҳангшиносиро ба вуҷуд меоварад.

Мусиқӣ барои инкишоф додани ҷаҳонбинӣ ва ахлоқу маънавиёти хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ саҳмгузор буда, тарбияи онҳо барои дарки мусиқӣ-эстетикӣ бағоят калон аст.

Тарбияи мусиқӣ бояд бо дарназардошти принсипи истифодаи методҳои хосе, ки ба синнусол ва маҳорати хонандагон вобастагӣ дорад, яъне принсипи рафтори тафриқавӣ ба онҳо ба роҳ монда шавад. Ин принсип имкон медиҳад, ки дар тарбияи бадеӣ-зебоипарастӣ аз имкониятҳои ҳамаи институтҳои иҷтимоӣ - фарҳангӣ ва хонавода бо дарназардошти хусусиятҳои синну солӣ, ҷинс, маълумот ва шавқу рағбат ба мусиқӣ оқилона истифода бурда шавад.

Баъзан ба назар мерасад, ки омӯзгор на ҳама вақт ихтисоси худро ба тариқи комплексӣ дарк мекунад, дар баъзе ҳолат яке аз фаъолиятҳои мусиқӣ-омӯзгориро хуб азхуд намуда, дигарашро ба инобат намегирад (мисол, таърихи мусиқиро хуб дарк намуда, назарияро суст медонад, дирижёрӣ карда метавонад, аммо созро хуб навохта наметавонад, қобилияти сароядагиаш хуб буда, психология ва педагогикаро дар сатҳи зарурӣ намедонад ва ғ.).

Азбаски фаъолияти мусиқӣ-омӯзгорӣ хусусиятҳои умумӣ ва хосро доро мебошад, пас барои тайёр намудани омӯзгори мусиқӣ ҳарду ин хусусиятҳо ба эътибор гирифта мешаванд. Қобилияти омӯзгорӣ на танҳо шартҳои фаъолияти пурсамари муаллим, балки хусусиятҳои инъикоси таркибии онро низ дар бар мегирад. Хусусиятҳои фардии шахс бо тавсифномаи касбии коршоямии омӯзгори мусиқӣ, ки фаҳмишҳои мувофиқ будан, майлу рағбат ва талаботҳои фардии хислатҳои ахлоқиро дар бар мегирад, алоқаманд мебошад. Дар раванди фаъолият тағйирёбии пайдарҳамии табиати инсон, ки мутобиқ ба талаботҳои ин фаъолият мебошад, пайдо гардида, он сифатҳои тахассусиеро, ки дар оянда хусусиятҳои шахсияти ӯро муайян менамояд бедор мегардад.

Ҳамин тариқ, дар фаъолияти мусиқӣ - омӯзгорӣ сохтори яклухти шахсияти омӯзгори мусиқӣ, ки дар он малакаю маҳорати мусиқӣ зарур ва ҳатмӣ мегарданд, ба вуҷуд меояд. Ташаккулёбии фаъолияти мусиқӣ ва дар хонандагон тарбия намудани завқи мусиқӣ-эстетикӣ ва ҳиссиёти мусиқӣ-эстетикӣ ба талаботҳои умумии инкишофи маҳорату қобилияти омӯзгор тобеият дорад.

Барои аз худ намудани касби омӯзгорӣ, аввалан фаъолиятҳои умумипедагогӣ ба вуҷуд омада, ташаккул дода шуда, пас малакаҳои касбӣ такмил меёбанд. Ақидае, ки гӯё омӯзгори мусиқӣ бояд пеш аз ҳама мусиқинавози хуб бошаду, таҷрибаи педагогӣ баъдтар ҳангоми кор пайдо мешавад, комилан нодуруст аст. Беҳтар он аст, ки агар омӯзгор ҳам аз ҷиҳати таҷрибаи педагогӣ ва ҳам аз ҷиҳати фаҳмиши маҳорати мусиқӣ омодагии хуб дошта бошад. Ин ду салоҳият имкон медиҳад, ки хонандагон ба фанни суруд ва мусиқӣ дар мактаб мароқи зиёд пайдо намоянд ва ба дарсҳои мусиқӣ чун ба дигар дарсҳо муносибат кунанд, мусиқиро дӯст доранд, аз ҷиҳати бадеӣ босавод бошанд ва фанни мусиқиро дуюминдараҷа ҳисоб накунанд.

Омӯзгори мусиқӣ вазифадор аст, ки дар дарси суруд ва мусиқӣ на танҳо инкишоф додани ҳолатҳои бадеӣ - эҳсосии хонандагон, инчунин ташаккул додани тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқию мусиқӣ-эстетикӣ, неруи маънавӣ, фикрию ҷисмонӣ ва дарки тамоми паҳлуҳои санъати мусиқиро маълумот диҳад. Бо мақсади таъсиррасонӣ ва дарки суруду оҳангӣ омӯзгори фанни суруд ва мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо оила бояд ба ҳиссиёт ва тафаккури хонандагон такя намуда, лаёқат ва имкониятҳои эҷодии онҳоро ташаккул дода, тарзи дуруст сароидани сурудҳо ва эҷодкориро омӯзонад.

Хулосаҳои олимон ва таҷрибаи ғании омӯзгорони мусиқии ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки омӯзгориояндаи мусиқӣ бояд маҳорат ва малакаҳои зеринро доро бошад:

- муассирона, донишмандона ҳаматарафа ба хонандагон масъалаҳои умдаи мусиқиро фаҳмонда дода тавонад ва онро бо иҷро намудани асарҳои мусиқӣ амалан нишон диҳад, бо иҷроиши (навохтани) асарҳои мусиқӣ пурратар гардонад;

- барои сайқал додани дониши хонандагон ҳамеша ҳамкорӣ бо волидайн дошта бошад;

- аз пешравиҳою муваффақиятҳои хонандагон ба волидон саривақт хабар диҳад;

- нишонаҳои асосӣ, самт ва чараёни ин ё он сабти мусиқиро муайян намояд;

- қобилиятҳои баланди эҷодиро молик буда, тарзи самараноки интиқоли асарҳои таълимдодашавандаро ба шогирдон омўзад;

- ҳар як шаклҳои мусиқиро ҳангоми омӯзиш ва иҷрои асари мусиқӣ мақсаднок дарк намояд;

- дорои донишҳои мукамали педагогиву психологӣ бошад ва ғ.

Ҳама намудҳои фаъолият ва шаклҳои кор дар мактаб дарсҳои мусиқӣ ва чорабиниҳои гуногуни беруназсинфӣ ва берун аз мактабӣ аз омӯзгор на танҳо маҳорат ва малакаи мусиқидонӣ, балки пеш аз ҳама дониш ва маҳорати баланди педагогиро низ талаб мекунад. Таҷриба ва таҳлили дарсҳои мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки танҳо омӯзгоре, ки вобаста ба ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти мусиқӣ-омӯзгорӣ дорои донишҳои ҳаматарафа, малака ва маҳорат мебошад, метавонад дарсҳои мусиқиро дар сатҳи зарурӣ гузаронад.

Омӯзгорон дар дарси мусиқӣ, пеш аз ҳама бояд дараҷаи фаҳмиш, нафосат, фикр ва ҳиссиёти хонандагонро ба назар гиранд. Ҳадафи асосии дарси мусиқӣ қабл аз ҳама тарбияи ҳаматарафаи инсон ба ҳисоб меравад. Дарси мусиқӣ хонандагонро дар рӯҳияӣ ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, инсони комил, ахлоқи ҳамида, виҷдони пок, инсони ғамхору ватандӯст тарбия менамояд.

Дар дарси мусиқӣ омӯзгор бояд чунин мафҳумҳоро ҳамчун амсила дарк карда тавонад:



Дар баробари дарк кардани мафҳум масъулияти омӯзгор дар фароҳам омадани имконияти ҷалби таваҷҷӯҳ бештар ба шахсияти хонанда дар раванди ташкили силсиладарсҳои мусиқӣ акнун ҳамзамон зарурати амалисозии усули муносибати фардӣ дар раванди дарс, вазифаи рушди шароити муносиб ба масъалаҳои ҳифзи овози хонанда бо назардошти хусусиятҳои табиии ҳар як хонанда ба вуҷуд омад. Ҳадафҳо ва вазифаҳои нави дарс муносибати дигарро ба рушди овози хонандагон муайян мекунанд. Дар асоси омӯзиши амиқи моҳияти биологии тағйирёбии овоз (мутатсияи овоз) таъсиси овоз ҳангоми сурудхонӣ ва имкониятҳои овозии хонандагон тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ба эътибор гирифта мешавад.

Таҳқиқотчии машҳури рус Г.П. Стулова, ҳамчун яке аз муаллифони усули инкишофи овози хонанда, ки дар асоси сохтори реестр (сеяки диапазони овози хонанда ё ягон асбоби мусиқӣ) дар таҳқиқотҳояш диққати моро ба он ҷалб мекунад, ки вобаста ба хусусиятҳои фардии овози хонанда аз регистри овозӣ, ки вай бештар дар сурудхонии стихиявӣ истифода мекунад ба инобат гирифта аст.  Аксар вақт, як регистр дар хонандагон, ҳатто дар як синну сол, инчунин аз рӯи табиати худ, овози калонсолон, вобаста ба рушди анатомӣ ва морфологӣ ва ҳолати тамоми организм, алалхусус, дастгоҳи овозӣ, гуногун садо медиҳад [79, с.143].

Дар робита бо хусусиятҳои фардӣ дар марҳилаи аввали кор, аз навъи садои регистр сар кардан мувофиқи мақсад аст, ки хонанда табиатан ба он рағбат дорад. Дар марҳилаи дуюм малакаи истифодаи бошууронаи регистрҳо дар доираи мувофиқ ташаккул меёбад. Дар марҳилаи саввум, дар баробари гузариши ихтиёрӣ, ҷаҳидан аз як регистр ба регистри дигар, бояд қобилияти тадриҷан ва ҳамвор ҳаракат кардан аз регистри *фалсетто* (ним овоз) ба регистри овози ҷарангосӣ тавассути омехта ё тадриҷӣ бойшавии лаҳнӣ ташаккул ёбад. Дар марҳилаи чорум қобилияти хонанда барои истифодаи озодонаи регистрҳои овозӣ ҳангоми сурудхонӣ бояд муттаҳид ва такмил дода шавад.

Давомнокии ҳар як марҳила ҳар дафъа вобаста ба чанд маротиба баргузор шудани дарсҳо, ба таъсири педагогӣ, таъсирпазирии хонанда ва қобилиятҳои мусиқии ӯ муайян карда мешавад. Аммо ҳамеша мутаносибан гузаштан аз регистрҳои табиӣ то омехта бо тадриҷан бойшавии лаҳни овоз аз рӯи усул мувофиқи мақсад аст.

Ба муаллими мусиқӣ лозим аст, ки назардошти дониши мусиқиаш ба интихоби садои муносиби овоз тадриҷан кор карда, дар ҷараёни он на танҳо дурнамои умумии рушди онро дар назар дошта бошад, балки аз *фалсеттои* сабук (нимовоз) дар аввали кор то садои бо лаҳни бойтар ва динамикӣ(овози баланд) пур шуда расиданро ба нақша гирад.

Дар назария ва амалияи сурудхонии хории хонандагон нуқтаҳои назари гуногун оид ба усули таълими вокалӣ мавҷуд аст, ки ба имкониятҳои мизони овози хонандагон асос ёфтаанд. Омӯзгорони зиёди мусиқӣ чунин мешуморанд, ки овози хонандагон пеш аз саршавии (*мутатсия)* яъне *тағйирёбии овоз* бояд танҳо дар ҳолати *фалсет (нимовоз)* садо диҳад. Дигарон ба истифодаи овози асосан ҷарангосӣ такя мекунанд. Дар ҳамин ҳол ҳам нуқтаҳои аввал ва ҳам дуввум яктарафаанд.

Таҳқиқоти сершумори қобилиятҳои вокалии табии хонандагон ва таҷрибавӣ-озмоишӣ бо хонандагони синну соли гуногун вобаста ба ин масъала ба хулосаҳои зерин оварда расонидаанд:
- барои рушди мукаммали овози сурудхонии хонандагон, ҳамаи регистрҳои овозиро истифода бурдан лозим аст, ба монанди *фалсетто*, ҷарангосӣ ва намудҳои гуногуни омехта;
- овози ҷарангосии хонандагон, ба монанди овози *фалсетто*, бидуни шиддат ва тезонидан метавонад садо диҳад, ба шарте, ки он дар *мизони* мувофиқ истифода шавад;
- бо ёрии усулҳои муайян имконпазир аст, ки ташаккули овоз дар хонандагон дар ҳама гуна регистрҳои овозӣ назорат карда шавад ва аз ин рӯ лаҳн, диапазон ва қувваи овозро дар самтҳои мувофиқ таҳия намудан мувофиқи мақсад аст;

- ҳангоми кор бо хонандагон азхуд кардани мизони гуногуни овозӣ, вобаста ба хусусиятҳои табии овозии онҳо пайдарпаии муайянро риоя кардан лозим аст. Аз худ кардани регистрҳои гуногуни овозӣ, вобаста ба хусусиятҳои табиии овозии хонандагон дар ҳамкори оила ва мактаб ифшо дода мешавад.

Мо дар кори худ ба методологияи Г. П. Стулова, усули инкишофи фонопедикии овозӣ (овозшиносӣ) В. В. Емельянов ва ба услуби сурудхонии резонансӣ, ки профессор В. П. Морозов аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардаанд, бештар такя намудем. Омӯзгор дар ҳолати аз худ накардани методологияи Г. П. Стулова ва профессор В. П. Морозов ба фарҳанги мусиқӣ сарфаҳм рафтанаш ғайри имкон аст [79, с.67; 42, с.25; 61, с.26;].

Назарияи сурудхонии резонансии В. П. Морозов ақидаи хеле муҳими муносибати табиигароёнаро дар бар мегирад, ки дар қонунҳои асосии назария - усули баландтарини фаъол сохтани системаи резонатори дастгоҳи овозӣ барои ба даст овардани таъсири баландтарини акустикии (садои табиӣ ё аслӣ) овоз бо харочоти ками ҷисмонии сурудхон ифода ёфтааст. Ҳамчун аввалин қонуни асосӣ ва роҳнамои сурудхонии резонансӣ ва дар усулҳои минбаъдаи ин назария, усули нафасгирии резонанси овоздор, усули ба мақсад мувофиқ набудани истифодаи истилоҳоти “садопарда-ҳалқӣ” ва афзалияти таъсири ғайримустақим ба кори ҳалқ ва садопардаҳо, усули истифодаи ғояҳои пуртаъсир-фасеҳи (эмотсионалӣ) маҷозӣ дар бораи сохти резонансии ташаккулёбии овоз, усули пуррагии дастгоҳи овозиро мекушояд.

Дар амал истифодабарии техникаи суруди резонансӣ дар садои дастаҷамъӣ хусусияти хоси худро дорад. Дар хор мувофиқи садои резонанси овози худро бо садои дигар овозҳо ба даст овардан лозим аст. Бо дар назардошти пинҳоншавию пахши назарраси садои ҳар як сароянда бо овозҳои дигар сурудхонҳо нақши ҳисси дохилии сароянда аз ташаккули овози худ меафзояд.

Ташкилоти овозии хор на танҳо сурудхонӣ, омӯзиши садопардаҳо ва гарм кардани дастгоҳи овозии иштирокчиёни хор, балки танзими дастгоҳи овозии онҳо барои фаъол сохтани системаи резонаторро муаллим дар назар

дорад. Раванди ҷур намудани вокалии хорро муаллим тақрибан ба 3 -марҳила тақсим кардан мумкин аст:

1. Танзими резонанси пешрав, мусоидат ба пайдо шудани дар овози форманти (дар овоз ба таври вокалӣ) баланди сурудхонӣ. Резонанси пешрав бо резонаторҳои боло, ки дар болои садопардаҳо ҷойгиранд (кавокии гулӯ, даҳон, бинӣ ва ҷавфҳои изофии он) бо якдигар алоқамандӣ доранд.

Назорати резонаторҳои (садобарории мавҷнок) мутаҳаррик (ковокии даҳон ва гулӯ, ё карнаи даҳонии ҳалқӣ) бо тағйир ёфтани шакл ва ҳаҷми онҳо бо якдигар алоқаманд мебошад. Ин "хамёзакашии сурудхонӣ" ё "гунбаз" (коми даҳон) номида шуда, ба баланд шудани ҳаҷми ковоки даҳон ва даромадгоҳи гулӯ кӯмак мекунад. Мо дар асоси мафҳумҳои вокалӣ, ки ҳангоми ҳамоҳангӣ ба резонанси пешрав истифода мешаванд, истилоҳоти пуртаъсир-инъикоси эҳсосӣ (эмотсионалӣ), сурудхонии резонансӣ (овози наздик, мавқеи наздик, садои пешрав, мавқеи баланд, такягоҳи овоз, такягоҳи нафаскашӣ ва ғайра)-ро ҷорӣ мекунем. Танзими резонанси пешрав дар тесситураро аз миёна ва баланд ҳосил мекунем аз октаваи си-бемол октаваи 1-ум, то до-и октаваи 2-юм, ки аз тарафи омӯзгор баррасӣ мегардад. Дар вақти сурудхонии резонансӣ бояд мизони овоз ба эътибор гирифта шавад.

Барои зуҳуроти эҳсосоти резонансӣ ё ларзишӣ дар минтақаи сар, мо бо ҳам пайвасташавии " сурудхонӣ" ё "гунбаз" - ро истифода бурда, мавқеи ком ва асосҳои амиқи нафасро таъмин намуда, бо вазъи наздики вокалӣ ва дар нӯги забон ва лабҳо пайдо шудани ҳамсадоҳоро таъмин менамоем. Машқҳои муфид барои талаффузи дурусти садоноки йотбарсар "ю", ҳиҷоҳои "зи", "кви", "ква" ва ғайра дар ин маврид бамавқеъ аст. Ҳангоми сурудхонӣ дар *триадаи* пастшаванда мо ба якрангии қувваи овоз диққати махсус медиҳем, мавқеи баландро ба садоҳои паст мегузаронем. Машқи хеле муассир дар танзими резонанси пешрав иҷро кардани бо садои пӯшида бо даҳони кушода, бо гунбази хуб ташаккулёфта гузариши минбаъдаи садои пӯшида ба садонокҳои "а" ва "и", ҳамсадоҳои "н", "м", "л" дар ҳаракати пастшаванда ба

*легато(васлкунӣ)*, бо *триада* (сегона) дар ҳаракати пеш ба поён ба "ма", "на" бо сароидани садонок, дар ҳаракати боло танзим кардани овози поёнӣ мебошад.

2. Танзими резонанси қафаси сина ба резонаторҳои поёнӣ (қафаси сина, ной нафас (трахея) ва  найчаҳои шуш (бронхҳо) дохил мешаванд. Барои табъи ҷур кардани пуртаъсир мо тасвири тантанавӣ, рӯҳбаландӣ, шиддат, шукӯҳ ва ғайраро истифода мебарем. Дар динамикаи mf (на онқадар баланд) мо дар ҳаракати пастшаванда дар марҳилаҳои асосии триада (сегона) дар ҳаракати пешравӣ бо овозҳои садонок дар хусусиятҳои  *нонлегато* (бе легато)  ва *стакатто* (заданок, ҷудо-ҷудо навохтан) дар ҳиҷоҳои "ро", "ре", "ри", "ра", "ди", "ду" аз ми-и 1 октава месароем.  Омӯзгор ин *теситураро* истифода мебарад, зеро дар ин баландӣ ҳиссиёти ларзиш дар атрофи сина ҷойгир шудаанд. Дар ҳаракати ба поён нигаронидашуда маҳдудият барои овозҳои баланд  (*I сопрано*) ба “до”, “сол” аз октаваи хурд барои алтҳо (овози занона) имконпазир аст. Ҳангоми фаъол сохтани ҳисси резонаторӣ дар қафаси сина, кӯшиш кардан зарур аст, ки ҳиссиёти эстетикии ларзиши сар нигоҳ дошта шавад.

3. Танзими резонанси омехта дар шароити гуногуни тасодуфӣ ҷой дорад. Барои ин, мо машқҳоро дар ҳаракат ба боло дар баробари садоҳои асосии триадаи васеъ ва дар ҳаракати тадриҷан ба боло, дар зарбаи *стаккато* ва *легато* истифода мебарем. Мо динамикаи mf-ро ба ҳиҷоҳои "ро", "ра", "мо", "ма" татбиқ мекунем. Паҳншавии эҳсосоти резонанси қафаси сина ва сар ба шароити *теситурӣ* ва хусусиятҳои фардии овозҳои сурудхонӣ бевосита алоқаманд аст.

Дар раванди ташкили вокалӣ, мо хусусиятҳои инфиродии овозхонҳоро ба як шакл оварда, онҳоро ба як хислати умумӣ мерасонем. Ҳангоми ҳаракати бароянда рафтани машқҳо аз октаваи хурд, афзалияти резонанси қафаси сина то садоҳои ми, фа-и октаваи 1 - ум имконпазир аст ва баъдан то “ля”- и октаваи 1 - ум мо кӯшиш менамоем, ки ҳиссиёти ларзишии қафаси сина ва сарро нигоҳ дорем. Мо сурудхониро дар шароити олии *теситура*

(мизони овоз) бо афзоиши ҳисси резонанс ва дастгирии нафаскашӣ алоқаманд мекунем.

Ҳангоми кор, мо тасвирҳо, пешниҳодҳоро истифода бурда, як усули сурудхонии резонансиро ташкил медиҳем. Усулҳои резонанси ташаккулёбии овоз, намояндагиҳои резонансии пуртаъсир - ин усули муассири ташаккули маҳорати муносиби сурудхонӣ, пеш аз ҳама, психологияи махсуси сурудхонӣ мебошанд, ки он ба мисли ҳар як роҳбари хор (хормейстер) дар кори вокалӣ бо коллективи хор зарур аст.

Аз ин рӯ, эҷод намудани мусиқӣ ба муаллим омӯзонидани нозукиҳои навохтани асбоби мусиқиро ба хонандагон дар тарбияи зебоипарастӣ замина мегузорад. Маҳз дар чунин фазои ҳамкории мутақобилаи омӯзгори мусиқӣ ва аҳли хонавода сатҳи дарк кардани тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ, ташаккули ҳисси ахлоқӣ, муҳаббат ба касби худ, маҳорати касбӣ ва эҷодии хонандагон ба амал меояд.

Тарбияи зебоипарастӣ дар системаи низоми таҳсилотӣ ва фарҳангӣ қисми ҷудонашавандаи мураттаби инкишои комили шахсият мебошад. Вазифаи он аз инкишоф додани танҳо ҳолатҳои бадеӣ-эҳсосии хонанда набуда, балки аз такмил додани нерӯиҳои ахлоқӣ, фикрӣ ва ҷисмонии онҳо иборат аст. Қаробати онҳо бо зебоӣ, фақат аз худ кардани соҳаи санъат маҳдуд нашуда, тамоми паҳлӯҳои онҳоро дар бар мегирад. Яъне ҳадафи тарбияи зебоипарастӣ - ташаккули фарҳанги умумӣ ва мусиқӣ-эстетикӣ мебошад.

Сол то сол зебоипарастӣ ҷасуронатар ба ҳаёти одамон ворид шуда истодааст. Ҳам кормандони фарҳанг ва ҳам худи мардум мефаҳманд, ки зебоӣ дар кори таълиму тарбия ёвари ҳақиқӣ мебошад. Вай ба оила, хусусан хонанда ҳиссиёти хушнудона некбинона меорад. Вай корҳои хонандагонро аз ҷизати маънавӣ бой намуда, дар ӯ хоҳиши эҷодкориро бедор мекунад. Дар умум, мардум аз таъсири хуши зебоипарастҳои шахсиятҳои алоҳида ва ҳам коллективҳои бутун баҳра мебаранд. Масъалан, В.А.Сухомлинский, педагоги машҳури шуравӣ, чунин мешуморид, ки тарбияи зебоипарастӣ бо тарбияи

эмотсионалӣ робитаи зич дорад. Ӯ пешниҳод намуда, буд, ки тарбияи эмотсионалӣ ва зебопарастӣ аз инкишофдиҳии маданияти эҳсос ва идрок оғоз меёбад. Нозук будани ҳис, таасурот, муносибати эмотсионалию зебопарастӣ ба олами иҳотакарда ва нисбаи худ ба фарҳанги эҳсос ва идрок вобастагӣ дорад. Ҳамон қадаре, ки эҳсос ва идрок нозук бошад, ҳамон қадаре, ки одам дар олами иҳотакарда тобиш ва оҳангро бинаду шунавад, ҳамон қадаре, ки баҳои эмотсионалии шахс ба далелҳо, ашё, зуҳурот, ҳодисаҳо амиқтар ифода ёбад, ҳамон қадар андозаи соҳаи эмотсионалии тавсифдиҳандаи равонии инсон фарохтар аст. В.А. Сухомлинский таъкид намудааст, ки фарҳанги ҳиссиёти зебоипарастӣ сатҳи баланди фарҳанги умумии ҳаёти мактабӣ, махсусан фарҳанги ахлоқӣ - муносибат ба оила ва ҷомеа ҳамчун ба арзиши олиро тақозо мекунад [81].

Омӯзгори мусиқӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо кӯшиши зиёд дар шогирдонаш тадриҷан тафаккури бадеӣ ва тахайюлотро ғанӣ мегардонад, муносибаташонро ба муҳити гирду атроф тағйир медиҳад дар гузаронидани дарс - консерт меҳру муҳаббати аҳли хонавода ва омӯзгоронро зиёд менамояд. Бо ин восита истеъдоду эҷодкории хонандагон инкишоф дода, ҳамкории муаллими мусиқӣ ва муҳити оилавиро мустаҳкам мешавад. Аз ин рӯ, ҷараёни ташаккули хонандагон  дар доираи дарсҳои мусиқӣ бояд мақсади муайян дошта бошад ва  мунтазам ва системанок  гузаронида шавад. Дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ҳамеша талабҳои эҷодӣ, таъсири эҳсосотии хонандагонро ба назар гирифтан зарур аст.

Б. Хайрулло, дар таҳқиқоти худ ба фаъолияти омӯзгорони мусиқӣ  ба равияи равоншиносӣ ва тарбиявӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардааст:

-таҳлил кардани асарҳои мусиқӣ, аз ҷумла жанрҳои асарҳои бадеӣ: омӯхтани таҷрибаи ҳамкорон, таҷрибаи фаъолияти худи инсон, омӯхтани адабиётҳои илмӣ - роҳу воситаҳо дар эҷодиёти худ ҷорӣ намудани онҳо.

- тарҳрезӣ, таҳлили вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ бо мақсади такмили тарбияи маърифатӣ-эстетикии хонандагон. Барои татбиқи аввалин малакаҳои рушди эҷодӣ ва мусиқии худ донишро аз худ кунед.

-созандагӣ - ташкили дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ.

Мусиқӣ яке аз санъатҳои гуногунҷанбаю бойтарин дар мактаб ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, дарсҳои гуногун, чорабиниҳои фарҳангӣ метавонанд зимни кор дар гурӯҳҳо бо хонандагон таҳия ва гузаронида шаванд. Вобаста аз ҳайати (контингенти) хонандагони синф, муаллими мусиқӣ метавонад дарсу чорабиниҳоро аз синфи 1 то синфи 6 маҳз барои ҳамкории мактабу волидайн дар шаклҳои зерин гузаронад:

Китоби дарсии синфи 1-ум: муаллиф Ҷ. Обидпур “Занги аввал”, “Мактаби мо”, “Модарам”, “Модари ҷон-модарам” ва “Дастёр”;

Китоби дарсии синфи 2-юм: муаллиф С. Сатторов, Ҷ. Охунов, М, М.Яҳёев, А.Алиев суруди “Баҳои аввалин”, “Мактабам”, “Модари ҷон, модарам”

Китоби дарсии синфи 3-юм: муаллиф С.Гулназар “Мактаби мо”, “Муаллим”, “Бобои кулолгар”, “Муаллими мо”;

Китоби дарсии синфи 4-ум: Ҷ. Обидпур суруди “Муаллим”, суруди “Модар” (бо забони англисӣ);

Китоби дарсии синфи 5-ум: муаллиф Ш.Шарифов суруди “Ба муаллим”, “Модарам”;

Китоби дарсии синфи 6-ум: дар зери таҳрири К.Ҳалим “Модарам”, “Дуои модар”, “Мактаби мо”, “Вақт”, “Мактабам”, Ялали бобо”, ки маҳз ба аҳли хонавода дар ҳамкорӣ бо муаллиму мактаб бахшида шудааст, интихоб карда шуд. Инчунин дар шакли театрикунонидашудаи дарс-консерти мусиқӣ, ки ҳар кадоме вобаста ба мавзӯъ фарогири сурудҳо барои хонандагон, оҳангҳо аз филмҳои тасвирӣ, филмҳои бачагона, бо истифода аз китобҳои суруд, мусиқиҳои сабук барои фортепиано, намоишҳои ансамблӣ аз композитсияҳои гуногун, сурудхонӣ ва иҷрои нақшҳо бошанд. Агар дар раванди ташкили ин гуна дарсҳо худи хонандагон бевосита дар ҳамбастагии муаллими мусиқӣ бо оила якҷоя саҳм гиранд, он гоҳ самараи таъсири мусиқӣ-эстетикии ин гуна дарсҳо боз ҳам бештар меафзояд. Зеро хонандагон акнун худро на танҳо ба сифати иҷрокунандаи қатории вазифаҳои аз ҷониби

муаллими мусиқӣ пешбинишуда, балки шахсан ба иҷрои нақшҳо майлу ҳавас зоҳир менамоянд [66, с.12, 52; 67, с. 4, 5, 6, 26, 50; 77, с.8, 48, 70; 78, с. 6, 15, 66, 72; 86, с.13, 27, 58, 75, 83, 85; 88, с.13, 56].

Тавассути чунин тарзи ташкили дарсҳо хонандагон беихтиёр худро дар ҷаҳони афсонавии мусиқии сохтаи сайри хаёлот мебинанд. Дар раванди якҷоя мусиқинавозӣ онҳо дар амал фаъолона ширкат меварзанд, худашон эҷод мекунанд. Мусиқӣ ба хонанда фаъолона танҳо ба шарти иштироки худи ӯ таъсир мерасонад. Эҷодиёти хонандагон, худи раванди эҷоди мусиқӣ, махсусан ба сифати дарси мусиқӣ таъсир мерасонад ва барои рушди фаъоли мусиқии хонанда ва инкишофи сифатҳои шахсии ӯ шароити оптималӣ фароҳам меорад.

Чунин чорабиниҳои фарҳангӣ беҳтар аст, ки дар муҳити озод ва рангоранг бо истифода аз иловаҳои гуногун дар шакли лавозимотҳо, аксессуарҳо (лавозимоти асбобҳо), унсурҳои либос, ки барои равшании дарк замина ва фазоро фароҳам меоранд, гузаронида мешаванд. Сайри хаёлот (фантазия) ва тасаввурот ба ҳар як муаллими мусиқӣ ёрӣ мекунанд, ки сохтани костюмҳо аз тарафи волидайн ва истифодаи ороишро то чӣ андоза осон кардан мумкин аст. Ин "артист" - ро дар симои хонандагон барои бештар иҷро кардани намоиш кӯмак медиҳад. Дар заминаи мазмуни расмҳо хонандагонро оро додан мумкин аст; сенария бо навохтани асбобҳои оддии мусиқӣ, бозиҳо, мусобиқаҳо, кори дастаҷамъона, ҳиллаҳои сеҳрнок, муаммо, кроссворд, викторина, масхараҳо, шӯхӣ, суханони пурмазмун ва рӯҳбаландкунанда пурра карда мешавад. Ҳамаи ин ба чорабинӣ фазои хурсандибахшро зам мекунад.

Агар аксарияти хонандагон аз синфи 1 то синфи 6 бошанд, муаллими мусиқӣ метавонад зимни таҳияи дарсҳои худ аз сурудҳои халқӣ, сурудҳои машҳур, фолклор, пессаҳо барои мусиқии хонагӣ, оҳангҳои филмҳо ва ғайра низ истифода бурда, барои ноил шудан ба татбиқи иҷтимоии хонандагон инчунин мувофиқи синну соли ҳамсолони худ ба муҳити аҳли хонавода мусоидат менамояд [74].

Иштироки хонандагон дар чорабиниҳои фарҳангӣ ба монанди “дарс-консерт”, воридшавӣ ба иттилоот, бой гардонидани фарҳанги мусиқӣ дар зеҳни хонандагон бояд фароҳам оварад. Заминаи дониши хонандагонро пурра менамояд ва таассуроти аз ин дарсҳо бардоштаи хонанда ӯро ҳавасманд месозад, ки бо адабиётҳои гуногуни бачагона шинос шавад ва ҳамин тавр рушди ҳаматарафаи ӯ бемайлон ба амал ояд.

Якчанд намунаи дарсҳои мусиқиро муаллими мусиқӣ метавонад бевосита дар толори консертӣ гузаронад, ки дар он хонандагон имконият пайдо мекунанд, ки ҳамчун баранда, шунавандагон ва сарояндагони консертӣ дубора эҳё шаванд. Барномаи консертии "Ба воситаи сафҳаҳои зебоӣ" метавонад санаи идона, ид, давраи мусиқӣ-таърихӣ, кишваршиносӣ бахшида шавад. Он метавонад як шоми "Дар гирдоби овози дутор”, "Ҷилваи рақсҳо", бо садои полонезҳо, маршҳо, гавотҳо, бо ҳамроҳии ҳикояҳо, тасвирҳо, репродуктсияҳо сурат бандад, ки дар он аҳли оила низ ҳуқуқи иштирок варзиданро доранд.

Дар заминаи дарсҳои мусиқӣ ташкили чунин чорабиниҳо бо кумаки волидайн на танҳо дар болоравии рӯҳбаландии эҳсосотӣ, шавқу рағбати хонандагон мусоидат менамояд, балки муносибати онҳоро бидуни бетафовутӣ ба шаклҳои дигар санъат, фарҳанг ва умуман муҳити ҳаёти ҷомеа дигаргуну рангоранг месозад, ва ин барои воридшавӣ ба соҳаҳои гуногуни фарҳанг бедор кардани ангеза таъсири бузург расонида, шавқу рағбати хонандагонро ба дигар намудҳои санъат аз ҷумла ба монанди наққошӣ, ҳайкалтарошӣ ва меъморӣ бедор хоҳад кард, зеро дар баробари васеъ шудани доираи маҳорати мусиқии хонандагон ғанӣ гардонида мешавад.

Дар дарс - консерт аз асарҳои бастакорони тоҷик, истифода бурда, хонандагон дар асоси аз худ кардани суруд ва таронаҳо, инчунин рубоиву дубайтиҳоро аз афкори халқии тоҷик рағбати онҳо бедор карда, дар тарбия кардани маҳорати хонандагон аз худ кардани мусиқии халқии тоҷик ва фарҳанги миллии худ мусоидат хоҳад кард.

Ин барои воридшавии васеъ ба соҳаҳои гуногуни фарҳанг як ангеза ва таъсири бузург буда, шавқу рағбатро ба дигар намудҳои санъат – наққошӣ, ҳайкалтарошӣ, меъморӣ бедор мекунад, ки дар баробари васеъ шудани доираи маҳорати мусиқии хонандагон ғанитар мегардад.

Дарс - консертҳо аз асарҳои бастакорони тоҷик, саҳначаҳо аз рӯи суруду таронаҳои халқии тоҷикӣ барои бедор кардан ва тарбия намудани маҳорати хонандагон дар меҳру муҳаббат ба мусиқии халқӣ ва фарҳанги миллии тоҷикон ёрӣ мерасонанд.

Хонандагон пешрафти бузургтаринро дар омодагӣ ба консерт ба даст меоранд. Барои сӯҳбат бо шунавандагон ҳар як имкониятро бояд истифода бурд. Муносибати шахсии муаллими мусиқӣ ба кор барои тақвияти боварибахшӣ, тафсир, қобилияти маҳорати иҷрой ва таъсири таассури шунавандагон муҳим аст. Чунин муносибат дар ҳаёт табдил ёфтан ба омодагӣ барои иҷрои ҳар лаҳза, соҳибӣ ва назорат аз болои худ, ба имкониятҳои худ бовар кардан боқӣ мемонад.

Дар давоми ҳар як чорякӣ, дарс-консертҳо ба ҳаҷми 15 - 20 дақиқа гузаронида мешавад. Ин дарс-консертҳо бояд ба барномаи таълимӣ мувофиқат намоянд. Ҳаҷми дарс-консерт бо хоҳиши муаллими суруд ва мусиқӣ интихоб шуда, номгуи сурудҳои додашуда ҷо ба ҷо карда мешаванд.

Ин сурудҳо ҳамчун дарс-консерт натанҳо барои ҳамкории мактабу оила, балки барои санҷидани маҳорат ва азбар намудани барномаи таълимӣ бо иштироки волидайн ба назар гирифта шаванд. Барои ташкил ва гузаронидани  дарс-консерт муаллими суруд ва мусиқӣ хонандагонро омода карда, ҳисоботи ин чорабиниҳоро ба директори мактаб пешниҳод мекунад.

Хулоса, дар гузаронида чорабинии фарҳангӣ хонандагон худро ҳамчун фарзанди бонангу номус ва муҳаббати худро ба аҳли хонавода ва муаллиму мактаб иброз намуданд. Инчунин, хонандагон аз уҳдаи суруд сароидан, ҳаракатҳои ракс тахти навои оҳанг, омода кардани саҳначаҳоро дар мавзӯҳои хонавода ва муаллиму мактаб дар сатҳи баланд баромад  карда метавонанд.

Истифодаи жанри мусиқии камеравӣ, ки барои шумораи ками сарояндагон навишта шудааст, муаллими мусиқӣ дар дарс бо хонандагон хеле маъқул медонанд. Зимни истифодаи ин жанр ва беҳтарин намунаҳои классикии адабиёти ватанӣ хонандагон имконият пайдо мекунанд, ки малакаҳои нави сарояндагӣ пайдо кунанд, завқи бадеӣ ва ҳисси услубро тақвият диҳанд ва қобилияти гӯш кардан ва эҷодӣ як тасвири ягонаи бадеиро ба даст оранд. Истифодаи шаклҳои гуногуни мусиқӣ дар кор (ансамбл, ҳамроҳӣ, бадеҳахонӣ, навохтан, импровизатсия, ороиши мусиқӣ, хониш аз руи нота (адвори мусиқӣ) ба хонандагон қаноатмандии бузурги эҳсосӣ меорад, доираи намоишҳои консертиро васеъ менамояд. Ҳамаи ин муваффақиятҳо дар ҳамкории роҳбари мусиқӣ бо волидайн омода карда, ба намоиш гузошта мешавад [111, с.21].

Яке аз роҳҳои боэътимоди ҷалб шудани хонандагон ба фаъолияти якҷоя бо муаллими мусиқӣ истифодаи васеи бозӣ (рол) дар дарсҳои мусиқӣ ба шумор меравад. Барои боварӣ ҳосил кардан ба қазоат ба жанри дигари мусиқӣ – опера, намоиши театрӣ рӯй овардан беҳтар аст. Эҳтимолан ба саҳна гузоштани опера-афсона (барномаҳои фарҳангии театрикунонидашудаи ҷашнӣ), бозии операвӣ, ки дар он худи хонандагон ҳамчун иштирокчиёни амал, актёрҳо, овозхонон, солистҳо, дизайнерҳои костюм иштирок варзида, дар ин ҳолат худи онҳо партияҳои вокалӣ ва инструменталиро овоздор кардан нишон дода метавонанд. Мумкин аст, ки гузоштани опера-афсона, бозии-опера, ки дар он худи хонандагон ҳамчун иштирокчӣ баромад мекунанд, хеле муфидтар бошад.

Ин нишон медиҳад, ки дар ҷараёни дарси пурмазмуни мусиқӣ бо хонандагон, сарчашмаи эҷодӣ тақрибан дар ҳама ҷой гирифтааст. Муроҷиат ба чунин сарчашмаҳо ва истифодаи онҳо имконият медиҳад, ки хонандагон набояд истеъмолкунандаи ғайрифаъоли дониши мусиқӣ бошанд, балки ҳамзамон худро эҷодкор тасаввур карда тавонанд. Ин муваффақияти эстетикии дарси мусиқӣ, зимни кор бо хонандагон барои тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ равона карда мешавад.

Ҳамин тавр, бо истифода аз равиши фардӣ, донистани хусусиятҳои хислати хонандагон, тарзи гузаронидани дарсҳои мусиқиро ба роҳ мондан, ҷанбаи муҳими фаъолияти педагогии ҳар як омӯзгор дар якҷоягӣ бо волидон ва хонандагон ба ҳисоб меравад. Барои ин пеш аз ҳама омӯзгор худ бояд мутахассиси бевоситаи соҳа бошад, вагарна бо мушкилиҳои зиёди касбӣ рӯ ба рӯ мегардад. Инро дар раванди ҷо ба ҷо гузории мутахассисон дар зинаҳои таҳсилотӣ ба инобат гирифтан хеле муҳим аст. Дар олами эҷодиёти мусиқӣ фазои махсус мавҷуд аст, ки онро танҳо мутахассис дарк ва ба дигарон омӯхтаву фаҳмонида метавонад. Аз ҷумла, муоширати байни муаллими мусиқӣ ва хонанда ва оила бояд бо мақсади аз худ кардани санъат оғоз ёбад. Муаллими мусиқӣ меомӯзад, хонандагони қобилиятнок ва пешрафта метавонанд иштирок дар консертҳо, баромад дар шоми эҷодӣ бо истифода аз видео, слайдҳо ва фонотекаи мусиқиро бо кумаки муаллими мусиқӣ ва оила омода кунанд.

Барои рушди на танҳо малакаи шунавоии мусиқӣ, балки инчунин ба дараҷаи пурраи тафаккури мусиқии хонандагон аз худ кардани нозукиҳои мусиқии бачагона муҳим аст. Муаллими мусиқӣ аз тамоми воситаҳои муосири техникии таълим (CD, DVD), маълумотномаҳо, энсиклопедияҳо ва маҷмӯаҳо, сурудхонӣ дар зери оҳанги “минуса” васеъ истифода мебарад. Дарси босифат танҳо бо иттифоқи муштараки сегона имконпазир аст: хонанда, муаллими мусиқии баландихтисос ва оила натиҷа дода метавонад.

Муаллими мусиқӣ дар симои волидон тарафдорони худро пайдо мекунад. Бо ёрии падару модарон, ки навохтани ягон гуна асбобҳо метавонанд, намудҳои намоишҳои консертиро гуногун гардонанд. Дар дуэтҳои эҷодӣ, ансамблҳои волидон ва фарзандон, ансамблҳои волидонро омода сохтан низ тавсия мешавад. Ҳамин тариқ, ҳар қадаре, ки муоширати хонанда бо мусиқӣ рангинтару фаъолтар бошад, ҳамон қадар бештар мусиқӣ хубтар ба дили онҳо роҳ меёбад ва завқи зебоияшонро такомул ёфта, тарбияи ахлоқӣ ва зебоипарастияшон афзун мегардад.

Алоқаи бевосита ба фарҳанги зебоӣ ба хонанда таъсири зиёде эмотсионалӣ мерасонад. Аз ин рӯ аз тарафи муаллим, тарбиятгар нишон дода шудани асарҳои санъат, манзараҳои табиат барои инкишофи идроки мусиқӣ-эстетикӣ хонанда аҳамияти махсус доранд. Имкониятҳои инкишофёбандаи намудҳои гуногуни санъатро низ дар хотир доштан лозим аст. Ба воситаи санъатҳои рассомӣ, ҳайкалтарошӣ ва архитектура дар хонандагон ҳиссиёти фарқ карда тавонистани муносибати баробарӣ, мазмунӣ, рангу бор ташаккул дода мешавад. Ин санъат тасаввуроти васеъро ба вуҷуд меоварад.

Санъати мусиқӣ - ҳис кардани ритм (зарби мусиқӣ) ва таровати овозҳоро меомӯзонад. Мусиқифаҳмӣ назари хонандагонро ба ҳаёт дигар месозад, олами маънавии онҳоро ғанӣ мегардонад. Онҳоро хушахлоқ менамояд. Маҳз дар ин раванд ягонагии ҷараёни тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ ва ахлоқӣ аён мегардад.

Дар раванди дарсҳо хонандагон зери роҳбарии омӯзгор кӯшиш менамоянд, ки ба воситаи олами мусиқӣ ба шуур, эҳсосоти онҳо таъсир расонанд. Ин кори онҳо на танҳо вазифаҳои тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ, балки маънавию ахлоқиро низ ҳал менамояд.

Лозим аст, ки омӯзгор ба хонандагон шаклҳои бадеии асарҳои санъатро фаҳмида аз идеяву муносибатҳо ва характерҳои дар онҳо тасвир ёфта ба ҳаяҷон оянд. Барои ин мақсад сухани образноки муаллим ва корманди фарҳанг дар бораи қувваи ахлоқиву мусиқӣ-эстетикии санъат, дар бораи таъсири худи санъат ба шахсият кӯмак мерасонад.

Дар рафти дарсҳо хонандагон аз адабиёти ғании классикиамон истифода мебаранд, ки хонандагонро бо бойигариҳои шеърияти сухан ошно месозад, ки дар онҳо эҷодкориро тарбия меанамояд. Эҷодкорӣ бошад ба қавли Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон М.Турсунзода дар ниҳоди ҳар як тоҷик нуҳуфтааст.

Ба воситаи машқкуниҳои омӯзгор доимӣ дар маҳфилҳои ҳаваскорони санъати мактаб комёбиҳои пештараи хонандагон мустаҳкам карда шуда, вобаста ба ин барои маҳорату малакаҳои нав ба нав соҳиб шудан, намудҳои

фаъолият низ ба тадриҷ мураккаб карда мешаванд. Барои ин ҳамеша дар хотир доштан лозим аст, ки машғулиятҳои мусиқӣ, танҳо дар сурати хушнудӣ овардан хонандаро аз ҷиҳати мусиқӣ-эстетикӣ бой месозанд. Муаллим ба фарҳанги хонандагон баҳои дуруст дода, онҳоро ҳавасманд намудан ҳам боиси пешрафти қобилияту истеъдодҳои хонанда ва оила мегардад.

Вазифаҳои омӯзондани маҳорату малакаҳои сурудхонӣ, инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эстетикӣ ва эҷодкорӣ бо интихоби сурудҳо мувофиқи синну соли хонандагон дар барномаи муассисаҳои таҳсилотӣ муайян карда шудааст. Вобаста ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон роҳу усул ва воситаҳои ҷалб намудани онҳоро ба сурудхонӣ ва инкишоф додани маҳорату малакаҳои сурудхонӣ интихоб менамояд.

Роҳу усул тарзу воситаҳои омӯзонидани ҳаракатҳои рақсӣ дар намудҳои рақс восита ба репертуари мусиқии барномавӣ, мақсаду вазифаҳои таълиму тарбиявӣ ва инкишоф додани қобилияти мусиқӣ- эҷодии хонандагон дар фаъолиятҳои мусиқӣ интихоб ва мавриди истифодабарӣ мегарданд.

Омӯзгори мусиқӣ касбест, ки на танҳо маҳорати мусиқиро талаб мекунад, балки маҳорати таълим додан ва рӯҳбаланд кардани шогирдон, инчунин ҳамкорӣ бо падару модарро низ талаб мекунад. Биёед вазифаҳои мушахасси кори роҳбари мусиқии таҳсилоти ибтидоиро дар муассисаҳои умумӣ муфассалтар дида бароем [111, с.157].

Яке аз вазифаҳои асосии роҳбари мусиқӣ ташкили ҷараёни таълим мебошад. Ин тартиб додани барномаи таълимӣ, интихоби мавод ва усулҳои таълимӣ ва банақшагирии дарсро дар бар мегирад. Роҳбари мусиқӣ бояд маводи таълимиро тавре омода намояд, ки он барои хонандагони сатҳҳои гуногуни таълим дастрас ва фаҳмо бошад.

Вазифаи асосии роҳбари мусиқӣ гузаронидани дарсҳо ва чорабиниҳо мебошад. Муаллим дар вақти дарс ба хонандагон навохтани асбобҳои мусиқӣ, сурудхониро ёд медиҳад, инчунин онҳоро бо назарияи мусиқӣ

шинос мекунад. Қисми муҳими ин масъулият арзёбӣ ва гузориш додани пешрафти хонандагон мебошад.

Дар ташаккули маданияти мусиқии хонандагон роҳбари мусиқӣ низ масъул аст. Ин омӯзиши услубҳои гуногуни мусиқӣ, таърихи мусиқӣ ва эҷодиёти оҳангсозони бузурги онро дар бар мегирад. Роҳбари мусиқӣ кушиш мекунад, ки хонандагонро ба эҷодкорӣ, тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ водор намояд ва завқи мусиқии онҳоро инкишоф диҳад.

Роҳбари мусиқӣ метавонад дар ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои беруна, аз қабили консертҳо, фестивалҳои мусиқӣ ва озмунҳо ҷалб карда шавад. Ин ба хонандагон кӯмак мекунад, ки малакаҳои худро ба ҷаҳони беруна нишон диҳанд ва таҷрибаи иҷроишро ба даст оранд.

Дар баробари азхуд намудани маҳорати сурудхонӣ ва таҳлили асарҳои мусиқӣ дар протсеси муошират бо муаллими мусиқӣ, шарти муҳимми самарабахши таълими мусиқӣ, риояи талаботҳо дахлдор мебошад.

Касбҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки миёни онҳо касби омӯзгорӣ дар тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ғайримуқаррарӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзгорон ба тарбия ва тайёр намудани наслҳое, ки дар оянда наслҳои ҳозираро иваз хоҳанд намуд, машғуланд. Онҳо агар гуфтан мумкин бошад, бо «ҷисми зинда» сару кор доранд ва дар ин кори муҳиму бузург ба хатогӣ роҳ додан ба оқибатҳои фалокатовар баробар мегардад. Зеро омӯзгор бо шуури хонанда сару кор мегирад, онро аз хурдӣ бо дастгирии волидайн ба самти муайян равона месозад. Фаъолияти омӯзгор аз ҳар бор ворид гаштан ба ҷаҳони ботинии доимо ивазшавандаи хонанда вобаста аст. Муошироти «зинда» - и омӯзгор, ҳамбастагии омӯзгор ва хонандагонро ҳеҷ як китоб, технологияи муосир, аз он ҷумла, интернет иваз карда наметавонад. Ӯҳдадориҳои ӯ метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

-тартиб додани нақшаҳои фардии таълимӣ барои ҳар як хонанда бо назардошти сатҳи омодагӣ ва ҳадафҳои таълими онҳо;

-гузаронидани дарсҳои фортепиано, аз ҷумла таълими асбоб, инкишоф додани техникаи мусиқӣ ва хондани мусиқӣ;

- баҳодиҳии пешрафти хонандагон дар дарсҳо ва омода кардани ҳисобот барои волидон;
-ҳар сол ташкил намудани консертҳои мактабӣ, ки дар он хонандагон дастовардҳои худро намоиш медиҳанд ва волидайн ба ин консерт ташриф меоварад;
-иштирок дар ҷаласаҳои педагогӣ ва тренингҳо оид ба такмили салоҳияти касбӣ;
-маълумоти олӣ дар соҳаи мусиқӣ (масалан, академияи мусиқӣ ё консерватория);
-дониши амиқи назария ва амалияи мусиқӣ;
-маҳорати педагогӣ ва қобилияти кор бо кудакону наврасон;
-таҳаммулпазирӣ, сабр ва қобилияти ҳавасманд кардани хонандагон;
-масъулият ва ташкилотчигӣ;
-омодагӣ барои омӯзиш ва рушди пайваста;

Омӯзгорони мусиқӣ бисёр вазифаҳои марбут ба таълиму тарбияи хонандагонро иҷро мекунанд. Онҳо на танҳо роҳбари мусиқӣ, балки омӯзгор, мураббӣ ва илҳомбахши шогирдони худ мебошанд. Хусусиятҳои онҳо иборатанд аз:
-таълими мусиқӣ ва ташаккули маҳорати мусиқии хонандагон;
-мусоидат ба ташаккули завқ ва маданияти мусиқӣ;
-дастгирӣ ва ҳавасманд намудани хонандагон барои ноил шудан ба муваффақият дар мусиқӣ;
-ташкили раванди таълим ва назорати пешрафти хонандагон;
-иштирок дар чорабиниҳои мусиқии беруна ва консертҳо;

Барои бомуваффақият иҷро кардани вазифаҳои роҳбари мусиқӣ, шумо бояд дастурҳои муайянро риоя кунед:
-банақшагирии дарсҳо ва барномаи таълимӣ бо назардошти талабот ва сатҳи хонандагон;
-тартиб додани нақшаҳои фардии таълим ва назорати иҷрои онҳо;
-доимо дониши худро дар соҳаи мусиқӣ ва усулҳои таълим такмил диҳед;

-назорати бодиққат ба пешрафти хонандагон ва сари вақт ислоҳи ҷараёни таълим;

Ҷалби хонандагон ба чорабиниҳои мусиқӣ ва консертҳо барои таҷрибаи амалӣ;

Кори роҳбари мусиқӣ метавонад вазифаҳои иловагиро низ дар бар гирад, аз қабили:

-иштирок дар шурои педагогӣ ва маҷлисҳои педагогӣ;

-иштирок дар омода кардан ва гузаронидани чорабиниҳои мусиқӣ дар мактаб;

-ҳамкорӣ бо волидони хонандагон оид ба масъалаҳои таълиму тарбия;

-баҳодиҳии воситаҳои таълимӣ ва маводи таълимӣ.

Роҳбари мусиқӣ одатан дар мактабҳои мусиқӣ, мактабҳои миёна, таҳсилоти иловагӣ, литсей ё студияҳои хусусии мусиқӣ кор мекунад. Ҷои кор метавонад синфхонаҳо, утоқҳои мусиқӣ ва толорҳои консертиро барои намоишҳо дар бар гирад.

Вазифаҳои роҳбари мусиқӣ вобаста ба намуди муассисаи таълимӣ ва сатҳи таҳсил метавонанд фарқ кунанд. Аммо, вазифаҳои умумӣ иборатанд аз:

-ба хонандагон навохтани асбобҳои мусиқӣ;

-таълими назарияи мусиқӣ ва суруд;

-ба консертҳои мусиқӣ ва фестивалҳо тайёр кардани хонандагон;

ташаккули завқи мусиқӣ ва маҳорати бадеӣ;

-баҳодиҳӣ ва пайгирии пешрафти хонандагон.

Ба роҳбари мусиқӣ лозим меояд, ки вазифаҳои зиёди функсионалии ташкили ҷараёни таълим ва тарбияи хонандагонро иҷро намояд. Ин уҳдадориҳо ба души роҳбари мусиқӣ мебошад.

## 2.2. Муҳити оилавӣ: вазифаҳои тарбиявию педагогии волидайн дар такмили завқи зебоишиносии насли наврас

Дар илмҳои педагогӣ ҳамкории байни мактаб ва оила ҳамчун равияи системавӣ, ки ба ҳамоҳангсозии кӯшишҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим равона шудааст, баррасӣ мешавад. Таҳқиқоти В. А. Сухомлинский нишон медиҳад, ки муваффақияти фаъолияти таълимӣ, педагогӣ аз таъсири тарбиявии оила вобаста аст [81].

Моделҳои классикии ҳамкорӣ иборатанд аз ҳамкории машваратӣ (вақте мактаб волидонро дар бораи натиҷаҳои таълим огоҳ мекунад), ҳамкории шарикона (иқдоми якҷояи волидон ва муаллимон дар фаъолияти лоиҳавӣ) ва моделҳои интегративӣ (вақте ки фаъолияти таълимӣ дар хона бо иштироки волидон идома меёбад) иборат аст. Равандҳои муосир ба дастгирии равонӣ, рушди малакаҳои инфиродӣ ва ташаккули муҳити мотивасионӣ бо иштироки фаъолонаи оила аҳамияти махсус медиҳанд.

Оила микроҷомеаест, ки дар он на танҳо ҳаёти фарзанд сурат мегирад, балки сифатҳои ахлоқии ӯ, муносибат ба одамон, тасаввурот дар бораи хусусияти робитаҳои байнишахсӣ ташаккул меёбанд. Таҳқиқотҳои муосир вобастагии бевоситаи хусусиятҳои инкишофи кӯдакро ба омили оилавӣ нишон доданд: чӣ қадаре, ки мутаносибии оила қавӣ бошад, нуқсони инкишофи кӯдак ҳамон қадар равшантар мешавад. Муносибати муосир ба оилае, ки дар ҳамкории мактабу оила қавӣ медонанд, онро дар ибтидо иқтидори фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди мусиқӣ медонад.

Муҳити оилавӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ифшо додани таҷрибаи мусиқии кӯдакон буда, хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ қисми зиёди ҳаёти худро дар он мегузаронанд. Дастурҳои арзишманди оила дар соҳаи санъати мусиқӣ дар аввал завқ ва афзалиятҳои мусиқии хонандагонро ташаккул медиҳанд. Мавқеи оила асосан ҳам далел ва ҳам муваффақияти кӯдакро, ки таҳсилоти мусиқӣ мегирад, муайян мекунад.

Бо боварии комил бояд иброз намуд, ки дар раванди дарки мушкилотҳои даврони муосир, таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти иловагии

мусиқӣ дар баъзе хонандагон ба як навъ масъалаҳои тарбияи оилавӣ таалуқ дорад. Оила ҳамчун сарчашмаи асосии гирифтани таҷрибаи мусиқии хонандагон буда, аз он кӯдакони синфҳои ибтидоӣ бештари умри худро мегузаронанд. Бо кумаку дастгирии аҳли хонавода шавқ, рағбати мусиқии хонандагон инкишоф меёбад, ки минбаъд низ ба муносибати санъати мусиқӣ ва репертуарҳои ҷараёни дарсҳои мусиқӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ ба тарбияи мусиқии онҳо таъсир мерасонад. Танҳо оила метавонад барои муваффақияти таълими иловагии мусиқӣ саҳмгузор бошад, зеро хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ ширкат варзида, дониши мусиқии худро сайқал медиҳанд.

Иқтидори донишҳои илмии имрӯза нисбати тарбияи мусиқии хонандагон дар таҳсилоти ибтидоӣ аз муҳити оилавӣ вобаста буда, вазифаҳои асосии он ифшо додан, дарк намудани тарбияи мусиқӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҷараёни ҳаракати дутарафа - аҳли оила ва омӯзгорон, дар хонандагон бедор намудани шавқу рағбат ба тарбияи мусиқӣ, яке аз мушкилоти замони ҳозира мебошад. Таҳлил намудани таҷрибаҳои таърихии тарбияи оила, ки дар он пеш аз ҳама анъанаҳои мусиқии гузаштагонамон маълумотҳо пешниҳод намудаанд, ҷиҳатҳои тарбиявӣ боқӣ мондааст.

Мутаассифона, дар муқоиса бо таҳқиқоти умумии педагогӣ-психологии ҷанбаҳои гуногуни тарбияи хонандагон дар оила, шумораи асарҳои фундаменталие, ки бевосита ба мушкилотҳои тарбияи мусиқии хонандагон дар оила бахшида шудаанд, ниҳоят кам аст. Аз ин лиҳоз, мо бояд захираи донишҳои муосири байнисоҳавии илмии оилавиро ба назар гирем, ки дар масъалаҳои тарбияи оилавӣ назар ба солҳои нисбатан охир дар асоси сифати методологӣ дигар хел муносибат намоем. Зеро тамоюлҳои нави соҳаи тадқиқоти оилавӣ дар соҳаи маорифи мусиқӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Омӯзгороне, ки навозандаи ягон сози мусиқӣ мебошанд, бо имконоти тарбияи оилавӣ, муносибатҳои фарзанду волидайн ва ғайра рӯбарӯ мешаванд, баъзан аз бархӯрди мутақобилаи майдони мазмуни онҳо, мавҷудияти равишҳо ва мавқеъҳои муаллифии гуногун ба ҳайрат меоянд.

Дар навбати худ, вариантҳои гуногуни мавҷудияти мусиқӣ дар муҳити оилавӣ ва масъалаҳои тарбияи мусиқии хонанда ҳанӯз дар заминаи фаъолияти оила, татбиқи модели муайяни тарбияи оилавӣ аз ҷониби волидон ба қадри кофӣ дарк карда нашудаанд.

Мо тасмим гирифтаем, ки дар ҷараёни дарки мушкилоти ҳозираи таълими мусиқӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки аз масъалаҳои марбут ба тарбияи оилавӣ алоқаманд мебошад, ибрози ақида намоем.

Оила сарчашмаи асосии таҷрибаи мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муҳити мусиқиест, ки дар он хонандагон ҳаёт ба сар мебаранд.

Нақши оиларо ҳамчун як ниҳоди бунёдии иҷтимоӣ, ки рушди мусиқӣ ва тарбияи эстетикии хонандагони синфҳои ибтидоиро муайян мекунад, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Он ба таҳқиқоти муосир такя намуда, вобастагии инкишофи мусиқӣ ва эстетикии кӯдакро ба хусусиятҳои муҳити оилавӣ таъкид мекунад, мушкилотро дар ҳамкории оила ва мактаб муайян мекунад ва самтҳои такмили таълими мусиқиро тавассути ҳамкории муаллимон ва волидон муайян мекунад.

Оила шавқу завқ ва майлу хоҳиши мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоиро ташаккул медиҳад, ки ин минбаъд ба муносибати онҳо ба санъати мусиқӣ, мазмун ва репертуари дарси мусиқии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муносибати онҳо ба мусиқӣ таъсир мерасонад.

Мусиқӣ дар ҳаёти инсон нақши муҳим дорад, тарбияи эстетикиро дар оила - падару модар ва дар мактаб  - муаллими фанни суруд ва мусиқӣ ба ӯҳда доранд. Ягон ҷашни мактабӣ набояд бидуни таълимоти мусиқӣ баргузор шавад, зеро мусиқӣ хонандагонро ба зиндагӣ ва мактаб, оила ва омӯзгор дилгарм карда, онҳоро ба роҳи дуруст ҳидоят менамояд. Онҳо бо омӯхтани зебоӣ ва назокат, инчунин, тарбияи эстетикии хонандагон, инкишоф додани зебоӣ ва ташаккули маърифатию фарҳангшиносӣ, аз ҷумла, фанни суруд ва мусиқиро меомузанд. Зеро ҳамаи хонандагон мусиқиро дӯст медоранд. Хонандагон аз хурдӣ ба ин фан шавқу ҳаваси калон доранд. Аз ин ҷиҳат, муаллими мусиқӣ бояд фанни худро дӯст дошта, бо шавқу ҳавас ва тайёрӣ ба

дарс омада, бо усулҳои фаъоли таълим шавқу ҳаваси хонандагонро бедор намояд.

Мавқеи оила дар бораи тарбияи мусиқии фарзанд ва муваффақияти он дар раванди таълими мусиқӣ аввалиндарача мебошад, зеро ягон нафаре дар дунё ёфт намешавад, ки худро аз канори мусиқӣ дур созад. Бинобар ин, ба даст овардани донишҳои илмӣ дар бораи тарбия кардани паҳлуҳои гуногуни мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити оилавӣ ва нақши онҳо дар тарбия намудани мусиқии бо чараёни ду самт - фарогирии масъалаҳои мусиқии муосир, сабабҳо ва захираҳои ҳалли онҳо ба хусусиятҳои тарбияи сатҳи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила ва таҳлили таҷрибаи таърихии тарбияи оилавӣ вобастагӣ дорад.

Муваффақияти дар амалия татбиқ намудани ин ғояҳо, пеш аз ҳама, мавқеи оиларо муайян мекунад, ки ӯ вазифадор аст, ки маълумоти ибтидоӣ ва иловагии мусиқии кӯдакро дар соҳаи таълими ибтидоӣ ва иловагии мусиқӣ сари вақт муайян намояд.

Масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва волидони хонандагон дар осори А.С.Макаренко [58] ва В.А.Сухомлинский [81], дар маркази таваҷҷӯҳи педагогикаи оилавӣ - Д.Латипов [55], Р.Рамазонова [73], Д.Рамазонов [72], А.Нуров [65], В.Я.Стоюнин [167], С.Ф.Сизикова [137] амалӣ карда шудааст. Дар заминаи муассисаҳои таҳсилотӣ Д. Раҷабзода [131], Б.Хайруллоев [141], К.Ҳалимов [86], К. Раҳимзода [75], Ш.Шарипов [88], Т. И. Бабаева [149], М.Акмалова [145], Т. А. Березина [152], Е.С.Евдокимова [41], В.В. Емелянова [42], О. Ю. Зайцева [105], А.Н.Зайцев [104], О.Л. Зверева [45], Е.П.Арнаутова [24], Л. Ф. Островская [68], А. П. Счастная [82], А.С.Белкин [151], И.В.Гребенников [37], В.Н.Гуров [39], К.Е.Игошев [46], А.В.Меренков [60] ва дигарон; - дар заминаи марказҳои машваратӣ, мактабҳои падару модарон Р.Амонов [22], А.К.Гулов [99] А.С.Баркан [29], В.Н.Бушина [97], И.Я.Медведева [59], Т.Жоробеков [103], Н. Алексеенко [147] ва дигарон; - дар шароити иҷтимоӣ – Б.М.Мирбобоева [123], Т.В.Лодкина [165], О.Е.Черствая [142] ва дигарон; дар заминаи муассисаҳои иловагии мусиқӣ ва

ҳунарӣ Т.Г.Исакова [110], Д.Рамазонов [72], Р.Рамазонова [73], Е.И.Замошина [107], Е.Б.Зотова [108], С.Куракин [116], В. Лоренц [120], А.Зубайдов [109], Л.М.Кашапова [51], А.Е.Мосин [124], С.А.Феруз [140] ва дигарон аҳамияти хоса дода шудааст.

Барои қавӣ гаштани ҳамкории мактабу оила, китобҳои дарсии суруд ва мусиқӣ аз синфи 1 то синфи 6 истифода бурда шуд. Масъалаи ҳамкории мактабу оила дар тарбияи эстетикии хонандагон аз китоби синфи 1-ум Ҷ.Обидпур, синфи 2-юм С.Сатторов, Ҷ.Охунов, М.Яҳёев, А.Алиев, китоби синфи 3-юм С. Гулназар, китоби синфи 4-ум Ҷ.Обидпур, китоби синфи 5-ум Ш.Шарифов ва китоби синфи 6-ум К.Ҳалим истифода бурда шуд.

С.А.Феруз қайд мекунад, ки яке аз тарафҳо дар масъалаи ҳамкории систематикии педагогӣ ва ҳамкории оила дар якҷоягӣ ҳал намудани масъалаҳои таълим, инкишоф ва иҷтимоии хонанда мавқеи нобаробар аст. Моҳияти ҳамкории байни оила ва омӯзгор инъикос ёбад, хонандагон дар марҳилаи муайяни камолот ва рушди истеъдоди мусиқӣ ҳамчун шахсияти соҳибкасб ба воя мерасанд [140, с.12].

Робитаи ягонагии дастгирӣ муҳаққиқонро водор месозад, ки моҳияти категорияи охиринро тавассути ду категория ошкор созанд. Дар ин ҳолат, аввал ҳамкории омӯзгори мусиқӣ ҳамчун фарҳанги махсуси дастгирӣ ва кӯмак фаҳмида мешавад, сипас соҳаи махсуси фаъолияти омӯзгор, ки ба муомила бо шогирд барои расонидани кӯмаки ӯ дар ягон чиз нигаронида шудааст. Аммо мафҳумҳои «ёрӣ», «ҳамкорӣ» ва «ҳамроҳӣ» бо тафовутҳои назарраси мазмунӣ хос мебошанд.

Дар навбати худ, Ю.А. Левченко чунин мешуморад, ки ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода аз ҳамкории мактаб ва таҳсилоти иловагӣ он қадар фарқ надорад. Мақсади онҳо аз худ кардани фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ ва баланд шудани қобилияти эҷодии хонандагон мебошад [118].
Олимон чунин мешуморанд, ки хислатҳои хоси ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода дар тарбияи эстетикӣ - мусиқӣ инҳоянд:




Тарбияи эстетикии оила вазифаи умумиҷамъиятӣ, давлатӣ буда, ба ин кор давлат, аҳли ҷомеа, оила ва муассиаҳои фарҳангию фароғатиро зарур аст, ки дар якҷоягӣ саъю талош намоянд. Мактаб, ҳамчун муассисаи давлатӣ дар тарбияи ҳаматарафаи насли наврас накши асосӣ ва марказиро дорад. Ин макони маърифат дар асоси қонунҳои интишоркардаи давлат, урфу одати гузаштагон, осори ниёгон шогирдони худро тарбия менамояд. Хонандагонро бо донишҳои илмӣ, ки қонунҳои табиату ҷамъиятро инъикос менамоянд мусаллаҳ гардонида, ҷиҳати ташаккули тафаккур, ҷаҳонбинӣ, эътиқод ва ақидаҳои муайяни шогирдон саҳми арзанда мегузорад.

Мо шарҳи моҳияти ҳамкории мактаб ва муҳити хонаводаро ба манзараи татбиқи самти таълимии мусиқӣ дар тарбияи оилавии хонанда қонунӣ меҳисобем. Ҳамкории мактаб, хонанда ва оиларо дар раванди таълими мусиқӣ чунин шарҳ медиҳем:

- намуди фаъолияти педагогӣ, ҳолатҳои мувофиқи интихоби ихтиёрӣ дар оила, стратегияи таълимии мусиқӣ;
- раванди ҳамкории омӯзгор, хонанда ва аъзои оилаи ӯ, таъмини фароҳам овардани шароити мусиқӣ-эстетикӣ, ташкилӣ ва эмотсионалӣ-психологӣ барои ба даст овардани таҷрибаи педагогии муносиби муошират бо санъати мусиқӣ дар оила ва берун аз он;

- маҷмӯи амалҳои омӯзгор, ки тавассути он ба оила дар болоравии стихиявӣ ба тарбияи бошууронаи мусиқии хонанда ва ҳамкории он дар татбиқи стратегияи интихобкардаи мусиқӣ;
- таълим бо назардошти хусусиятҳои тарбияи хонанда мусоидат менамояд.

Вобаста ба соҳаи таълими мусиқӣ таъминоти омӯзгори мусиқӣ дар заминаи худмуайянкунии касбии дастпарварони муассисаҳои мусиқии хонандагон инкишоф ёфт [121, с.154].

Унсурҳои муайяни ҳамкории педагогии хонанда ва оила дар раванди таълими мусиқӣ ва фарҳанг, воқеан, дар асарҳои А.Е.Мосин, Л.М.Кашапова, С.А.Феруз, Е.И.Замошина, Н.В.Карташев оварда шудаанд [124, с.326; 112, с.6; 140, с.15; 107, с.16; 111, с.8].

Дастгирии педагогии хонандагон ва аҳли оила дар амалияи таълими мусиқӣ дар асоси ғояҳои манфиатдории тарафайни хонанда, аъзоёни болиғи оила ва омӯзгор ба гирифтани таълими мусиқӣ, эҳтироми ҳамдигар, эътимод, ёрӣ ба ҳамдигарӣ таҳия ва ҷорӣ карда мешавад. Ғанӣ гардонидани иштирокчиёни раванди тарбияи мусиқӣ, аз ҷониби омӯзгор қабул кардани стратегия ва тактикаи тарбияи оилавӣ, ба шарте ки ба саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳии хонандагон бояд зарар нарасонад, зеро дар асоси хусусиятҳои хоси тарбияи оилавӣ, мувофиқи дараҷаи огоҳӣ аз таъсири мусиқию тарбиявии оилавӣ, интихоби стратегияи мусиқию тарбиявӣ ва механизми татбиқи он фарқ мекунанд. Барои пешравии тарбияи мусиқӣ маҷмуи таъсири бевосита ва бавоситаи муаллим ба хонандагон ва падару модарони онҳо, ҳавасмандгардонии ҷараёни таълимии мусиқӣ, бо камоли адабислоҳ намудани шавқу завқ ва майлу хоҳиши мусиқӣ, бемайлон бой гардондани падару модарон бо донишҳои зарурии мусиқию педагогӣ вазифаи ҳар як фарди ҷомеа мебошад.

Ба ақидаи С. Е. Беляев тарбияи мусиқӣ ҳамчун падидаи педагогӣ - раванди таърихӣ, хонандагонро ба воситаи мусиқӣ, дар руҳияи мусиқӣ-эстетикӣ тарбия менамояд [31].

Дар давраҳои пешин омӯзиши ҳунар ба хонандагон яке аз қисматҳои асосии тарбияи оилавӣ ва педагогикаи халқӣ ба шумор мерафт. Сабаби он вуҷуд надоштани мактабҳо дар он давра буда, тарбияи фарзанд дар оилаҳо гузошта шуда буд. Оид ба таълиму тарбияи хонандагон Унсурмаолии Кайковус дар “Қобуснома”-и худ (асри 11) боби 36 панду насиҳатҳои зиёду нафъоваре иброз доштааст. Дар боби омӯзиши илмҳо ӯ қайд менамояд, ки омӯзиши ҳунар, инчунин ба илму санъат ҷалб кунонидани фарзанд вазифаи муқаддаси волидайн мебошад [87].

Муваффақияти ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар тарбияи оила бо истифода аз фарҳанги мусиқӣ ба омилҳои зерин вобаста аст:

-дар раванди  тарбияи фарзанд мақсаднок ба таври системавӣ завқу қобилияти мусиқӣ-эстетикии онҳо ба инобат гирифта шавад;

-дар раванди тарбия хусусиятҳои синнусолии онҳо ба инобат гирифта шуда, аз усулҳои дидактикӣ барои хондани суруд, рақс кардан шароитҳо муҳайё карда шавад;

-натиҷаҳои гузаронидани машғулиятҳои тарбияи ҳиссиётҳои мусиқӣ-эстетикӣ мувофиқи хоҳиш, шавқу рағбати фарзанд дар сатҳи баланд ба назар гирифта, ҷиҳатҳои маънавӣ ва инкишофи нутқӣ хонанда  рушд дода шавад.

-барои хубтар дарк кардани фарҳанги мусиқӣ, гузаронидани дарсҳои иловагӣ, мутахассисони касбии фарҳанги мусиқӣ бояд интихоб шаванд.

Ҳамкории  педагогии хонанда ва оила дар раванди таълими мусиқӣ (хондани суруд ва рақс кардан) ба самаранокии ин раванд мусоидат мекунад, агар:

- тактикаи ҳамкории  омӯзгори мусиқӣ  бо дарназардошти огоҳии таъсири мусиқию тарбиявии оила, хусусиятҳои интихоби стратегияи таълими мусиқӣ дар оила ва механизми татбиқи он, шароити тарбияи оилавии хонанда муайян карда шавад;

- дар шакли модел сохта шудани хусусиятҳои микдорӣ ва инчунин сифатии аҳли хонавода дар асоси ҳамкории тарбиявӣ бояд ташкил карда шавад.

- омӯзгори таълими мусиқӣ бояд ба асбобҳое муҷаҳҳаз карда шавад, ки ба ӯ имкон диҳад хусусиятҳои тарбияи оилавии хонандаро муайян намояд ва ба волидайн бо воситаҳое муҷаҳҳаз карда шаванд, ки ба онҳо имкон медиҳанд ҳамкории  педагогии хонандаро дар раванди таълими мусиқӣ дар оила амалӣ созанд.

Б. Хайруллоев дар  таҳқиқоти худ иброз менамояд, ки барои муаллими таҳсилоти ибтидоӣ дар замони муосир, азхудкунии санъати мусиқӣ масъалаи ҳалталаб буда, онҳоро аз даврони макотиби олӣ  омухтани фарҳанги бойи хуб ба миён оваранд. Дар баробари омӯхтани фарҳанг, сунатҳои хонаводаро аз худ кардан, вазифаи ҳар як фарди ҷомеа мебошад. Барои фароҳам овардани фазои мусоиди эмотсионалӣ ва равонӣ, табиӣ, органикӣ ва муоширати фардии хонанда бо санъати мусиқӣ, худтаълимии мусиқӣ ва муваффақияти дарсҳои мусиқии таълимии хонагӣ мусоидат менамояд [141, с.133].

Асоси ҳамкории мактабу аҳли хонавода барои такмил додани ҷараёни таълими мусиқӣ аз рӯи шаклҳо ва методҳои тарбияи оилавӣ, инчунин таълим додани дарсҳои мусиқӣ ва таҳсилоти иловагӣ муайян карда мешавад, ки дар фаслҳои қаблӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта мешавад.

Дарсҳо дар муассисаи таълимии мусиқӣ, новобаста аз марҳилаи таълим, бозгашти оиларо ба татбиқи стратегияи таълими мусиқӣ дар асоси имконоти худ дар назар дорад. Тафсири ҳамкории  педагогии оила чун «Дар баробари ҳамсафарон» зарурати таҳлили баромади муаллими мусиқиро мебояд ҳамчун шахсе ба миён гузорад, ки ҳам хонандагон ва ҳам муҳити оилавии ӯ ҳамроҳи намояд. Ин амал бештар барои таъмин намудани рушди мувозинати малакаҳо ва дар ҳал намудани корҳои мустақилона истифода бурда, ҳолатҳои мушкилоте, ки дар заминаи раванди таълими мусиқӣ дар хонанда ва падару модари ӯ ба вуҷуд меоянд, нигаронида шудаанд.

Дастгирӣ дар ҳолатҳое, ки волидайн мустақилона стратегияи мусиқӣ-таълимӣ ва усулҳои татбиқи онро интихоб мекунанд; кӯмак - агар падару модар дар татбиқи стратегияи таълими мусиқӣ ва ҳалли ҳолатҳои масъалаҳои

психологию педагогие, ки ҳангоми татбиқи стратегия ба вуҷуд меоянд, мушкилоти зиёд дошта бошанд.

Оилаи «оддӣ», ки стратегияи таълимии мусиқиро дар асоси иқтидори худ амалӣ менамояд, ба кӯмаки мунтазами машваратӣ ниёз дорад, ба монанди он, ки дар роҳи боло рафтан аз тарбияи мусиқии бошуурона расонида мешуд.

Ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода, сарфи назар аз интихоби стратегияи мусиқии таълимӣ, ҳамкории қарори дар оила қабулшударо таъмин намуда, ғояҳои аҳамияти тарбияи эстетикӣ-мусиқиро барои инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда нигаронида мешавад.

Ҳамкории муосири оила ба мактаб ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба ғояи пурра намудани бартариятҳо ва ҷуброни мутақобилаи имкониятҳои аздастдодашуда асос ёфтааст. Тарбияи оилавӣ асоснокии назариявӣ, мақсаднокӣ ва банақшагирӣ надорад. Аммо мақсадҳо, мазмун, принсипҳо ва усулҳои тарбия дар муассисаҳои давлатӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок таъмин карда шудаанд.

Ҳангоми ташкили ҳамкории омӯзгори мусиқӣ бо хонандагон ва аҳли оилаи онҳо бояд дар назар дошт, ки таҷрибаи омӯзгор - мусиқинавозон дар аксари мавридҳо таҷрибаи хонандагони лаёқатманди мусиқие мебошад, ки дар муассисаи муқаррарии мактаб таҳсил кардаанд. Сатҳи мусиқиандузии муаллими оянда дар ҳамаи зинаҳои таълими мусиқиаш, ақаллан ба талаботи стандартӣ бояд ҷавоб диҳад. Ҳолати солимии ҷисмонӣ ва руҳӣ имкон диҳад, ки ба сарбории зиёдшудаи таълимӣ тоб оварад.

Аз падару модарон талаб карда мешавад, ки дар дарсҳо иштирок кунанд, ба муаллим имконият дода шавад, ки бо гурӯҳи муайяни хонандагон мунтазам пай дар пай ва як муддати муайян фаъолият карда, вазифаҳои умумии педагогиро ба миён гузорад. Оила мустақилияти бештар ва худтаъминкуниро ба даст оварда, барои интихоби модели тарбияи зебоипарастии мусиқии хонанда саъю кушиш намояд ва ба гардани системаи

муқарраршудаи идоракунии чараёни тарбиявии оила аз тарафи муассисаҳои таълимӣ бор шавад.

Тарбия, ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ бисёр масъалаҳои муҳимро дар бар мегирад, ки ташаккули фарҳанги зебоипарастии кӯдак дар он ҷойгоҳи махсусро дорад. Мусаллам аст, ки мақсади тарбия ба воя расонидани шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта мебошад ва барои тарбияи шахсияти ҳаматарафа ташаккулёфта бояд муҳити оилаву мактаб созгор бошад. Ҳамчунин оилаву мактабро лозим аст, ки дар ин замина пайваста ҳамкорӣ намоянд. Вазифаи мактаб аз он иборат аст, ки ҳама қисмҳои таркибии тарбияро дар алоқаи узвӣ ба амал бароварда, нисбат ба тарбия муносибати комплексӣ ва системанок намояд ва дар маҷмуъ барпокунандагони бошуур ва фаъоли ҷамъиятро ба воя расонад. Мактаб ҳарчанд бо муаллимони маълумотнок ва ихтисосманд, бо барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, нишондодҳои методӣ, бо кабинету лабораторияҳо, асбобҳои аёнӣ ва воситаҳои техникии таълим таъмин бошад ҳам, дар танҳоӣ ин вазифаҳоро иҷро карда наметавонад. Бинобар ин, барои иҷрои ин вазифаҳои ҳаётан муҳим, бояд ба мактаб ва муаллимону мақомоти маорифу давлат ҳамаи аҳли ҷомеа кӯмак намоянд. Умуман дар тарбияи насли наврас ва ташаккули фарҳанги хонавода зарур аст, ки қувваҳои мактаб, оила ва аҳли ҷомеа муттаҳид карда шаванд.

Вазифаҳои тарбияи мусиқию педагогии падару модарон дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои таҳсилотӣ аҳамияти худро гум намекунанд. Агар барои ташаккул додани дониши мусиқии хонандагон мо ин шаклҳоро пешниҳод менамоем:

- муоширати инфиродӣ дар заминаи раванди таълим;
- машварати шахсӣ;
- муҷаҳҳаз гардонидани муҳити оила бо сабтҳои аудио, китобҳо барои мутолиаи оилавӣ, дастурҳо оид ба ташкили муҳити мусиқии оилавӣ, вазифаи хонагии тарбиявии хонанда ва чорабиниҳои мусиқию эҷодии оила;

- консертҳое, ки дар он ҳар як хонанда новобаста аз сатҳи иҷрои мусиқӣ ба волидайн дастовардҳои эҷодии худро дар ҳолати муваффақият нишон медиҳад.

Намоиш бо навохтани асбобҳои мусиқии хонандагон дар дарсҳои мусиқӣ сурат гирифта, унсурҳои намоиши театриро дар бар мегирифт. Гузаронидани ин гуна консертҳо дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ба худфикрии эҷодӣ хусусиятҳои синну соли хонандагон ва дарк намудани натиҷаҳои он мавқеи падару модароне, ки дар ҷараёни ҳамкории педагогӣ фаъолона иштирок меварзанд, мусоидат мекунад. Хусусиятҳои ташкилии системаи таълими умумӣ имкон медиҳад, ки ҳамкории фаъолона бо муаллими мусиқӣ анҷом дода шавад.

О.Е. Черствая қайд менамояд, ки «Тайёрӣ ва баргузории ин чорабиниҳо дар байни хонандагон шавқу рағбат ва муносибати мусбати волидайн дар ин чорабиниҳоро ба вуҷуд меорад. Волидон аз он қаноатманданд, ки фарзандонашон иштирокчии як чорабинии мушаххас мебошанд, ки дар он имкони намоиш додани истеъдод, кӯшишҳои эҷодии худ, инчунин либосҳои ҷолиб, ороиши мӯйҳои муваффақ ва ғайраро доранд» [142].

Дӯст доштани мусиқӣ маънои эҳсос кардани зарурати муошират бо он, яъне ҳангоми шунидани он шодӣ,  ҳаяҷон, андӯҳро эҳсос мекунад. Фаҳмидану дарк кардани мусиқӣ маънои бошуурона дарк кардани он, бохабар будан аз мазмун ва то андозае аз шакли он мебошад. Бояд гуфт, ки мафҳумҳои «дӯстдорӣ» ва «фаҳмидан» дар робита бо дарки мусиқӣ аксар вақт муайян карда мешаванд. Баъзан онҳоро муқоиса мекунанд. Мо ба фарзандонамон таълими мусиқӣ медиҳем, ки мусиқиро бошуурона дарк кунанд.

Аммо баъд аз гузаронидани таҳқиқот бо камоли боварӣ гуфта метавонем, ки дарки хонандагоне, ки аз мусиқӣ тарбия ва дониш доранд, амиқтар, бошууртар ва равшантар аст. Муҳим он аст, ки доираи асарҳое, ки онҳо аз ҷиҳати эҳсосотӣ дарк карда метавонанд, мураккабтар ва васеътар аст.

Хеле муҳим аст, ки алоқа бо мусиқӣ аз рақсу суруд якҷоя дар сари дастархони оила сар карда, то бодиққат шунидани садои оркестр дар консерт ва мутолиаи адабиёт дар бораи мусиқӣ ҳаматарафа идома ёбад. Мусиқӣ аз хомӯшии субҳ ё садои рӯзи пуркор, ҳуштакҳои шамол ё сайр, ғурриши издиҳом ва суханронии дилнишини дӯстдошта оғоз мешавад. Аз ин ҷо қатра ба қатра дар интонасияҳои назм ва оҳангҳои суруди маъмул, дар рақсу романтикаи дилчасп, мусиқии пурмазмуну гуногуни меҳнату истироҳат, ҷашн ва фароғат гирд оварда мешавад.

Хонандагон ба мусиқӣ эҳтиёҷ дошта, бо зебоӣ ва тасаллӣ иҳота карда, ҳамзамон моро бо ҷаҳони атрофамон мепайвандад. Он ба мо хотиррасон мекунад, ки хонаи инсоният коинот аст.

Таҳқиқот ҳамчун заминаи назариявӣ ва методологии масъалаи омӯзиши асосҳои психологӣ-педагогии рушди дарсҳои мусиқӣ бо дастгирии волидайн дар давраҳои синнусолии инкишофи хонандагон хизмат мекунад. О.Е. Черствая самтҳои муайянкунии рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эстетикии хонандагонро чунин баррасӣ намуд; эҳсосу созиш кардани идроки мусиқӣ ва осон шинохтани оҳанг; шаклгирии тасаввуротҳои мусиқӣ - фаъолиятнокӣ, ки ҳангоми шунидани оҳанг аз нав барқарор мегардад ва он минбаъд дар фаҳмидани лаҳну оҳанг айнан такрор кардани мусиқӣ зоҳир мегардад [142].

Ӯ ба масъалаи фаъолияти мусиқӣ-эстетикии хонандагон ва рушду шаклгирии қобилиятҳои онҳо дар намудҳои гуногуни фаъолияти мусиқӣ диққати махсус дода, таъмин намудани робитаи хонавода бо роҳбарии педагогии мақсаднокро дар шароитҳои гуногуни таълиму тарбиявӣ арзёбӣ кардааст [142].

Чӣ тавре, ки дар боло зикр намудем, мақсаду вазифаҳои таълим ва тарбияи мусиқӣ, инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эстетикӣ, тибқи талаботи заминаҳои барномавӣ-методии соҳаи таҳсилотӣ, ба ҳисобгирии натиҷаи таҳқиқотҳои илмии тиббӣ, психологӣ, педагогӣ, мусиқишиносӣ ва ғайраҳо таҳия карда шудаанд.

Бо мақсади ёд додан, омӯзонидани хонандагон бо мусиқӣ муҳим аст, ки дар бораи мусиқӣ, ракс, мавзӯъ ва мазмуни онҳо, намудҳо ва тарзи иҷрои суруду рақсҳо маълумот дода шуда, омӯзонида шавад, ки ҳангоми шунидану иҷро намудани мусиқӣ ва ҳаракатҳои рақсӣ бояд онҳо ҳолатҳои мусбати эҳсосотиро аз сар гузаронанд. Дар ташкили баргузориҳои чорабиниҳои фарҳангӣ иштирок ва ҳамкории волидайн дар мадди аввал гузошта мешавад.

Вазифаи асосии дастгирии хонавода - дарёфти роҳҳои бартарафсозии мушкилоти ба вуҷуд омадаи хонанда ва омӯзгор мебошад, ки он меъёри асосии муайянкунандаи арзишмандӣ ва қаноатмандии онҳо аз фаъолияти шахсӣ ва аз боздошт гардидани шиддати психологӣ бармеояд.

Андешаи муҳаққиқон ва мушоҳидаҳои чандинсолаи мо имкон дод, ки доираи зерини муносибатҳоеро муайян намудем, ки волидайн ба таълими иловагии мусиқии фарзандонашон ташвиқ мекунанд ва онҳо кушиш мекунанд, ки онҳо дар маҳфилҳои эҷодии беруназмактабӣ фаъолона ширкат варзанд.

Фарҳанги шунидану такрор кардани мусиқӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки дар чорабиниҳои фарҳангӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ, оила фаъолона иштирок намуда, аз онҳо ҳаловат барад, то ки маҳорату қобилияти сурудхонӣ, шеърхонӣ, иҷрои ҳаракатҳои мавзунро зери оҳанги мусиқӣ, тақлидкунӣ ба ҳаракату нақшофариҳои саҳнавӣ (спетаклҳо) ва ғайраҳо такмил дода шавад. Дар дарс-консерт ҷалб намудани аҳли хонавода ва муаллимон ба ҷараёни тарбия барои инкишоф додани рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии хонандагон мусоидат менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур ҳалли пурраи худро наёфтааст. Аввало, синну соли воридшавии хонандагон ба низоми таҳсилоти мактабӣ вобаста ба пешрафти ҷомеа ва натиҷагирӣ аз таҳқиқотҳои илмӣ, шароиту имконияти таъмин намудаи омодагии онҳо ба мактаб борҳо тағйир ёфтаанд.

Бо монеаҳои объективӣ дар роҳи таълими мусиқию педагогии волидон ва ҷалби онҳо ба фаъолияти муштараки мусиқӣ бо хонандагон рӯ ба рӯ шуда,

омӯзгор-навозанда, дар доираи ҳалли масъалаҳои ташкилӣ-мазмунии таълими мусиқии хонандагон дар системаи таълими умумӣ ва ё иловагӣ манфиати калон дорад. Аз ин лиҳоз, таҳлили мазмуни консептуалӣ ва мундариҷаи барномаҳои таълимии фанни суруд ва мусиқӣ бо мақсади муайян кардани тавонмандии онҳо дар самти ҳамкории омӯзгорони мусиқӣ ва муҳити хонавода таваҷҷӯҳи беандоза дошта, барои бой гардидани захираи луғавии хонандагон ва муносибати волидайн ба фарзандон аз маданияту фарҳанги миллӣ вобаста аст.

Нисбат ба мавзуи баррасишуда мо таваҷҷӯҳи зерин хоҳем кард:

- дар барнома ва нақшаҳои таълимӣ аз фанни суруд ва мусиқӣ инъикоси мушкилоти ҳамкории омӯзгор ва аҳли хонаводаи хонандагон дар сатҳи муқаррароти консептуалӣ, гузоштани вазифаҳо, пешниҳоди талабот ва мазмуни таълим;
- мувофиқати муқаррароти консептуалӣ ва мӯҳтавои барномаҳои таълимӣ аз фанни «Мусиқӣ» ба воситаи муосири таҳсилоти оилавӣ (афзалияти оила дар тарбия ва инкишофи хонанда, муайян намудани асбобҳои мусиқӣ. Хусусияти хоси амалияи омузгорӣ дар барномаи «Мусиқӣ» ба таври одилона ба роҳ мондани «алоҳида бо падару модарони хонандагон бо ташаббуси худи онҳо буд ва мебошад. Одатан, волидайн аз мазмуни худи таълим, шиддатнокии муносибати эмотсионалии хонанда ба дарси мусиқӣ ва баҳои мусбати омӯзгор ба натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ шавқ доранд.

Намунаҳои ҳикояҳои волидайн дар бораи он, ки чӣ тавр онҳо дар хонанда ба гӯш кардани радио ё тамошои операҳо, балетҳо ва асарҳои симфонӣ дар телевизион ҷалб карда шудаанд, ки порчаҳои онҳо дар дарсҳои мусиқӣ садо медоданд (дар хотир доред, ки барои бисёре аз волидон, ин корҳо қаблан ношинос буданд) мисолҳои китобҳои дарсӣ гардидаанд.

Коллективи эҷодии лаборатория бо роҳбарии Д.Б. Кабалевский шакли беназири алоқаи бевоситаи иштироккунандагони ҷараёни мусиқӣ-таълимиро бо намояндагони оилаҳои онҳо - дарс-консерт кор карда баромад. Баракси консерти оддии волидайн ва омӯзгорон бояд «унсурҳои дарси муқаррарӣ»

нигоҳ дошта шавад, то волидайн ба таври равшан бубинанд ва бишнаванд, ки фарзандонашон чӣ гуна машғули мусиқӣ шаванд ва методикаи ин дарсҳо барои омӯзгорони мактаб равшан гардад» [50, с. 27].

Дар вақти дарси мусиқӣ ба хонанда чун анъана вазифаи хонагӣ дода мешавад:




Ба қавли Д.Б.Кабалевский, «ин вазифаҳо набояд ҳатмӣ бошанд, аммо вақте ки онҳо иҷро мешаванд, муаллим  бояд сухани тасдиқ ва рӯҳбаландкунанда баён кунад (ин бояд хеле боодобона анҷом дода шавад, то ки ба онҳо наафтад, дар синф пайдо шудани афроди мутакаббир, болобаромад мусоидат мекунад)» [49, с.25].

Ба гуфтаи С.А.Козлова, Т.А.Куликова, муносибати арзишманди хонанда дар оила ташаккул меёбад ва ин муносибат «хусусият, характери иҷтимоию психологӣ дорад. Огоҳӣ аз арзиши оила “асарҳои бадеии муаллиф, ки хонандаро ба олами ҳаёти оилавӣ муаррифӣ



мекунанд, моҳияти мафҳумҳо ва дигар вожаҳое, ки муносибатҳои оилавиро инъикос намуда, барои фаҳмидани мавқеъи шахс дар низоми муносибатҳои оилавӣ мусоидат мекунанд» [53, с.339].

Дар барномаҳои таълимии фанни суруд ва мусиқӣ, ҳамкории оила бо аҳли хонавода: волидайн, бобо, бибӣ, хоҳар, бародар, «Расмҳои оила» ташаккул меёбад. Онро дар мисоли дарси намунавӣ ки аз тарафи роҳбари мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо волидайн дар синфи якум сурат мегирад, дида мебароем.

Мавзуъ: "Оилаи ман"

Мақсад: муттаҳид сохтани гурӯҳи синф, таҳкими робитаҳои оилавӣ.

Мақсадҳо:

- ошкор намудани мафҳуми «Оила»;
- инкишофи муошират ва кобилияти эҷодии хонандагон;
- инкишоф додани фарҳанги ахлоқию мусиқӣ-эстетикӣ дар ҷараёни муошират байни аҳли хонавода ва фарзандон;
- мусоидат намудан барои рушд ёфтани малакаҳои муошрати меҳрубонона ва ҳамдигарфаҳмӣ дар оила;
- инкишофи хотира дар асоси машқҳои ёддошт;
- тарбия намудани муносибати ғамхорона нисбат ба аъзои оила, ҳисси ифтихор аз оилаи худ, эҳсосоти асосии шахсият;
- самтгирӣ ба мазмун ва маънои ахлоқии амали худ ва ҳам атрофиён;
- донистани меъёрҳои асосии ахлоқӣ ва самти татбиқи онҳо;
- ташаккули ҳиссиёти ахлоқӣ ба монанди шарм, гунаҳкорӣ, виҷдон ҳамчун танзимкунандаи рафтори ахлоқӣ;
- ҳуқуқҳо ва иҷрои уҳдадориҳои худ;
- амалҳои худро мувофиқи супориш ба нақша гирад;
- амалҳоро дар шакли нутқ ва тарбияи фикрӣ анҷом диҳад;
- ҷустуҷӯйи маълумот;
- нутқи шифоҳӣ созад;
- гузаронидани таҳлили объектҳои пешниҳодшаванда;

- андеша ва мавқеъи шахсии худро баён намояд;
- фикру мулоҳизаҳои гуногунро ба инобат гиранд ва барои ҳамоҳангсозии мавқеъҳои гуногун дар ҳамкорӣ кушиш намоянд;
- назорати амали шарик;
- барои ҳалли самараноки масъалаҳои муошират аз воситаҳои нутқ дуруст истифода баранд;

Кори луғавӣ: оила, оилаи дӯстона, модар, падар, бобо, бибӣ, бародар, хоҳар.

Таҷҳизоти дарс: бозиҳои дидактикии «Аъзои оилаатонро бо меҳрубонӣ номгузорӣ кунед», расмҳои нақшофарӣ: дарахти бебарг, баргҳои сурху сабз, офтоби табъ, слайд, қалам, варақаҳои ранга.

Оҳанги мусиқӣ: суруди «Дустони ҷудонашаванда».

Кори пешакӣ: кӯдакон дар бораи мактаб шеърҳо омода карданд.

Рафти дарс:

-сафарбар намудани фаъолияти тарбиявӣ;
-бачаҳо, дар як давра ҷамъ шавед;
-ман дӯсти ту ҳастам ва ту дӯсти ман ҳастӣ;
-дастҳои худро сахт нигоҳ доред;
-ба якдигар табассум кунед!
-ман ба чеҳраи шумо нигоҳ мекунам;
-дар ин ҷо бо кӣ дӯстӣ кунам?
-ба ман гӯед, ки дар хона кӣ номи зебо дорад?
- Салом, хонандагони азиз!
-Шумо зеботарин дар ҷаҳон ҳастед!

Инҳо одамони зебо ҳастанд, ки ман ба фаъолият даъват мекунам.

Машқи тарбияи ҷисмонӣ (Дар руи тахта тасвири офтобҳо, ки чеҳраҳое доранд, ки табъи гуногунро ифода мекунанд).

Ба тахта бодиққат нигоҳ кунед ва офтоберо, ки ба шумо маъқул аст, интихоб кунед.

- Чаро шумо ин офтобро интихоб кардед?

- Оё офтоби хандон ба шумо бештар писанд омад, зеро табъи болида доред? Бигзор ин офтоби шодмон дар давоми тамоми дарс бо мо бошад. (Дар болои тахта танҳо офтоби хандонро гузоред).

Имрӯз мо як мавзуи хеле ҷолиб ва муҳимро баррасӣ мекунем ва умедворам, ки шумо фаъолона кор хоҳед кард ва то охири дарс ҳама дар табъи олӣ боқӣ мемонед. Акнун ба ҳамсояи мизи худ нигоҳ карда, ба ҳамдигар барори кор орзу кунед. (Кӯдакон ба ҳамдигар барори кор мехоҳанд)

Дар охири дарс:

Ман модар дорам,
Ман падар дорам,
Ман бобо дорам,
Ман модаркалон дорам,
Ва онҳо маро доранд.

Ин чӣ аст? ОИЛА.

Имруз мо дар бораи оила сӯҳбат мекунем.

(Дар тахтаи синф навиштаҷоти ОИЛА овезон карда шудааст).

Омӯзиши маводи нав.

Шумо калимаи оиларо чӣ гуна мефаҳмед? (Ҷавобҳои хонандагон)

- Оила хона аст, оила дунёест, ки дар он муҳаббат, садоқат ва дӯстӣ ҳукмфармост. Оила азизтарин неъмати ҳар як инсон аст. Оила одамонест, ки на ҳамеша якҷоя зиндагӣ мекунанд, аммо онҳо ғамхорӣ кардани ҳамдигарро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд. Муҳимтар аз ҳама, онҳо хешу табори якдигаранд. Дар гузашта оилаҳо ҳамеша калон буданд. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар як оила оилаҳои калон ва оилаҳои хурд ҳастанд.

Оё шумо оилаи калон доред? Дар бораи оилаатон ба ман нақл кунед.

Дар оилаи шумо кист?

Чанд нафар?

Модар, падар, бибӣ ва ғайра чӣ кор мекунанд?

Оё шумо ба онҳо кӯмак мекунед? (Хонандагон дар бораи оилаи худ нақл мекунанд).

Ман ба шумо дар бораи оилаам нақл мекунам. Дар оилаи ман 3 - нафар ҳастем - ман, шавҳарам ва духтарам. Духтарам донишҷӯи соли сеюми донишгоҳ аст. Ману шавҳарам кор мекунем. Мо дар вақтҳои холӣ ба ҷангал рафтан, дар табиат истироҳат кардан ва якҷоя ба кино рафтанро дӯст медорем.

Ба ман бигӯед, кӯдакон, чӣ гуна оиларо дӯстона меноманд?

(Кӯдакон аломатҳои оилаи дӯстонаро ном мебаранд: ҷанҷол намекунанд, ба ҳамдигар кӯмак мекунанд, вақти холии худро якҷоя мегузаронанд, калонсолонро эҳтиром мекунанд ва ғайра. Дар тахтаи синф навиштаҷоти "ОИЛАИ ДӮСТОН" овехта шудааст.

Аз ёд кардани шеърҳо:

Оилаи дӯстонаи мо:

Хонандагон дар бораи падар, модар, бибӣ, бобо, бародару хоҳар суруд мехонанд.

- Бигуед, чӣ гуна оиларо калон гуфтан мумкин аст?

(Хонандагон аъзоёни оилаи калонро номбар мекунанд ва шумораи имконпазирро ҳисоб мекунанд).

- Бигӯед, шумо оилаҳои серфарзанд доред? Биёед аъзоёни оилаи шуморо ҳисоб кунем.

- Мехоҳам шуморо бо як оилаи калон шинос кунам.

Мисол: (Слайдҳои 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12)

-Оё ин оиларо серфарзанд ва дустона номидан мумкин аст? Чаро?

Дақиқаи тарбияи ҷисмонӣ:

Ин ангушти бобо аст,
Ин ангушти бибӣ аст.
Ин ангушти падар аст,
Ин ангушти модар аст,
Аммо ин ангушт манам,
Якҷоя - як оилаи дӯстона!

(Барои ҳар як сатр хонандагон ангуштони ду дастро мепайванданд ва дастонашонро меҷунбонанд).

Расмкашӣ ва рангкунӣ дар мавзуи «Оилаи ман»:

Ҳоло ман пешниҳод мекунам, ки расми «Оилаи ман»-ро кашем. Дар вақти расмкашӣ суруди «Дустони ҷудонашаванда» садо медиҳад.

Фармонҳои ахлоқӣ

- Оиларо аз замонҳои қадим гиромӣ доранд, мардум зарбулмасалҳои зиёде эҷод кардаанд: «Офтоб гарм аст, модар хуб аст», "Дӯсти ширинтар аз модари худ нест", «Тиллову нуқра пир намешавад, падару модар, қиммат надоранд».

Хондани шеър

- Имрӯз барои ҳамаи бачагон кадом ид аст?

- Имрӯз дар чорабиниҳои синфи мо киҳо иштирок мекунанд?

- Биёед, ба азизонамон шеър мебахшем. (аз тарафи хонандагон сурудҳо хонда мешаванд).

- Ду моҳ мешавад, ки Шумо ба мактаб меоед. Акнун Шумо на танҳо духтарону писарон, балки хонандагони синфи якум ҳастед. Мо ба оилаи калони мактаби дӯстона ҳамроҳ шудем. Биёед бо ҳам дуст бошем, якҷоя зиндагӣ кунем, зеро мо ОИЛА ҳастем. Дар оила дигар хел кор кардан мумкин нест!!!

Хулосаи дарс:

- Барои ҳар яки шумо оила чист? (Ин модар, падар, бибӣ, бобо ва ғ.)

- Бозӣ: «Бо меҳрубонӣ бо номаш занг занед (модар, падар, хоҳар, бибӣ, бобо, бародар).

- Бозӣ: "Шумо ба оилаатон чӣ орзу кардан мехоҳед?" (Талаби хонандагон ба оилаашон)

Дар охири соати дарсӣ ман мехоҳам ба шумо шеъри “Модари ҷон - модарам” -ро бихонам.

Ин ҳамчун дарси беруназсинфӣ ба хонандагон омӯзонида мешавад ва онҳо ба монанди ҳамин дарс дигар дарсҳои тарбиявӣ ташкил карда, волидонро ба дарс-консерт даъват менамоянд. Дар баробари нигоҳ доштани вазифаҳои таълими мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ кори мусиқӣ бештар самти тарбиявӣ мегирад.

## Хулосаи фасли дуюм

Ҳамин тариқ, вазифаи омӯзгори мусиқӣ на танҳо вазифаи маҳорату малака аз худ намудан, балки аз худ кардани воситаҳои интихоби касб, нозукиҳои мусиқӣ, инчунин ҳамкории муҳити оилавӣ ба таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ барои аз худ кардани дониши хонандагон сайқал дода мешавад.

Ин барои фаҳмидани диалектикаи бартарӣ дар осебпазирии моделҳо мавриди назар кумак хоҳад кард ва бо ҳамин восита стереотипҳои муносибатҳои манфиро ба рафтори аҳли хонавода, ки ба аз тарафи муаллими мусиқӣ ба фарзандонашон таълим дода мешавад, бартараф хоҳад кард. Илова бар ин бархӯрд маълум шуд, ки моделҳои таълим ва тарбияи муҳити хонаводаи хонандагон чандир ва бисёрфунксионалӣ буда, афзалияти таълими мусиқӣ зиёд мешавад.

Дар ҷараёни таҳқиқот қобилияти омӯзгорӣ на танҳо шартҳои фаъолияти пурсамари муаллим, балки хусусиятҳои инъикоси таркибии онро низ дар бар гирифта, дарки мусиқӣ яке аз шаклҳои самараноки фаъолияти мусиқӣ-эстетикӣ, ки ба инкишофи хонанда ба ҳисоб меравад. Муаллими мусиқӣ нисбат ба техникаи суруди резонансӣ (инъикосшуда), омӯзиши нозукиҳои мусиқӣ ба хонандагон сарукор дошта, дар ҷараёни ташкил кардани ҳамкории муҳити оилавӣ ба мактабу муаллими мусиқӣ дар инкишоф додани тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ, ташаккул додани ҳисси ақлӣ, ахлоқӣ, бедор кардани муҳаббати омӯзгорон ба ихтисоси худ, маҳорати баланди касбӣ ва корҳои эҷодӣ саҳми назаррас дорад.

Маводи рисола барои аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани заминаҳои назариявӣ, инкишофи қобилияти хонандагони дар ҳамкории мактабу оила ва таҳсилоти иловагӣ дар хонандагон ва аз ҷиҳати амалӣ имконияти рушд додани қобилияти мусиқӣ пешбинӣ шудааст.

Дар шароити ҳозира дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ дарсҳои суруд ва мусиқӣ яке аз базаҳои асосии васеъ паҳн намудани фарҳанги мусиқӣ буда, вазифаи он мусиқиро на танҳо хоси хонандагон боистеъдод ташаккул диҳанд, балки онро касби худ интихоб кунанд, дар ҷараёни таҳсил барои дар

хонандагон ташаккул додани дарки баланди эстетикии асарҳои мусиқии миллӣ дар арзишҳои умумиҷаҳонии фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Ҳамкории муаллими мусиқӣ бо волидайн ва муассисаҳои иловагӣ дар рафти таълим бояд ба хонанда мустақилона омӯхтан ва моҳирона иҷро кардани асарҳоро аз репертуари дар барномаи таълимӣ ва китоби дарсӣ овардашуда, инчунин, маҳорати ӯро дар хониши бо чашми худ дидан, шунидан бо гӯш, навохтан дар ансамбл ҳамроҳ ташаккул диҳад.

# ФАСЛИ 3. ҲАМКОРИИ МАКТАБ ВА ОИЛА ҲАМЧУН АСОСИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ МУСИҚӢ-ЭСТЕТИКИИ ХОНАНДАГОН

## 3.1.Шаклҳо ва методҳои муассири ҳамкории мактаб ва оила

Дар назария ва амалияи муосири педагогӣ (аз ҷумла: таълими санъат ва мусиқӣ - умумӣ ва иловагӣ) самтҳои мухталифи мундариҷа ва шаклҳои ҳамкории муассисаи таълимӣ бо оилаҳои хонандагон таҳия ва бомуваффақият татбиқ карда мешаванд, ки ҳар кадом вазифа ва хусусияти худро дошта, на танҳо таълим дар соҳаи фарҳангро, балки ба фаъолияти муштараки мусиқӣ-эстетикӣ бо хонандагон ҷалб намудани фаъолият дар назар дорад.

Мақсади ин зерфасл - муайян кардани шаклҳо ва методҳои самараноки ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ, ки ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак ва потенсиали эҷодиаш мусоидат мекунанд. Барои расидан ба мақсад бояд вазифаҳои зерин ҳал шаванд:

1. Таҳлили равишҳои назариявӣ дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ дар оила ва мактаб;
2. Муайян кардани шаклҳои асосии ҳамкории омӯзгорон ва волидон;
3. Баррасии усулҳои ҳамкорӣ, ки самаранокии равандҳои таълимиро баланд мебардоранд;
4. Ҳуҷҷатгузории аҳамияти амалӣ ва интегратсияи кӯшишҳои мактаб ва оила дар тарбияи кӯдакон

Дар ин зерфасл якчанд шаклҳо ва воситаҳои маъмултарини алоқамандии оила ва раванди таълим, аз ҷумла: машваратҳо ва маҷлисҳои волидон, чорабиниҳои муштарак, фаъолияти лоиҳавӣ, истифодаи технологияҳои муосир, шунавоии мусиқӣ, шинос шудан ба асбобҳои мусиқӣ, сурудхонӣ бо ҳамовозии асбобҳои мусиқӣ, бозӣ, рақс, дарсҳои иловагӣ ва ғ. оварда мешаванд, ки ба инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ - эҷодии хонандагон мусоидат намуда, таъсири мусбат мерасонанд. Маъмултарин ва самараноктарин шаклҳоро баррасӣ мекунем.

1. Машваратҳо ва маҷлисҳои волидон.

Мулоқотҳои мунтазами волидон бо омӯзгорони мусиқӣ имконият медиҳанд, ки волидон бо хусусиятҳои тарбияи мусиқӣ, усулҳои рушд додани шунавоӣ ва ритм ва ташкил кардани фаъолияти мусиқӣ дар хона ошно шаванд. Машваратҳо метавонанд инфиродӣ ё гурӯҳӣ бошанд ва тавсияҳои амалӣ, нишон додани машқҳои мусиқӣ ва муҳокимаи мушкилоти кӯдакро дар бар гиранд. Ҳамчунин ба волидон фаҳмонидани нақши тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ дар рушди умумии кӯдак аҳамият дода мешавад.

2. Чорабиниҳои муштарак

Шаклҳои анъанавии ҳамкорӣ - консертҳо, чорабиниҳои мусиқии пагоҳирӯзӣ, намоишҳои театрӣ, фестивалҳои эҷодиёти кӯдакон - имконият медиҳанд, ки кӯдакон қобилиятҳои худро нишон диҳанд ва дастовардҳоро ба волидон намоиш диҳанд. Омодасозии муштараки чунин чорабиниҳо робитаи эмотсионалӣ байни кӯдак, волидон ва омӯзгоронро тақвият медиҳад ва малакаҳои ҳамкории коллективӣ ва масъулиятшиносӣ барои натиҷаи умумиро ташаккул медиҳад.

3. Фаъолияти лоиҳавӣ

Шакли лоиҳавӣ - иҷрои муштараки вазифаи эҷодӣ мебошад, масалан, эҷоди албоми мусиқии оилавӣ, омодасозии саҳначаи мусиқӣ, сабти аудио ё видеоклип. Фаъолияти лоиҳавӣ ба кӯдак имконият медиҳад, ки идеяҳои эҷодиашро бо волидон ва омӯзгор амалӣ кунад, малакаҳои банақшагирӣ, ташкили вақт ва ҳамкории гурӯҳиро рушд диҳад.

4. Истифодаи технологияҳои муосир

Дар муҳити таълимии рақамӣ воситаҳои электронӣ, машваратҳои онлайн, платформаҳо барои мубодилаи асарҳои мусиқӣ, видео - дарсҳо ва фестивалҳои онлайн дар замони муосир самараноканд. Ин воситаҳо имкониятҳои ҳамкориро васеъ мекунанд, дастрасӣ ба захираҳои таълимиро таъмин мекунанд ва волидонро, ки аз сабаби объективӣ, мунтазам дар чорабиниҳои мактабӣ ҳузур дошта наметавонанд, ҷалб мекунанд.

Шаклҳои дигар бо воситаю маводҳои бадеии хоси худ: калима, садо, ҳаракат, ранг ба хонанда таъсири махсус мерасонад. Масалан, дарсҳои рақс на танҳо ба хонанда фаҳмидан ва эҷод кардани зебоиро меомӯзонанд, онҳо тафаккур ва хаёлотро инкишоф медиҳанд ва рушди ҳамоҳангии пластикиро таъмин мекунанд.

Фаъолияти хонандагон бо фарҳанги мусиқӣ ва дарки зебоипарастӣ бояд ҳамеша осуда, пур аз саъю кушиши хурсандиовар, тасаввуроти эҷодӣ ва ташаббус бошад. Хонанда ҳар қадар аз ҷиҳати забоипарастӣ инкишоф ёфта бошад, маҳорат ва қобилияти бадеии ӯ мустаҳкамтар бошад, фаъолияти эҷодии ӯ ҳамон қадар мукаммалтар мешавад.

Усулҳои ҳамкорӣ:

Самаранокии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ тавассути усулҳои гуногуни педагогӣ амалӣ мешавад:

1. Усули ҳамроҳӣ инфиродӣ - омӯзгор хусусиятҳои инфиродии кӯдак ва имкониятҳои оиларо ба назар гирифта, тавсияҳои мутобиқ ба кӯдакро таҳия мекунад;

2. Усули мушоҳида ва таҳлил - волидон ва омӯзгор пешравии кӯдакро арзёбӣ намуда, мушкилотро муайян мекунанд ва стратегияи ҳалли онҳоро таҳия менамоянд;

3. Усули бозӣ - истифодаи бозиҳои мусиқӣ, машқҳои ритмӣ ва импровизатсияҳо дар хона ва синф қобилиятҳои эҷодӣ, шунавоӣ ва ҳассосияти эмотсионалиро рушд медиҳад;

4. Усули лоиҳавӣ - ҷалби кӯдакон ва волидон ба лоиҳаҳои муштараки эҷодӣ бо ҳадафи муайян малакаҳои банақшагирӣ, ҳамкорӣ ва мустақилона кор карданро ташаккул медиҳад.

Ин усулҳо шароит фароҳам меоранд, ки волидон дар раванди таълим фаъолона иштирок кунанд ва онҳо аз назоратгарон ба иштирокчиёни фаъоли тарбия ва омӯзиш табдил меёбанд.

Аз хурдӣ фарзанд дар оила бо бозичаҳо садоҳои гуногунро мешунавад, инчунин ба онҳо амал карда, аломату нишонаҳои аввалини иҷрокунандагӣ,

эҷодкории худро зоҳир менамояд ва дар натиҷаи таъмин намудани шароитҳои мусоиди психологӣ, педагогӣ ва фарҳангӣ, инчунин таъсиррасонии мақсадноки хонавода бо истифодаи роҳу воситаҳои мусоидаткунанда маҳорат, қобилияту истеъдоди эҷодии худро инкишоф медиҳад.

Гарчанде, ки хонавода то ба мактаб омадан фарзандашонро бо созҳои мусиқии миллии тоҷикӣ (барои кудакон) шинос мекунанд, лекин боиси таассуф аст, ки чунин асбобҳои мусиқӣ дар кишварамон хеле кам дастрас карда мешаванд. Волидон, омӯзгорони мусиқии муассисаҳои таҳсилотии кишвар имконияти маҳдуди дастрас кардани асбобҳои мусиқии миллиро доранд. Мушоҳидаҳо ва таҳлили таҷрибаи тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ дар оила ва муассисаҳои таҳсилотӣ ва муассисаҳои иловагӣ нишон медиҳанд, ки аз бозичаҳои миллии зарбӣ - дойра, таблак, қошуқҳои миллии чубин, аз асбобҳои миллии торӣ - дутор, рубоб, аз асбобҳои миллии нафасӣ най, ҳуштакҳо (баъзан онҳо аз тарафи ҳунармандони маҳаллӣ аз лой, чуб сохта шудаанд ва на ҳама вақт ҷавобгӯй ба талаботҳои беҳдоштии равонию ҷисмонӣ ва мусиқӣ-эстетикӣ тайёр карда шудаанд), имконияти дастрасии онҳо маҳдуд мебошанд.

Аҳамияти амалӣ дар ҳамкории фаъолияти оилаҳо.

Омӯзонидани фарзандон дар оила ба воситаи бозӣ, рақс, бо асбобҳои мусиқӣ, бо шинос намудан ба асбобҳои мусиқӣ оғоз мегардад. Мушоҳидаи таҷрибаи таълим ва тарбияи мусиқии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилотӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми шинос намудани хонандагон ба асбобҳои мусиқӣ зиёдтар асбобҳои мусиқии аврупоӣ арзи вуҷуд доранд (фортепиано, аккордеон ва ғайраҳо), ва бо истифода аз онҳо чорабиниҳои фарҳангӣ - сиёсӣ, машғулиятҳои махсуси мусиқӣ ташкилу баргузор карда мешаванд, то минбаъд мусиқифаҳмӣ, мусиқишиносӣ (оҳангу жанрҳои гуногун) ва майлу рағбат барои машғул шудан ба мусиқӣ таъмин карда шаванд. Шинос кардани хонандагон ба суруду таронаҳои халқӣ, асарҳои оҳангсозони ватанию хориҷӣ низ ин равандро самарабахшу арзишманд мегардонанд.

Шаклҳои ташкили фаъолияти амалии мусиқӣ, ки маҳз ба инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии хонандагон мусоидат менамояд, тарбияи сифатҳои ахлоқӣ, ҳисси идроки зебоӣ, майлу рағбати эҷодкорӣ дар машғулиятҳои мусиқӣ таъмин гардида, дар онҳо замина барои иштирок дар фаъолиятҳои дигари мустақилона гузошта мешавад.

Таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ, ки барномаҳои ҳамкории фаъоли оилаҳоро амалӣ мекунанд, нишон медиҳад, ки ҷалби системавии волидон:

- таваҷҷуҳи кӯдаконро ба фаъолияти мусиқӣ баланд мебардорад;
- рушди шунавоӣ, ҳисси ритм ва маҳорати иҷроияро мусоидат мекунад;
- робитаҳои эмотсионалӣ ва иҷтимоиро байни кӯдак, волидон ва омӯзгорон тақвият медиҳад;
- малакаҳои муоширати дастгиркунанда ва эҷодиро дар волидон ташаккул медиҳад;
- эҷодиёти мустақилонаи мусиқии кӯдак ва таҷрибаи мусиқии оилавиро ба роҳ мемонад.

Аз ин рӯ, муттаҳидсозии кӯшишҳои мактаб ва оила имкон медиҳад, ки фазои ягонаи таълимӣ эҷод шавад, ки дар он кӯдак рушд ва инкишофи ҳамаҷониба мегирад.

С.Ф. Сизикова дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ (ТМЭ) ҳамчун система якчанд шаклҳои гуногунро пешкаш менамояд, ки ҳар як унсури (шакли ташкил) онҳо хусусият ва вазифаҳои худро дорад. Таҳқиқотҳо дар ин самт нишон медиҳанд, ки унсури пешбарандаи ин система, яъне тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ - (ТМЭ) дарс аст, вале якпорчагии системаро мавҷуд будани кори беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, чорабиниҳои оммавӣ ва маркази ташкилию методӣ таъмин менамояд.

Дарс як ҳуҷайраи раванди ташкили таълиму тарбия буда, гузоштани ҳадафи эстетикӣ, ташаккули диққати мақсаднок, инкишофи эҷодиёти мусиқӣ, муттаҳидсозии маҳорати иҷроӣ ва вазифаи ахлоқию баҳодиҳиро дар бар мегирад. Таҳқиқот нишон дод, ки самаранокии дарс ба мавҷудияти намудҳои гуногуни фаъолияти мусиқӣ: гӯш кардан (дарки мусиқӣ, сурудхонии хор,

адвори мусиқӣ (нотаҳои мусиқӣ), ҳаракатҳои мусиқӣ ва ритмикӣ (ритмика) ва эҷодиёти мусиқии импровизатсионии хонандагон вобаста аст. Ҳама намудҳои фаъолият бо ҳам алоқаманданд, якпорчагии дарсро дар таҷриба нишон медиҳанд.

Муҳақиқ аз ҷумла қайд мекунад, ки яъне дарс - шакли ташкилии кори тарбиявӣ дар мактаб мебошад, ки дар он муаллим бо гуруҳи доимии хонандагон аз руи ҷадвали муқарраршуда дар муҳлати аниқи муайяншуда кор мекунад, фаъолияти маърифатии гуруҳиро мегузаронад, барномаи таълимиро амалӣ менамояд ва барои ноил шудан ба мақсадҳои дидактикӣ ва тарбиявии муайянкардаи худ аз усулҳои гуногун истифода мебарад.

Раванди таълимро метавон фаъолияти ба мақсад нигаронидашуда, пайваста тағйирёбанда ва бо ҳам алоқаманди омӯзгор барасӣ кард. Ин фаъолият ҳадафҳои ба даст овардани иттилоот, инкишоф ва тарбияи хонандагонро ҳал мекунад.

Паҳлуи дигари моҳияти дарсандӯзиро муҳаққиқ дар муносибати байни талаба ва муаллим дар дарси мусиқӣ мешуморад, ки он ба муоширати шахсӣ асос бояд ёбад. Муаллим ба фаъолияти мусиқии ҳамаи хонандагони синфҳои мусиқӣ беистисно роҳбарӣ ва назорат мекунад. Инчунин ба ҳамкорӣ ва назорати ҳамсолон дар байни хонандагон мусоидат мекунад. Фаъолияти муаллим дар дарс барои ҳамаи хонандагон замина ба вуҷуд меорад, ки асосҳои донишҳои дар худи дарс фаро гирифта шударо азхуд намуда, малака ва малакаҳои зарурировро ташаккул диҳад.

Ҳар як дарси мусиқӣ бояд хонандагонро бо донишҳои нав бой гардонад, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ кунад, маҳорат ва қоибилияти мусиқиро инкишоф диҳад ва ё он чиро, ки пештар омухта буд, такмил диҳад. Хонандагон аз дарс ба дарс пеш мераванд, гуё ба нардбони дониш мебароянд.

Интизор меравад, ки дарсҳои мусиқӣ хонандагонро дар тамоми ҷанбаҳои мусиқӣ инкишоф дода, ба фарҳанги мусиқӣ замина мегузорад.

Дарсҳои мусиқӣ ҳисси дарк кардани завқи эҷодиёти мусиқиро таъмин мекунанд. Ҳисси зебоипарастиро инкишоф медиҳанд, аз мазмуни маънавӣ ва эстетикии бастакор ё мусиқии халқӣ баҳра бурда тавонанд. Дар дарс ҳамаи намудҳои фаъолияти эҷодӣ, ки бо ҳам зич алоқаманданд, самаранок мебошанд.

Дар баробари ин, дарс бо мазмуну мундариҷа, усул ва ташкили худ бояд аҳмияти калони тарбиявӣ дошта ба талабагон таъсир расонад, ҷаҳонбинии илмӣ, эътиқоди идеиявӣ ва сифатҳои маънавии онҳоро ташаккул диҳад.

Тарбия ва инкишофи хонандагон дар дарс бояд дар якҷоягӣ ва дар ҳамкорӣ сурат гирад. Ин яке аз муҳимтарин принсипҳои педагогикаи мусиқӣ мебошад.

Мактаб барои ба фаъолияти касбии мусиқӣ тайёр кардани хонандагон мақсад надорад. Аммо қобилияти дарк кардани мусиқӣ ба ҳар як хонанда дода мешавад, новобаста аз он, ки онҳо мусиқачии касбӣ мешаванд ё соҳиби дониш, маҳорат ва салоҳияти ибтидоии фаъолияти мусиқиву эстетикӣ дар шаклҳои хеле гуногуни фарҳанги мусиқӣ мебошанд. Сарфи назар аз он, ки онҳо шунавандагони хуб тайёр мешаванд, ин бояд характернок бошад.

Таҷрибаҳои дар таҳқиқоти мо нишон медиҳанд, ки дар синфҳои 1 - 5 маданияти шунидан (шунавоии мусиқӣ) паст буда, дар баробари ин дарки мусиқӣ, уфуқҳои мусиқию эстетикӣ маҳдуд аст. Бинобар ин мо дар амалияи кории мактабҳои ҷумҳурӣ машғулиятхои хорсароӣ (сурудхонии дастаҷамъона) - ро ба хонандагон, барои бештар дарк кардани ва шунавоии мусиқӣ ёрӣ мерасонад ташкил намудем.

Яке аз аввалин чорабинихои оммавии мусиқӣ намоишҳои агитатсионӣ дар мактабҳо бо иштироки навозандагони касбӣ буд.

Дигаргуниҳои сифатӣ дар фаъолияти бадеии ҳаваскорони бадеӣ, ки дар баланд шудани дараҷаи иҷрокунандаи навозандагони ҷавон, афзудани шумораи иштироккунандагони машғулиятҳои ҳаваскорони бадеӣ ва ғайра ифода ёфтаанд, боиси пайдо шудани шаклҳои нави кори оммавии мусиқӣ

гардиданд. Солҳои 70-ум - ибтидои солҳои 80-ум «Ҳафтаи мусиқии бачагона» ва конкурс-фестивали «Ғунчаҳои санъат» пайдо шуданд, ки азназаргузаронии анъанавии комёбиҳои эҷодии мактаббачагон дар ҷумҳурӣ гардиданд. Онҳо барои барқарор намудани алоқаҳои зичтар, алоқаҳои эҷодӣ, алоқаи зиндаи байни навозандагони касбӣ ва навозандагону шунавандагон хизмат мекарданд. Дар ҷумҳурӣ ба шумораи муассисаҳои беруназмактабӣ, ки тарбияи мусиқӣ-эстетикии бачаҳоро ба ҷо меоранд, қасрҳо ва хонаи пионерон, мактабҳои мусиқии бачагона, мактабҳои санъат, шаклҳои гуногуни студияи таълиму тарбияи бачагонро дар бар мегиранд. Дар кори хонаи пионерон, кружокҳои мусиқӣ ҷои асосиро ишғол мекунанд. Фаъолияти эҷодӣ ва устувории кори онҳо ба туфайли алоқаҳои доимии коллективи педагогӣ бо мактабҳо ба амал омадааст. Бисёр маҳфилҳо дар базаи мактабҳо кор карда, роҳбарони онҳо дар ташкил ва гузарондани кори беруназсинфӣ бо хонандагон ёрии калон мерасонанд. Дар ҷумҳурӣ дар кори «Хонаи пионерон» таҷрибаи мусбат гун карда шудааст, бисёр мисолҳои шавқовари эҷодиёти коллективҳои гуногуни бадеии пионерӣ оварда шудаанд. Зиёда аз ҳаштод мактаби мусиқии бачагона, мактабҳои рассомӣ дар ҳалли масъалаи тарбияи мусиқию эстетикии мактаббачагон саҳм гузоштаанд, ки дар девори онҳо хонандагони аз ҷиҳати мусиқӣ саводи дорои маҳорати касбии иҷрокунанда тарбия меёбанд. Хонандагон барои мустаҳкам намудани дониши мусиқӣ, донишу маҳорати махсус гирифта, дар байни доираи васеъи мактаббачагон тарғиботчии мусиқӣ, ташкилотчиёни ансамблҳо, мегарданд, барои дар мактаб гузарондани чорабиниҳои гуногуни мусиқӣ ёрӣ мерасонанд, бинобар ин аҳли ҷамъияти мусиқӣ-педагогии ҷумҳурӣ барои васеъ намудани доираи иштирокчиёни ансамбл кушиш мекунад. Самти перспективии баланд бардоштани сифати тарбияи мусиқӣ-эстетикии мактаббачагон, чунон ки таҳқиқоти мо нишон дод, шаклҳои кор: хорсарой, хореографӣ, студияи рақсӣ - балет ва ғайра мебошанд.

Махсусан, мактабҳои бачагонаи мусиқие, ки дар шаҳру навоҳии чумҳурӣ фаъолият мекунанд, яке аз воситаҳои самараноки ташаккули

фарҳанги зебоипарастӣ маҳсуб меёбанд. Аз ҷумла, коллеҷҳои шаҳру ноҳияҳо, дар тарбия ва омодасозии кадрҳои соҳаи фарҳанг ва санъат, омӯзгорони дарси мусиқӣ саҳми босазо доранд.

Умуман, бояд гуфт, ки шаклҳои беруназсинфии тарбияи мусиқӣ-эстетикии мактаббачагони Тоҷикистон дар ҳалли ин масъала саҳми калон мегузоранд, онҳо барои беҳтар намудани кори мусиқӣ-тарбиявӣ захираҳои калон доранд.

Гарчанде, ки дар се фаслҳои диссертатсияи С.Куракин «Тарбияи мусиқӣ-эстетикии мактаббачагон дар протсесси дарс дар синфи гитара: мусиқии контекстӣ» асосан, дар бораи мафҳумҳои гуногуни истилоҳи тарбияи эстетикӣ ва нақши он дар таълими мактаббачагон сухан меравад, аммо маҳз дар бораи тарбияи мусиқӣ-эстетикии мактаббачагон оид ба алоқамандии оила ва мактаб чизе гуфта нашудааст. Танҳо ӯ ба нақши калони тарбияи хонагӣ, таълими иловагӣ, аз ҷумла дар мактабҳои мусиқии бачагона дахл карда, нисбати пайдо кардани чунин муҳите, ки ба кӯдакону наврасон имкониятҳои хуби муоширати пурмазмун ба соҳаи санъат, аз ҷумла санъати мусиқӣ дода метавонад, таҳқиқоти махсус бурдааст.

Аз ҷумла, муҳаққиқ мафҳуми усули «мусиқии контекстӣ»-ро баррасӣ намуда, чунин муайян мекунад, ки «мусиқии контекстӣ» - ин як фаъолияти фаъоли мусиқӣ (сурудхонӣ ё навохтани асбоб) мебошад, ки аз ҷониби омӯзгор идора карда мешавад ва навозанда (хонанда) барои ғанӣ гардонидани дониши назариявии худ ва такмил додани фарҳанги мусиқӣ ва амалияи иҷрокунандагии худ имкониятҳои бештар пайдо мекунад.

Омӯзиши контекстӣ ба таври зайл муайян карда мешавад – «ин шакли таълими фаъол мебошад, ки барои омода намудани хонандагон дар тамоми зинаҳои таҳсилоти муттасил (дар мактаби мусиқии бачагона, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ) пешбинӣ шудааст. Усул аз пур кардани тадриҷан бо мазмуни касбӣ, яъне пайваста ҷорӣ намудани унсурҳои фаъолияти касбии бевосита ба таълим иборат аст» [62, с. 48].

Ҳамин тариқ, эҷоди мусиқии контекстӣ як усули тарбияи мусиқию эстетикӣ мебошад, ки ба як қатор принсипҳо, шартҳо ва қоидаҳо, инчунин як қатор усулҳои мушаххаси умумии педагогӣ, мусиқӣ ва инноватсионии таълим асос ёфтааст, ки дар як системаи ягона мавҷуданд, ки онҳоро ба хусусияти дарси инфиродии мусиқӣ мутобиқ мекунанд ва элементи марказии ин контекст дар амалияи иҷрокунандагӣ - *интерпретатсия* ба шумор меравад.

Машғулияҳои мусиқӣ заминаи рушди фаъолияти мустақилонаи мусиқии хонандагон ва воситаи муҳими инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ мебошад. Ҳар як хонанда метавонад дониш, маҳорат ва малакаҳои дар ҷараёни машғулиятҳои мусиқӣ азхудкардаро мустақилона ва бо таври эҷодӣ истифода барад. Агар хонанда дар машғулиятҳои мусиқӣ таҳти оҳанги мусиқӣ суруд хонда, рақс кунад, дар фаъолияти мустақилона, бе иштироки асбобҳои мусиқӣ ҳам ба таври якка, гурӯҳӣ суруд мехонад, қадампартоӣ мекунанд. Махсусан, ҳангоми иштирок намудан дар иду чорабиниҳои фарҳангӣ - фароғатӣ ба фаъолияти мустақилонаи мусиқӣ машғул шуда, минбаъд онҳоро дар фаъолияти худ инъикос менамоянд.

Инчунин, фаъолияти мустақилонаи мусиқӣ-эҷодии хонандагон дар шаклҳои фардӣ, ба монанди: ба бозиҳо ворид сохтани мусиқӣ, бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бо истифодаи бозичаҳои садодиҳанда ва мусиқӣ, ки ҳар яке аз онҳо бо ташабуси хонандагон ва мададу дастгирии омӯзгори мусиқӣ, волидайн ташкилу роҳбарӣ карда мешаванд, ворид шуда метавонанд. Ҳар яки онҳо характери эҷодӣ дошта, шавқу рағбат, шароиту имкониятҳо ҳангоми иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Натиҷаи хулосаи баёнгардидаи фавқро ба таври зайл гурӯҳбандӣ намудем:

-шахсони даъватшуда, худи падару модарон;

-муошират намудани хонандагон бо муҳити оилавӣ дар асоси манфиатҳои онҳо;

-ҳамкории аҳли хонавода бо омузгорони мусиқӣ, ки ин чорабинии дарс-консерт онҳоро бо ҳам мепайвандад;
-сафарбар намудани хонандагон дар якчоягӣ бо аҳли хонавода ба чорабиниҳои мактабӣ, кино, театр ва консертҳо;
-муҳокима намудани аҳли хонавода ба муассисаи таълимӣ ва таҳсилоти иловагӣ (дар заминаи мазмуни раванди таълим дар мусиқӣ) фанҳо, инчунин дар ҷараёни алоқаи бевоситаи байни хонандагон ва муаллим;
-ҷалби падару модарон ба фаъолияти муштараки мусиқӣ ва эҷодии хонандагон дар заминаи муассисаҳои таълимӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ;
-ташкил намудани фаъолияти маҳфилҳои махсус барои хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ;

Иштироки волидон дар чорабиниҳои мусиқӣ ва мусиқӣ-эстетикӣ якҷоя бо хонандагон:
- якҷоя навохтани асбобҳои мусиқӣ, рафтан ба тамошои театр, ташкил намудани дарсҳои мусиқии оилавӣ, иштирок дар консертҳо.
- беҳтар кардани муҳити мусиқии оила:
-омода кардани нақшаи таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ, бо назардошти хоҳиши падару модарон ҳангоми муайян кардани доираи хизматрасониҳои мусиқию таълимӣ дар муассиса;

Аз падару модарон талаб карда мешавад, ки дар машғулиятҳои мусиқӣ иштирок кунанд, рақс карданро дар оила омӯзанд, ки ин ба муаллим имконият медиҳад, ки бо гуруҳи муайяни хонандагон мунтазам, пай дар пай ва муддати дароз кор кунад ва мувофиқи он вазифаҳои умумии педагогиро ба миён гузорад ва ҳал намоянд. Ин боиси ҷустуҷӯи фаъолонаи шаклҳои нави хамкории муаллиму оила гардид.

Самтҳо, шаклҳо ва усулҳои ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ ва оилавии хонандагон барои ҳалли масъалаҳои таъминоти педагогии тарбияи мусиқӣ аҳамияти махсус доранд. Барои мустаҳкамнамоии ҳамкории мактаб ва хонавода мо чунин шаклҳоро пешниҳод менамоем:
- муоширати фардӣ дар заминаи раванди таълим;

- машварати шахсӣ;
- муҷаҳҳаз гардонидани муҳити оила бо сабтҳои аудиоӣ, китобҳои мутолиаи оилавӣ, дастурҳо оид ба ташкили муҳити мусиқии оилавӣ, вазифаи хонагии тарбиявии хонанда ва чорабиниҳои мусиқию эҷодии оила;
-консертҳое, ки дар он ҳар як хонанда новобаста аз сатҳи иҷрои мусиқӣ ба волидайн дастовардҳои эҷодии худро дар ҳолати муваффақият нишон медиҳад.

Илова бар ин, иштироки падару модарон дар дарси мусиқӣ муносибати байни хонандагон ва волидонро мустаҳкам мекунад, ба ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми ҳамдигар мусоидат мекунад.

Дар рафти машваратҳои байни ҳамкории аҳли хонавода ба мактаб ҷиҳатҳои пешравии хонандагон дар азхудкунии таълими мусиқӣ бештар диққат дода шуд. Барои мустаҳкам шудани аҳли хонавода бо мактаб муносибату муоширати онҳо пешакӣ муайян карда мешавад. Зеро тавсияҳои омӯзгорон барои пешравӣ ва мувофиқиятҳои хонандагон нигаронида шуда буданд. Маслиҳат ва машварат ба хонандагон имконият медиҳад, ки иштирок ба дарс - консерт боз ҳам хубтар гузаронида шавад, то ки қобилияти эҷодии хонандагон ҳаматарафа арзёбӣ гардад ва ҳамкорӣ боз ҳам мустаҳкам гардида, дониши хонандагон пойдор гардад.

Муҷаҳҳаз сохтани муҳити оила бо сабтҳои аудиоӣ, китобҳои хониши оилавӣ, дастур оид ба ташкили муҳити мусиқии оилавӣ, корҳои хонагии тарбиявии хонанда ва фаъолияти мусиқию зебоипарастӣ метавонад дар доираи маҷмуаи таълимию методии барнома дар фанни мусиқӣ бо ташаббуси муаллим гузаронида шавад.

Дар мактабҳои таҳсилотӣ, бо даъвати падару модарон ва дигар аъзоёни оила муаллими мусиқӣ бо хонандагон аз руи анъана дар доираи чорабинии фарҳангӣ консертҳо ташкил мекунанд. Хусусияти фарқкунандаи ин гуна консертҳо ҳамкории хонавода бо муаллими мусиқӣ ва хонандагони синну соли гуногунро дарбар мегирад. Дар ин консерт комёбиҳои хонандагон равшан нишон дода мешавад.

Дар таҷрибаи бевоситаи кории мо, дар мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №56-и ноҳияи Синои ш. Душанбе, чунин шакли консерт барои падару модарон - «Оилаи ман» баргузор гардид (ин номро худи хонандагон пешниҳод кардаанд).

Чунин консертҳоро мо дар чанд синфҳо, аз 1 то 6 танҳо барои муҳити хонавода, волидон ва муаллимон баргузор кардем. Хонандагон ба дарс-консерт омодагии хуб диданд ва бо хоҳишу рағбаташон ҳунарнамоӣ намуданд. Дар баробари рақсҳои зебою диққатҷалбкунанда ба инкишофи овозхонӣ ширкат варзиданд. Онҳо кушиш намуданд, ки ансамблҳои хурде ташкил намоянд, инчунин тез бо якдигар мутобиқ шуданд, ки дар ин консерт онҳо ҳамчун дӯст, бародар, апаю хоҳар, аз хурдсолону калонсол ва ғайра иборат буданд. Барои тафсилоти бештар дар бораи дарс-консерт, ба қисмати дарси намунавӣ нигаред. Дар ин дарс аз баъзе оилаҳо 2 - 3 нафар фарзандонашон иштирок варзиданд. Консерт дар толори фарҳангии мактаб баргузор гардид. Бештар дар барномаҳо сурудҳо ба васфи оила ва мактабу муаллим бахшида шуда буданд. Толори фарҳангии мактаб аз ҷиҳати мусиқӣ-эстетикӣ ороста гардонида шуда буд. Газетаҳои деворӣ, лавҳаҳо бо дасти худи хонандагон, ки дар бораи аҳли оила ва муаллимон бахшида шуда буд, муҷҷаҳаз карда шуда буданд.

Дар фаъолияти таълиму тарбиявии дарс-консерт дар МТМУ иҷрои сурудҳо аз китоби дарсии синфи 1-ум: Ҷ. Обидпур “Занги аввал”, шеъри Х. Ҷумъазода; “Мактаби мо”, шеъри М. Миршакар, мусиқии Ҷ. Рустамова; “Модарам”, мусиқии Ҷурахон Обидпур, шеъри Собир Султон; суруди “Модари ҷон-модарам”, мусиқии Ворис Абдураҳмонов, шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ; ва суруди “Дастёр”, мусиқии Ҷамила Рустамова, шеъри Нӯъмон Розиқ; дар китоби синфи 2 - юм: муаллиф С. Сатторов, Ҷ. Охунов, М, М.Яҳёев, А.Алиев суруди “Баҳои аввалин”, шеъри Алӣ Furthermore Бобоҷон, оҳанги Шарофиддин Сайфиддинов; суруди “Мактаби мо”, шеъри Нуъмон Розиқ, оҳанги А.Меликов; суруди “Мактабам”, шеъри Гулчеҳра Сулаймонова, оҳанги Сафаралӣ Сатторов; “Модари ҷон, модарам”, шеъри Б.Раҳимзода ва

М.Фарҳат, оҳанги Миратулло Атоев; китоби синфи 3-юм: муаллиф Сафари Гулназар “Мактаби мо”, мусиқии А.Меликов, шеъри Н.Розиқ, суруди “Муаллим”, мусиқии Н.Бобокалонова, шеъри М.Мирзоев, суруди “Модар”, мусиқии Т.Аюбов, шеъри А.Қодирӣ, суруди “Бобои кулолгар”, мусиқии Ҷурахон Обидпур, шеъри Гулназар Келдӣ; китоби дарсии синфи 4-ум: муаллиф Ҷӯрахон Обидпур, суруди “Муаллим”, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур, шеъри Н.Розиқ; суруди “Модар” (бо забони англисӣ), мусиқии Ҷӯрахон Обидпур, шеъри халқӣ; суруди “Модари ҷон-модарҷонам”, мусиқии Миратулло Атоев, шеъри Боқӣ Раҳимзода; китоби дарсии суруд ва мусиқӣ дар синфи 5 - ум, муаллиф Шерали Шарипов. “Ба муаллим”, оҳанги халқ, такмили Ш.Шарипов, шеъри Н.Тиллоев; “Модарам”, мусиқии А.Тошматов, шеъри Н.Ниёзӣ. китоби дарсии синфи 6-ум: муаллиф Карим Ҳалимов. “Модарам”, оҳанги К.Ҳалимов, шеъри У.Раҷаб; Дуои модар”, мусиқии К.Ҳалимов, шеъри Р.Назрӣ; “Мактаби мо”, мусиқии Ҷ.Обидпур, шеъри А.Furобоҷонов; суруди “Вақт”, мусиқии Ҷ.Обидпур, шеъри Н.Алиева; суруди “Мактабам”, мусиқии А.Мусоев, шеъри Маҳзун; суруди Ялали бобо, суруди халқӣ; инчунин суруди “Падарҷон”, шеъри С.Аюбзодаи Маҳзун, мусиқии А.Мусоев, ки ин сурудҳо маҳз ба муаллим, мактабу хонавода эҷод шуда, иҷрои ҳаракатҳои рақсӣ низ тибқи талаботҳои барномаи фарҳангӣ ворид карда шуданд. [66, с.12, 52, 73]; [67, с.4, 6, 26, 46, 50]; [ 77, с.8, 9, 48, 70]; [78, с.7, 15, 32, 66, 72]; [88, с.13, 56]; [86, с.13, 27, 58, 75, 83, 85, 88].

Шунидани мусиқӣ ва рақс зери оҳангҳои халқии тоҷикӣ - “Рақси кулобӣ” ,“Рақси суғдӣ”, “Рақси бадахшонӣ”, ки хусусияти миллӣ доранд, инчунин саҳнача дар таҳти мусиқӣ гузаронида шуд. Дар рақс зиёдтар аз 5/3 ҳиссаи духтарҳо ширкат варзиданд. Хонандагон дар иҷрои рақс бо либосҳои мувофиқ ба маҳали зист ба бар намуданд. Баъди ба итмом расидани рақс ба омӯзгорон ва аҳли хонавода таъзим намуда, аз саҳна мераванд.

Намоишнома бо навохтани асбобҳои мусиқии хонандагон сурат гирифта, унсурҳои намоиши театриро дар бар мегирифт. Гузаронидани ин гуна дарс - консертҳо дар мактаб ба мақсад мувофиқ буда, дар он

хусусиятҳои корҳои эҷодӣ, мувофиқ ба синну соли хонандагон ва аз худ кардани маҳорати сурудхонӣ ва натиҷаҳои онро ба аҳли хонавода ва омӯзгорон пешниҳод намудан, мавқеъи аҳли хонаводаро дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои умумии таҳсилотӣ боз ҳам мустаҳкам намуд. Илова бар ин, барои баланд бардоштани завқи эстетикии хонандагон, тарзи пушидани либосҳои идона мусоидат мекунад. Хусусиятҳои системаи таълими мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо оила имконият медиҳанд, ки стратегияи таълими мусиқиро интихоб кунанд ё аз нав ба роҳ монанд.

Омӯзгорони ин мактаб,  Ҳасанова М.Р. - роҳбари синфи 1"Қ", Шамсуддинова М.С., - роҳбари синфи 2-и "Ғ", Ҳоҷиева М., роҳбари синфи 3-и "Ж",  ва Қаҳорова С., - роҳбари синфи 4-и "З" мунтазам афзудани аҳамияти чорабиниҳои якдафъаинаро дар ҳаёти мактаб қайд намуданд, ки тайёрӣ ва баргузории ин чорабиниҳо дар байни хонандагон шавқу рағбат ва муносибати мусбати волидайнро ба вуҷуд овард. Хонандагон бо либосҳои идона, ороиши мӯйҳо, маҳорати худро ба волидайн нишон доданд. Волидон аз фарзандони худ, ки дар ин чорабинӣ иштирок варзида буданд, қаноатманд шуданд. Баробари рақсҳои фарзандашон падару модарон низ ба хурсандии хонандагон ҳамроҳ шуданд.

Бо вуҷуди ин, тамоюли ҷузъи мусиқии ин чорабиниҳо, пеш аз ҳама, ба репертуари бачагона, бартарии кори таълимӣ, ки ба натиҷаи иҷрои мусиқӣ нисбат ба кори мунтазам ва пайваста оид ба ташаккули фарҳанги мусиқии хонандагон нигаронида шудааст, хонандагонро аз системанокӣ, пайдарпайӣ ва иҷрои хондани суруд, рақс ва саҳнача бохабар гардонид.

Омӯзиш ва тарбия тавассути ҳамкории иҷтимоӣ самаранок амалӣ мешаванд, ки дар он дастгирии калонсолон нақши муҳим дорад. Волидон ҳамчун аввалин роҳбаладони кӯдак шароити ҷалби ӯро ба мусиқӣ фароҳам меоранд, муносибати эмотсионалӣ нисбат ба асарҳои санъатӣ ташаккул медиҳанд ва ба рушди маҳорати иҷроия мусоидат мекунанд. (Л. С. Выготский)

Таҳқиқоти муосир таъкид мекунанд, ки тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ бояд дар асоси ҳамкории се ҷузъ асос ёбад:

1. Дарки санъати мусиқӣ - қобилияти кӯдак барои фаҳмидан ва таҳлили асарҳои мусиқӣ, фарқ кардани интонацияҳо, ритм ва хусусиятҳои тембр;

2. Фаъолияти мусиқӣ - иштироки фаъоли кӯдак дар сурудхонӣ, навозиши асбобҳои мусиқӣ, машқҳои ритмӣ ва вокал-ҳамсарой;

3. Ифодаи эҷодии шахсӣ - имконияти ифодаи инфиродӣ тавассути фаъолияти мусиқӣ, эҷоди асарҳои худ ё тафсири асарҳои мавҷуда.

Самаранокии ҳамкории мактаб ва оила дар чанд сатҳ амалӣ мешавад:

- Сатҳи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ - мубодилаи донишҳо дар бораи усулҳои тарбияи мусиқӣ, тавсияҳо барои ташкил кардани машқҳои хонагӣ ва муҳокимаи натиҷаҳои омӯзиш;

- Сатҳи амалӣ - иштироки волидон дар омодагӣ ва гузаронидани консертҳо, чорабиниҳои эҷодӣ ва дарсҳои маҳорат;

- Сатҳи эмотсионалӣ-арзишӣ - ташаккули муносибати мусбӣ ба мусиқӣ, дастгирии ташаббус ва эҷодиёти кӯдак.

Дар дарси мусиқӣ ба хонандагон чун анъана барои омода шудан ба чорабиниҳо супориши хонагӣ дода мешавад: бо ҳамроҳии аҳли оилаатон, волидайн, хоҳару бародаратон мусиқиҳо дар бораи мактаб, муаллим, муҳити оилавӣ бо диққат гуш карда тавонанд, сипас барои аз худ кардани мафҳуми он кушиш намоянд, ки бо дастгирии аҳли хонавода сенарияҳои ояндаи дарс-консертро тартиб диҳанд, расмҳои аҳли хонавода, мактаб, омӯзгор, ки табъи асарҳои мусиқиро ифода мекунанд, тасвир карда тавонанд, сурудҳоеро интихоб намояд, ки ба мактаб, омӯзгор ва аҳли оила тааллуқ дошта бошанд. (дар бораи суруд, рақсҳо, жанрҳои мусиқӣ, бастакорон, иҷрокунандагон ва ғайра) ҳама гуна маълумоти мусиқӣ гирифтан; бо падару модари худ барномаҳои тавсияшудаи телевизиониро тамошо кунанд ва ғ.

Ҳамкории системавӣ ва тартибӣ байни омӯзгорон ва волидон ба таҳкими пойгоҳи эмотсионалӣ ва интеллектуалии кӯдак ва рушди қобилиятҳои мусиқӣ ва санъатии ӯ мусоидат мекунад.

Нишондиҳандаи «ҷавобгӯии эмотсионалӣ ба тасвирҳои мусиқӣ-эстетикӣ дар фарҳанг» ҳамчун фаҳмиши мувофиқ аз ҷониби хонанда ҳаловат, дар бораи дарки мундариҷаи асари мусиқӣ, суруд хондан, маънои рақс ва худи иҷрои нақшофарии дар саҳна муҳим аст, баррасӣ карда мешавад.

Рушди ин нишондодро аз рӯи чунин меъёрҳо муайян кардан мумкин аст:

- зуҳуроти фаъолияти эмотсионалӣ ва ҳаракатӣ, ки ба хусусияти кор мувофиқ аст (мавҷудияти ҳаракатҳо, аксуламалҳои рӯҳӣ);
- интихоби калимаҳои ҳавасмандкунанда, ки хусусияти асари мусиқиро ифода мекунанд; дараҷаи ифодаи муносибати эмотсионалӣ ҳангоми гузаштан ба мусиқӣ ва ҳангоми ҷавоб додан ва ғайра баррасӣ мегардад.

Мо якчанд супоришҳоро пешниҳод менамоем.

**Супориши №1**. Яке аз аввалин машқҳои нутқ «Ба ман як ҷумла бигӯед, ки номи яке аз хонавода дарҷ гардад». Омӯзгорон шеъри модарам (чоргона) мехонад ва хонандагон калимаи охиринро бо ҳамовозӣ мегӯянд, ки ин бо маъно ва қофияи шеър пешниҳод мешавад.

Марҳилаи дигар - дар тахтаи синфӣ ба хонандагон ҳарф пешниҳод карда мешаванд (аз 5 то 10). Ба онҳо лозим аст, ки як қофия бигиранд. Ин вазифаро метавонад дар алоҳидагӣ ё дар як гурӯҳ иҷро кард. Марҳилаи баъдӣ таркиб додани охири шеърҳо мебошад. Матни шеърҳо бояд дар тахта - барои кори гурӯҳӣ ва ё дар дафтар - барои кори фардӣ, инчунин барои вазифаи хона истифода бурда мешавад. Ҳангоми иҷрои ин вазифа мо аз хонандагон хоҳиш кардем, ки диққати онҳоро ба табиати ҳар як шеър, рақс ба интонатсия, чӣ гуна онҳо садо додани онро ҷалб кунанд. Дар охири кор оид ба машқҳои нутқ бо хонандагон мо танҳо бо эҷодии дубайтӣ машғул шудем. Инчунин, ба хонандагон *импровизатсияҳои* нутқӣ оид ба тасвирҳои шунавоӣ пешниҳод карда шуданд, ки тасаввуротро инкишоф медиҳанд. Дар охир муаллим хонандагонро даъват мекунад, ки сабти видеоиро бо иҷрои композитсияи рақсӣ тамошо ва муҳокима кунанд.

Дар нақшаи дарси суруд ва мусиқӣ - суруди “Муаллим”-и шеъри Н.Розиқ, оҳанги Ҷ.Обидпур дар чоряки 4-ум, аз руи порчаи “Ташаккур бар ту бодо устодам” барои синфи 3-юм зикр гардидааст.

**Супориши № 2.** Ба дарс хонандагон ба гурӯҳи калонсол даъват карда мешаванд. Омӯзгор сурудро мехонад, баъд хонандаҳоро даъват мекунад, ки онро бо навбат мутолиа кунанд, вале бо шарти он, ки ҳар кас бояд бо интонатсияи худ бихонад ва кӯшиш кунад, ки ба матн ранги дигари эҳсосотӣ диҳад. Агар ба хонандагон иҷрои ин вазифа душвор бошад, пас шумо бояд ба онҳо кӯмак кунед. Масалан, хонандаро ба хондани шеъри «меҳрубонона», «шавқовар», «асроромез», «бо изтироб», «якранг» ва ғайра даъват кардем. Мо бояд таваҷҷӯҳи хонандагонро ба он ҷалб кунем, ки як калима ё иборае, ки бо интонасияи гуногун гуфта мешавад, метавонад маънои дигар дошта, ба табъи дигарон таъсир расонад. Аз ин рӯ, интонатсияе, ки мо бо он ҳар як калимаро мегӯем, хеле муҳим аст.

**Супориши № 3.** «Саҳначаи нақши хонавода» ба инкишофи қобилияти актёрӣ мусоидат мекунад. Хонандагон ҳамон шеърро меомӯзанд (беҳтараш чоргона), баъд аз ин, омӯзгорон пешниҳод мекунанд, ки тасвир эҷод кунад ва ин шеърро аллакай дар тасвир хонед. Масалан, модар, падар, бародар, хоҳар, бобо, бибӣ, муаллим ва ғайра тасвирро пешниҳод намуда, аз хонандагон хоҳиш кардем, ки дар нақш муайян бошанд. Ба хонандагон чанд дақиқа вақт дода шуд, ки дар бораи он фикр кунанд, ки кадом интонасияҳо, ҳаракатҳои пластикӣ симои ин персонажҳоро дурусттар ошкор мекунанд. Вақте ки мо ба хонандагон «Саҳначаи нақшӣ хонавода»-ро пешниҳод кардем, чунин муваффақиятро интизор набудем. Хонандагон бо завқи калон иштирок карда, ин корро (импровизатсияро) нағз иҷро карданд.

Якчанд хонандагон як образро истифода мебурданд, вале ҳар кас онро ба таври худ маънидод кардааст ва ин хеле арзишманд аст, зеро дар ин ҷо тафсири эҷодии образи бадеӣ вуҷуд дошт. Ин супориш ба хонандагон хеле писанд омад, ки ҳама мехостанд иштирокчӣ шаванд, дар ҳоле ки тасвирҳои шахсии баъзан ғайричашмдоштро ихтироъ мекарданд, аз қабили: муаллим

(ки дар бораи фарзанд ба волидайн суҳбат мекунад), духтур (ки модарро табобат карда истодааст), падар (ки рӯзғори хонаро таъмин кардааст) ва ғайра. Интонасияи мусиқию нутқро муқоиса намуда, аз хонандагон хоҳиш карда шуд, ки ин ё он песаро бе сарлавҳа гуш кунанд, хусусияти мусиқӣ ва интонасияи мусиқиро таҳлил кунанд ва баъд ба он номи мувофиқ бароранд. Ин намуди кор бо мурури замон душвортар мешавад. Хонандагон аллакай мусиқии барномавиро мешунаванд ва бо роҳбарии номи песа ва интонасияҳои мусиқӣ кушиш мекунанд, ки ҳикояи кӯтоҳ эҷод кунанд, ки ҳамаи он ба волидайн бояд вобаста бошад. Ворид намудани импровизатсия дар машғулияти мусиқӣ ба ташаккул ва ҷамъ овардани таҷрибаи эҳсосӣ, интоналӣ ва шунавоии хонандагон, ташаккули тахайюли эҷодӣ, ки ба фаъол шудани ниёзҳои омӯхташаванда мусоидат мекунад.

Ҳама волидон ҳамчун «тамошобин» нишастаанд ва онҳоро барои тамошои композитсияи рақсӣ дар иҷрои хонандагон даъват мекунанд. Композитсияи рақс, ҳаракатҳои ҳамвор, нарм ва ҷаҳиши дастҳоро дар бар гирифта, зебоипарастии худро эътибор медиҳад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки бо ёрии мусиқӣ, ҳаракатҳо аҳли хонавода (падар, модар, хоҳар, бибӣ, бобо) нишон диҳанд. Дар асоси фаҳмиши воситаҳои ифодаи бадеӣ (мусиқӣ, ҳаракатҳо, мавқеъ) ба композитсияи рақс баҳо диҳед (пиндоред, ки дар рақс кӣ тасвир шудааст). Волидайн бояд аз руи ҳаракати фарзандашон муайян намоянд, ки дар нақши кадом узви оила нақш мебозад. Супориши оила, инчунин сатҳи ифоданокии зебоипарастиро дар фаъолияти эҷодии хонандагон бояд ошкор намояд. Баъди муҳокима ҳамаи хонандагон ин композитсияро меомӯзанд.

Фаъолият дар дарки хондани суруд, ҳаракатҳои рақс ва омода кардани саҳнача таҳти оҳанги мусиқӣ вазифаҳои ташхис сохта мешаванд ва маводи мусиқӣ ҳамчун ҷузъи ёрирасон мавҷуд аст. Синтези мусиқӣ ва ҳаракатҳо тасвири дарси мусиқиро мушаххас мекунад. Тасвири мусиқӣ аз як тараф ба дақиқтар ва эҳсосотӣ иҷро шудани ҳаракатҳо мусоидат кунад, аз тарафи дигар, ҳаракатҳои мусиқиро воситаи асосии ифодаро шарҳ медиҳанд.

Чунин ҳодисаҳои мураккаб, монанди ритм, андоза, регистр, шакли мусиқиро, ки ба хонандагон бо сухан фаҳмондан душвор аст, аз тарафи хонандагон на танҳо бо гуш, балки бо тамоми бадан дарк карда мешавад, ки ин таҷрибаи мусиқиро афзун намуда, шуурноктар мегардонад.

**Хулоса**, шаклҳо ва усулҳои самараноки ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ба принсипҳои систематикӣ, фаъолиятҳои муштарак ва равишҳои шахсисозӣ асос ёфтаанд. Машваратҳо, маҷлисҳои волидон, чорабиниҳои муштарак, фаъолиятҳои лоиҳавӣ ва истифодаи технологияҳои муосир шароитро барои рушди ҳамаҷонибаи қобилиятҳои эҷодӣ, эмотсионалӣ ва коммуникатсионӣ фароҳам меоранд. Ҷалби оила на танҳо самаранокии тарбияи мусиқиро баланд мебардорад, балки робитаҳои байни шахсиятҳоро тақвият дода, мотивацияи мусбӣ ба омӯзишро ташаккул медиҳад ва фаъолияти эҷодии кӯдаконро ҳавасманд месозад.

Таълими мусиқии муосир ба таври фаъол технологияҳои рақамиро ҳамгиро мекунад. Истифодаи платформаҳои интерактивӣ, барномаҳои мобилӣ ва захираҳои мультимедиявӣ имкон медиҳад, ки барномаҳои таълимӣ ба таври инфиродӣ барои сатҳи омодагии ҳар як хонанда мутобиқ карда шаванд.

Мисолҳои чунин технологияҳо: синфхонаҳои виртуалии мусиқӣ, дарсҳои онлайн бо видеопайвастшавӣ, тренажерҳои рақамӣ барои рушди шунавоӣ ва ритм, инчунин барномаҳо барои машқи хонагӣ мебошанд. Инҳо ба муаллимон имкон медиҳанд, ки пешравии хонандагонро пайгирӣ кунанд, ва ба волидон - назорат ва дастгирии мунтазами машқҳоро таъмин кунанд.

Дар таҳқиқоти минбаъда аҳамияти назариявӣ, моделҳои интегратсияи фаъолияти мусиқӣ-эстетикии оила ва мактаб бояд таҳия шаванд, ки хусусиятҳои инфиродӣ ва фарҳангии оилаҳоро ба назар гирифта, истифодаи технологияҳои рақамиро барои васеъ кардани имкониятҳои ҳамкорӣ таъмин кунанд.

## 3.2. Татбиқи таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои пажӯҳиш

Дар зерфасли дувуми фасли сеюм кори озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он таҳлилу баррасӣ карда шуд. Ҳадафи таҳқиқоти ташхисӣ: муайян кардани сатҳи дарси мусиқӣ дар инкишофи дарки зебоипарастии хонандагон. Базаи таҳқиқотӣ МТМУ №56-и ноҳияи Сино, МТМУ №28 - и ноҳияи Фирдавсӣ ва таҳсилоти иловагии муассисаи хонандагони наврасони шаҳри Душанбе интихоб гардид.

Тадқиқоти ташхисӣ дар 2 - марҳила гузаронида шуд, ки дар он волидон иштирок варзиданд:

- интихоби усулҳои ташхис ва муайян кардани сатҳи дарки мусиқӣ-эстетикии хонандагон, таҳлили мушкилот (марҳилаи муайянкунӣ);

- таҳия ва татбиқи силсилаи дарсҳо, ки ба рушди дарки мусиқӣ-эстетикӣ дар ҳаракати рақс (марҳилаи тарҳрезӣ) нигаронида шудаанд.

Омӯзиши назариявии масъала имкон дод, ки нишондиҳандаҳои зерини инкишофи идроки мусиқӣ-эстетикии хонандагон муайян карда шаванд:

- эҳсосоти ба тасвирҳои мусиқӣ-эстетикӣ дар фарҳанг;

- қобилияти баҳодиҳии арзишӣ дар асоси фаҳмиши воситаҳои ифодаи бадеӣ;

- ифодаи мусиқӣ-эстетикӣ дар фаъолияти эҷодии хонанда.

Дар бораи муҳокимаи асарҳои мусиқӣ, баромад дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ва чорабиниҳо, вариантҳои ҷолиб, муфассал, ки ба руҳияи эмотсионалии хонандагон мувофиқанд, якчанд супоришҳоро барои хушҳол кардани волидайн ва омӯзгорон аз рӯи нақшаи тақвимии солона аз фанни суруд ва мусиқӣ барои синфҳои 1 то 6 дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар таҳрири Гурезов Ш. пешниҳод менамоем. Нақшаи мазкур барои таҷрибаомӯзони факултаи мусиқӣ - омӯзгории МДТ “ДДФСТ ба номи М. Турсунзода” тартиб дода шудааст.

Дар дарси мусиқӣ муайян кардани сатҳи ибтидоии дарки мусиқӣ-эстетикӣ дар фаъолияти хондани сурудҳои оилавӣ, рақс ва саҳначаҳо тахти

навои мусиқии дар боло зикр гардида,  хонандагон дар асоси чунин усулҳои тадқиқоти педагогӣ, ба монанди пурсиш, суҳбат, мушоҳида, арзёбӣ, таҳлили фаъолияти хонандагон ҳангоми дарс амалӣ карда мешавад.

Барои арзёбии баромадҳо дар дарсҳои сурудхонӣ ва мусиқӣ ва чорабиниҳое, ки ҳолати эҳсосии хонандагонро ба вуҷуд меоранд, якчанд таҷрибаҳо гузаронида шуданд, ки ҳар яки онҳо маҷмӯи нишондиҳандаҳои худро доранд. Рушди ҳар як нишондиҳанда дар се сатҳ: паст, миёна ва баланд арзёбӣ карда шуд. Ҳар яки ин нишондодҳо як системаи асосии меъёрҳоро ифода мекунанд, ки тавассути он баҳо аз рӯи ҷадвал, аз 1 то 8 холӣ дода мешавад.

Хонандагон дар дарси мусиқӣ, ки аз тарафи муаллими мусиқӣ омода карда шуда буданд, гузаронида шуд, ки дар ин дарс волидон иштирок карданд. Дар рафти чорабинӣ иҷрои унсурҳои рақс, машқҳои мусиқию ритмикӣ, тарзу хусусияти иҷрои ҳаракатҳо, дарки эмотсионалии ҳамовозии мусиқӣ мушоҳида карда шуда, аз руи нишондиҳандаҳои интихобшуда, дараҷаи инкишофи дарки мусиқӣ-эстетикӣ муайян карда шуд. Волидайн дар ҷараёни таҳлили фарҳанги мусиқӣ оид ба маҳорату ҳунари фарзандонашон ба саволҳояшон посухи некбинона гирифтанд.

Баҳодиҳии рушди ҳар як нишондиҳанда аз рӯи сатҳҳо дараҷаи вокуниш муайян карда шуд:




Нишондиҳандаи «Ҷавоби эмотсионалӣ ба тасвирҳои зебоӣ дар фарҳанг» ҳамчун фаҳмиши мувофиқи ҳаловат ва хислат аз ҷониби хонанда ба ҳисоб меравад, ки барои фаҳмидани мазмуни асари мусиқӣ ва худи маънои иҷрои суруд, омода кардани рақс ба мусиқӣ ва рақс муҳим аст.

Натиҷаҳои мушоҳидаҳои хонандагон дар шакли ҷадвал оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Дараҷаи вокуниши эмотсионалӣ дар хондани суруд ба тасвирҳои мусиқӣ - эстетикӣ дар фарҳанг**

| Дараҷаи баланд | Дараҷаи миёна | Дараҷаи паст |
|---|---|---|
| Фаъолияти эмотсионалии хонандагон ва ҳаракат дар иҷрои ракс вобаста ба табиати асарҳои мусиқӣ, аз уҳдаи хондани суруд баромадан, бо виқор ифоданок хондани суруд ва онро ба образ зоҳир намудан; Хонандагон кушиш карданд, ки миқдори зиёди калимаҳоро (зиёда аз 2) ифода мекунад, ки ҳаловат ва характери асарро ифода мекунанд, ҳангоми номбар кардани калимаҳо дар интонатсияи овоз ҳамдардӣ зоҳир мешавад. | Фаъолияти эмотсионалӣ ва ҳаракаткунанда баробар аст, хусусияти овоз ритм, якрангӣ дорад; Калимаҳои ҳавасманкунанда кам истифода мешавад. Ҳангоми муайян кардани ҳаловати асосии хонанда дар интонатсияи овоз зоҳир мекунад, аммо ҳангоми муайян кардани ҷузъҳои он ҳавасмандӣ вуҷуд надорад. | Дар хонанда зуҳуроти эҳсосӣ ва ҳаракатӣ ба табиати кор мувофиқанд, вале номунтазам, кӯтоҳмуддат буда, возеҳ ифода нашудаанд ва хусусияти тақлидӣ доранд; Калимаҳои ҳавасмадкунандае, ки ҳаловат, характери асари мусиқӣ ифода мекунанд, бо ёрии волидайн интихоб карда мешаванд ё тамоман интихоб карда намешаванд. Дар ҷавоб ҳамдардӣ дар интонатсияи овоз ба ҳаловати муайяншуда мавҷуд нест. |

Дар ин ҷадвал хонанда метавонад таассуроти худро мустақилона баён кунад.

- аз репертуари дидашуда дар баҳоҳои мусиқӣ - эстетикӣ дурустии фикри хонаводаро бо омодагӣ исбот мекунад;

- дар бораи сурудхонӣ дар васфи хонавода ва омӯзгор суҳбат карда метавонад;

- таассуроти худро бо сухани эҳсосотӣ, расмкашӣ баён мекунад;

- барои хондани суруд ва намунаҳои машқҳо, инчунин характер ва мазмуни онҳо ҳамеша омодаанд.

Нишондиҳандаи дуюми инкишофи дарки мусиқӣ - эстетикии хонандагон ин қобилияти баҳодиҳии арзишӣ дар асоси дарки воситаҳои ифодаи рақамӣ мебошад. Дар ин нишондиҳанда қобилияти дарки воситаҳои баён, қобилияти баҳогузорӣ, яъне шарҳ додани мазмуни образи ракс муҳим мебошад. Ин даркест, ки бо арзёбии мусиқӣ - эстетикии он ва дарки мазмун, идея, хусусияти таҷрибаҳои рақсӣ таҳти оҳанги мусиқӣ ва тамоми воситаҳои ифодакунандаи рақсу симои мусиқии он алоқаманд аст.

Дараҷаи қобилияти баҳодиҳии арзишҳо дар асоси дарки воситаҳои фарҳангии ифодаи мусиқӣ ва эстетикӣ дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. «Қобилияти арзёбии арзишҳои рақсӣ дар асоси дарки воситаҳои фарҳангӣ ифодаи мусиқӣ - эстетикӣ»**

| Дараҷаи баланд | Дараҷаи миёна | Дараҷаи паст |
|---|---|---|
| Хонанда метавонад таассуроти лаҳзаҳои рақсии худро мустақилона нишон диҳад. Аз репертуари дидашуда дар баҳоҳои мусиқӣ-эстетикӣ дурустии фикри шуморо бо омодагӣ исбот мекунад; дар бораи рақсҳои иҷрошаванда сӯҳбат карда метавонад; таассуроти худро дар иҷрои рақс зери оҳанги мусиқӣ баён мекунад; барои намунавор сохтани шакли рақс, таркиби фаъолият, машқҳо, инчунин характер ва мазмуни онҳо ҳамеша омодаанд. Хонанда ҳангоми муҳокимаи асарҳои мусиқӣ дар иҷрои рақс хислатҳои сершумор ва аз ҷиҳати эмотсионалӣ равшанӣ медиҳад. Номҳои ғайричашмдошт, вариантҳои | Хонанда дар бораи ҳаракати рақс, фаъолият, машқҳои даркшуда изҳори ақидаи худро душвор мегардонад, яъне барои ӯ умумӣ кардани таассуроти худ нисбат ба сухан дар бораи ҳаракати алоҳидаи рақс душвортар аст; моделҳо (бо ёрии волидайн) ҳаракати рақс, таркиби фаъолият (оддӣ), характер ва мазмуни онҳо мустақилона, вале на ҳамеша натиҷаи мусбат доранд. Хонанда ҳангоми ҳаракати рақс бодиққат аст, вале хеле дақиқи тасвирҳои рақсро дуруст иҷро мекунад. Як ё ду варианти таҷассуми рақсии тасвири мусиқиро | Хонанда аксар вақт дар баён кардани муносибати худ ба мазмуни эҳсосӣ образии рақс душворӣ мекашад. Дар рафти дарсҳои мусиқӣ иҷрои унсурҳои рақс, машқҳои мусиқию ритмикӣ, тарзу хусусияти иҷрои ҳаракатҳо, дарки эмотсионалии ҳамовозии мусиқӣ мушоҳида карда шуда, аз рӯи нишондиҳандаҳои интихобшуда |

| | | |
|---|---|---|
| қолиб, муфассал, ки ба рӯҳияи эмотсионалии асари мусиқӣ мувофиқат мекунад. Фикри худро дар бораи оилаи худ дар ҳаракати рақс фаъолона иҷро мекунад ва дар мубоҳисаҳои вобаста ба интихоби идеяҳо ба рақс табдил додани мазмуни эмосионалии мусиқӣ иштирок мекунад. Дар ҳаракатҳои рақс ба баҳоҳои зебоипарастиро баён мекунад. Баъзе хонандагон аз уҳдаи фаъолияти рақси бадеӣ баромода метавонанд. | пешниҳод мекунад ва баъдан ба ин ғояҳо пайравӣ мекунад, бе ташаббуси илова ё ислоҳи онҳо. Баъзан дар тасмимгириҳои мавзуӣ бадеӣ ва жанрӣ, дар иҷрои рақс баҳодиҳии мусиқӣ-эстетикӣ ба мушкилиҳо дучор мешавад. Дар омода кардани рақси миллӣ ба душворӣ дучор мешавад. | дараҷаи инкишофи дарки мусиқӣ-эстетикӣ муайян карда шуд. Аз уҳдаи накшҳо ва иҷрои рақс баромада наметавонад. |

Аз ҷадвал бар меояд, ки хонандагон дар ҳаракати рақсҳо, ҳангоми дарки мусиқӣ бодиққатанд. Як ё ду варианти таҷассуми рақси тасвири мусиқиро пешниҳод мекунанд ва баъдан ба ин ғояҳо пайравӣ мекунанд, бе ташаббуси илова ё ислоҳи онҳо. Баъзан дар тасмимгириҳои мавзуи бадеӣ ва жанрии рақс баҳодиҳии мусиқӣ - эстетикӣ ва баҳодиҳӣ ба мушкилиҳо дучор мешаванд. Хонанда аксар вақт дар баён кардани муносибати худ ба мазмуни эҳсосӣ дар образи рақс инчунин дар нақши волидайн иҷро кардан душворӣ мекашад. Иҷрои ҳаракатҳо бо суръат ва ритм мувофиқат мекунанд.

**Ҷадвали 3. Баҳодиҳии «Ифодаи мусиқӣ - эстетикӣ дар фаъолияти фарҳангии хонандагон тавассути иҷрои саҳнача» ва рушди ҳар як нишондиҳанда аз рӯи сатҳҳо дар ҷадвали 3 муайян карда шуд.**

| **Дараҷаи баланд** | **Дараҷаи миёна** | **Дараҷаи паст** |
|---|---|---|
| Хонанда метавонад бо истифода аз воситаҳои гуногуни лаҳзаҳои саҳначаро эҷод кунад. Дар бораи намуди корҳои эҷодӣ ва жанрҳои фаъолияти | Дар ҳаракатҳои ифоданоки саҳначаҳо, машқҳо қобилияти эҷоди накшофариро пурра нишон намедиҳад. Тасвирҳои | Одатан, хонанда дар вақти ифодаи ҳаракатҳои саҳна эҷодкориро нишон намедиҳад. Ба хонанда интиқол додани тасвири ашё ва падидаҳо душвор аст. |

| | | |
|---|---|---|
| саҳнача маълумоти кофӣ дошта, ба фаъолияти эҷодӣ шавқу ҳаваси хонаводаро пайдо кардааст. Хонанда маҳорати амалӣ дорад ва аз ҷиҳати техникӣ хуб медонад. Худшиносии эҷодӣ дар амал қаҳрамони саҳнача мушоҳида мешавад. Эҷодиёти ичрои саҳнача аз руи барномаи таълимӣ ҷудо карда метавонад: хонанда ба образ даромаданро, тақлид карданро дӯст медорад ва эҳсоси шарикро нишон медиҳад. | оиларо қайд карда метавонад. Хонанда ҳангоми интихоби воситаҳои баён комилан мустақил аст. Ҳаҷми дониш дар бораи дар саҳна нишон додани накши актёрӣ ба қадри кофӣ пурра нест, дар нақшҳои иҷрои саҳнача ба мушкилӣ дучор мешаванд, гарчанде ки ӯ малакаҳои амалиро аз худ кардааст. Саъю кӯшиш дар меҳнат, вале дар иҷрои супориш аз ҷиҳати эҳсосӣ, нопурра будани накша иштирок накардан. | Миқдори дониш дар бораи фарҳанг хеле кам аст. Маҳорати амалӣ инкишоф дода нашудааст. Хонанда малакаҳои техникии паст дорад. Набудани шавқу ҳавас дар раванди иҷрои вазифа, бепарвой ва қобилияти зебоипарастиро дар омода кардани саҳнача беаҳмиятӣ кардааст. Дар омода кардани саҳнача барои волидайн ва муаллим бо кӯмаки онҳо ниёз дорад, лекин дар саҳнача иштирок мекунад, аммо ҳиссиёти худро нисбат ба шарикон барои зоҳир кардан душворӣ мекашад. |

Дараҷаи инкишофи ҳар як нишондиҳандаи дарки мусиқӣ-эстетикӣ дар омода кардани хондани суруд, ҳаракати рақс, саҳначаи бадеӣ таҳти мусиқӣ дар хонандагон аз рӯи ҷадвали зерин баҳо дода мешавад:

Сатҳи баланд – 7-8 хол;

Сатҳи миёна – 5-6 хол;

Сатҳи паст – 3-4 хол.

Мушоҳидаҳои ниҳоии хонандагон аз рӯи се нишондиҳанда дар шакли ҷадвал оварда шудаанд.

Барои арзёбии дарки хонандагон дар бораи суруд, рақс ва драма дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсӣ ва Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таҳқиқоти пешакӣ гузаронида шуд (ҷадвали 1-3). Дар асоси таҳқиқоти пешакӣ, барои

дуруст бақайдгирии холҳо аз рӯи се нишондиҳанда, мактаби рақами 56-и ноҳияи Сино, синфи 4-Б ва дар мактаби рақами 28-и ноҳияи Фирдавсӣ, синфи 5-А интихоб шуданд.

Ҷадвали натиҷаҳо аз рӯи нишондодҳо дар зер оварда шудааст:

**Ҷадвали 4.** Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе (4-Б)

| **№** | **Ном ва насаб** | | **Хондани суруд Нишондиҳанда I** | | **Ҳаракати ракс Нишондиҳанда II** | | **Иҷрои сахнача Нишондиҳанда III** | **Холи умумӣ** | **Холи миёна** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Аҳтамова Я. | 6 | миёна | 8 | баланд | 7 | баланд | 23 | баланд |
| 2 | Абиҷонзода М. | 8 | баланд | 8 | баланд | 7 | баланд | 23 | баланд |
| 3 | Баротова М. | 6 | миёна | 8 | баланд | 7 | баланд | 23 | баланд |
| 4 | Валиева Р. | 8 | баланд | 7 | баланд | 7 | баланд | 20 | баланд |
| 5 | Давлатзода Ф. | 4 | Паст | 6 | миёна | 6 | миёна | 20 | баланд |
| 6 | Қурбонов А. | 8 | баланд | 4 | паст | 3 | паст | 11 | паст |
| 7 | Қурбонов М. | 6 | миёна | 4 | паст | 7 | баланд | 19 | миёна |
| 8 | Мавлонзода М. | 6 | миёна | 8 | баланд | 6 | миёна | 20 | баланд |
| 9 | Мирзоиматов Д. | 6 | миёна | 6 | миёна | 4 | паст | 18 | миёна |
| 10 | Нусратуллозода О. | 6 | миёна | 8 | баланд | 6 | миёна | 20 | баланд |
| 11 | Нозимов А. | 6 | миёна | 4 | паст | 4 | паст | 16 | миёна |
| 12 | Носирова М. | 8 | баланд | 6 | миёна | 4 | паст | 18 | миёна |
| 13 | Ҳасанов М. | 5 | миёна | 8 | баланд | 7 | баланд | 20 | баланд |
| 14 | Раҷабзода Ш. | 6 | миёна | 4 | паст | 6 | миёна | 16 | миёна |
| 15 | Фирдавсзода Ф. | 5 | миёна | 4 | паст | 4 | паст | 13 | паст |
| 16 | Мансурзода О. | 8 | баланд | 8 | баланд | 7 | баланд | 23 | баланд |
| 17 | Ҳамзаева Ф. | 5 | миёна | 5 | миёна | 7 | баланд | 17 | миёна |
| 18 | Назарова О. | 3 | Паст | 5 | миёна | 7 | баланд | 15 | миёна |

**Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсӣ (синфи 5-и А)**

| № | Ном ва насаб | | Хондани суруд Нишондиҳанда I | | Ҳаракати рақс Нишондиҳанда II | | Ичрои сахнача Нишондиҳанда III | Холи умумӣ | Холи миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Албинаи Нурулло | 5 | миёна | 8 | баланд | 7 | баланд | 20 | баланд |
| 2 | Бобоҷони Худоёр | 6 | миёна | 4 | паст | 6 | Миёна | 16 | миёна |
| 3 | Гулнозаи Ҳамидиён | 5 | миёна | 4 | паст | 4 | Паст | 13 | паст |
| 4 | Гулмуродзода Неккадам | 8 | баланд | 8 | баланд | 7 | Баланд | 23 | баланд |
| 5 | Дустова Дилдора | 5 | миёна | 5 | миёна | 7 | Баланд | 17 | миёна |
| 6 | Қадамуроди Исматулло | 8 | баланд | 4 | паст | 3 | Паст | 11 | паст |
| 7 | Мирзозода Марҷона | 6 | миёна | 4 | паст | 7 | Баланд | 19 | миёна |
| 8 | Моњшарифи Шералӣ | 6 | миёна | 8 | баланд | 6 | Миёна | 20 | баланд |
| 9 | Носирзода Фарзона | 6 | миёна | 6 | миёна | 4 | Паст | 18 | миёна |
| 10 | Надежда Истам | 6 | миёна | 8 | баланд | 6 | Миёна | 20 | баланд |
| 11 | Озари Ҳабиб | 6 | миёна | 4 | паст | 4 | Паст | 16 | миёна |
| 12 | Одиназода Ибодулло | 8 | баланд | 6 | миёна | 4 | Паст | 18 | миёна |
| 13 | Рустами Суҳроб | 8 | баланд | 4 | паст | 3 | Паст | 11 | паст |
| 14 | Розияи Сангинмурод | 6 | миёна | 4 | паст | 7 | Баланд | 19 | миёна |
| 15 | Фаррухзода Саидҷон | 6 | миёна | 8 | баланд | 6 | Миёна | 20 | баланд |
| 16 | Холмуродов Саидмумин | 8 | баланд | 4 | паст | 3 | Паст | 11 | паст |
| 17 | Хидирзода Ҳусайн | 6 | миёна | 4 | паст | 7 | Баланд | 19 | миёна |
| 18 | Ҳусейни Абдулло | 8 | баланд | 4 | паст | 3 | Паст | 11 | паст |
| 19 | Ясминаи Ҷумахон | 3 | паст | 5 | миёна | 7 | Баланд | 15 | миёна |
| 20 | Яров Фазлиддин | 8 | баланд | 4 | паст | 3 | Паст | 11 | паст |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 21 | Ҷамшеди Собир | 6 | миёна | 4 | паст | 7 | Баланд | 19 | миёна |
| 22 | Ҷуразода Фарзона | 6 | миёна | 8 | баланд | 6 | Миёна | 20 | баланд |
| 23 | Жана Стенаслав | 6 | миёна | 6 | миёна | 4 | Паст | 18 | миёна |

Аз нишондиҳандаи якум маълум гашт, ки дар синфи 4-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Сино, аз 18 нафари санҷидашуда, аз ҷумла ташхиси педагогӣ, дар ҷадвал 5 нафар, яъне 27,7% дараҷаи баланди инкишофи қобилияти хондани суруд, 11 нафар, яъне 61,1%, дар сатҳи миёна ва 2 - нафар дар сатҳи пастро 11,1% ташкил медиҳад. Дар синфи 5-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсӣ ҳамагӣ 23-нафар аз ҷумла ташхиси педагогӣ, дар ҷадвал 7 нафар, яъне 30,4% дараҷаи баланди инкишофи қобилияти хондани суруд, 15 нафар, яъне 65,2%, дар сатҳи миёна ва 1- нафар дар сатҳи паст 4,3% ташкил медиҳад.

Дар вакти тартиб додани ҷадвал ҳамаи нуктаҳо ҷамъ карда шуда, дар бораи дар як сатҳи муайян афзудани қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодиёти хонандагон умумӣ муайян карда шуд.

Дар вакти тартиб додани ҷадвал ҳамаи нуктаҳо ҷамъ карда шуда, дар бораи дар як сатҳи муайян афзудани қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодиёти хонандагон умумӣ муайян карда шуд.

**Нишондоди №1.**



*Расми 1. Дараҷаи вокуниши эмотсионалӣ дар хондани суруд бо тасвирҳои мусиқӣ-эстетикӣ дар фарҳанг.*

Натиҷаҳо бо фоиз дар диаграммаи 1 оварда шудаанд. Натиҷаҳои ташхис аз рӯи нишондиҳандаи I- 29% -дараҷаи баланд, 63% - дараҷаи миёна ва 8%- дараҷаи паст.

**Нишондоди ҷадвали №2.** Қобилияти арзёбии арзишҳои рақсӣ дар асоси дарки воситаҳои фарҳангӣ ифодаи мусиқӣ-эстетикиро дар синфи 4-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Сино баррасӣ мекунем. Дар нишондиҳандаи II нишон дода шудааст, ки танҳо 3 хонанда дараҷаи баланд, 11 хонанда дараҷаи миёна ва 4 нафар дараҷаи паст доранд.

Дар синфи 5-и Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсӣ 6-хонанда дараҷаи баланд, 5 хонанда дараҷаи миёна ва 12 нафар дараҷаи паст доранд.

Қобилияти арзёбии арзишҳои рақсиро дар асоси дарки воситаҳои фарҳанги ифодаи мусиқӣ-эстетикӣ дар умум баррасӣ мекунем.

**Нишондоди №2.**




*Расми 2. Қобилияти арзёбии арзишҳои рақсӣ дар асоси дарки воситаҳои фарҳанги ифодаи мусиқӣ-эстетикӣ*

Натиҷаҳо бо фоиз дар диаграммаи 2 оварда шудаанд. Натиҷаҳои ташхис аз рӯи нишондиҳандаи 2-юм 16 нафар, 39 % -дараҷаи баланд, 16-нафар, 39%- дараҷаи миёна ва 9 нафар 22% - дараҷаи паст.

Натиҷаҳои нишондиҳандаи №3, баҳодиҳии «Ифодаи мусиқӣ-эстетикӣ, ки дар фаъолияти фарҳангии хонандагон тавассути иҷрои саҳнача» ва рушди ҳар як нишондиҳанда аз рӯи сатҳҳо муайян карда шуд, дида мебароем.




*Расми 3. Натиҷаҳои ташхис аз рӯи нишондиҳандаи III.*

Нишондиҳандаи III ҷадвали 4 равшан нишон медиҳад, ки дар синфи 4-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Сино, 9 нафар баҳои баланд – 50%, 5 нафар баҳои миёна – 28 % ва 4 нафар баҳои паст – 22% гирифтанд. Дар синфи 5-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсӣ, ҷадвали № 3 нишон медиҳад, ки 8 - нафар аз хонандагон баҳои баланд, 5- нафар баҳои миёна ва 10 - нафар аз рӯи нишондиҳандаҳои инкишоф баҳои паст гирифтанд.

Тамоюли умумии инкишофи дарки мусиқии миллиро ба таври зерин муайян кардан мумкин аст. Мушоҳидаҳо ва таҳлили маълумотҳое, ки баъд аз таҳқиқ ба даст омадаанд, дараҷаи инкишоф ва дарки давраи тайёриро дар муассисаҳои оилавию мактабӣ, аз он асарҳои зебоипарастии мусиқие, ки ба онҳо пешкаш карда мешуданд, ошкор намуд. Дар таносуби мустақими маълумоти бадастомада, дар байни хонандагони синфи 4-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Сино (18-нафар), ва синфи 5 –и Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсӣ (23-нафар), ҳамагӣ 41-нафар холҳо тақсим карда шуда, дар фаҳмиши асарҳои

зебоипарастии мусиқӣ - иҷрои суруд, ҳаракати рақс ва саҳнасозӣ се сатҳ муайян карда шуданд.

Барои баробар кардани фоиз ҷадвали нишондодро ба таври зерин пешниҳод намудем:

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Сино, синфи 4 -Б

| № | Сатҳи рушд | **Озмудашавандагон** | |
|---|---|---|---|
| | | **нафар** | **ба ҳисоби %** |
| 1. | Баланд | 7 | 39 % |
| 2 | Миёна | 7 | 39 % |
| 3 | Паст | 4 | 22 % |
| 4 | Ҳамагӣ | 18 нафар | 100 % |

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсӣ синфи 5 -А

| № | **Сатҳи рушд** | **Озмудашавандагон** | |
|---|---|---|---|
| | | **нафар** | **ба ҳисоби %** |
| 1. | Баланд | 6 | 26,0 % |
| 2 | Миёна | 11 | 48 % |
| 3 | Паст | 6 | 26 % |
| 4 | Ҳамагӣ | 23 нафар | 100 % |

**Дар умум**

| № | **Сатҳи рушд** | **Озмудашавандагон** | |
|---|---|---|---|
| | | **Нафар** | **ба ҳисоби %** |
| 1. | Баланд | 13 | 31% |
| 2 | Миёна | 18 | 44 % |
| 3 | Паст | 10 | 25 % |
| 4 | Ҳамагӣ | 41 нафар | 100 % |

Дараҷаи баланд – 31% , дараҷаи миёна – 44% , дараҷаи паст – 25%.

Дар расми 4 натиҷаҳои сатҳи се нишондиҳандаи дарки мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар фаъолияти хондани суруд, рақс ва саҳнача маҳз барои волидайн ва омузгор нишон дода шудааст.

Ҳамин тариқ, мо вобаста ба ҷамъи холҳои ҷамъшудаи хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Сино синфи 4- Б-ро ба се дараҷаи инкишофи идроки мусиқӣ-эстетикӣ дар фаъолияти хондани суруд, рақс ва саҳначаи эҷодӣ дар васфи муаллиму хонавода ҷудо кардем:

- 7 хонанда сатҳи баланди инкишофи дарки мусиқии зебоипарастиро дар хондани суруд нишон доданд;

- 7 хонанда сатҳи миёнаи инкишофи дарки мусиқии зебоипарастиро дар ҳаракати рақс тахти навои оҳанг нишон доданд;

- 4 нафар хонанда дараҷаи пасти инкишофи дарки мусиқии эстетикиро дар саҳнача нишон доданд.

Ҷамъи холҳои ҷамъшудаи хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсӣ синфи 5-А-ро низ ба се дараҷаи инкишофи идроки мусиқӣ-эстетикӣ дар фаъолияти хондани суруд, рақс ва саҳначаи эҷодӣ дар васфи муаллиму хонавода ҷудо кардем:

- 7 хонанда сатҳи баланди инкишофи дарки мусиқии зебоипарастиро дар хондани суруд нишон доданд;

- 15 хонанда сатҳи миёнаи инкишофи дарки мусиқии зебоипарастиро дар ҳаракати рақс тахти навои оҳанг нишон доданд;

- 1 нафар хонанда дараҷаи пасти инкишофи дарки мусиқии эстетикиро дар саҳнача нишон доданд.

Ташхиси таҳқиқоти назоратшаванда дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Сино, синфи 4, ба таври зерин арзёбӣ карда шуд:

| № | **Сатҳи инкишоф** | **Натиҷаи таҳқиқот** | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **Хонанда** | | **бо %** | |
| | | **Буд** | **Шуд** | **Буд** | **Шуд** |
| 1 | Сатҳи баланд | 4 | 7 | 22% | 39 % |
| 2 | Сатҳи миёна | 6 | 7 | 33 % | 39 % |
| 3 | Сатҳи паст | 8 | 4 | 45 % | 22 % |
| | **Ҳамагӣ** | **18** | | **100** | |

Ташхиси таҳқиқоти назоратшаванда дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсӣ синфи 5 А ба таври зерин арзёбӣ карда шуд:

| № | **Сатҳи инкишоф** | **Натиҷаи таҳқиқот** | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **Хонанда** | | **бо %** | |
| | | **Буд** | **Шуд** | **Буд** | **Шуд** |
| 1. | Сатҳи баланд | 3 | 7 | 13% | 30% |
| 2 | Сатҳи миёна | 11 | 15 | 48 % | 65% |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Сатҳи паст | 9 | 1 | 39 % | 5 % |
| | **Ҳамагӣ** | 23 | | 100 | |

**Ташхиси таҳқиқоти назоратшаванда дар умум ба таври зерин арзёбӣ карда шуд:**

| **№** | **Сатҳи инкишоф** | **Натиҷаи таҳқиқот** | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **Хонанда** | | **бо %** | |
| | | **Буд** | **Шуд** | **Буд** | **Шуд** |
| 1. | Сатҳи баланд | 7 | 14 | 18% | 34 % |
| 2 | Сатҳи миёна | 17 | 22 | 41 % | 54 % |
| 3 | Сатҳи паст | 17 | 5 | 41 % | 12 % |
| | **Ҳамагӣ** | **41** | | **100%** | |

Дар марҳилаҳои ибтидоии корҳои таҳқиқотӣ гурӯҳҳое, ки сатҳи фаҳмиши зебоипарастии мусиқӣ паст ва миёна доштанд, бартарӣ доштанд. Барои аксари хонандагон аз ҳама мушкилтарин кор омода кардани чорабинӣ аз рӯи нишондиҳандаи сеюм - нишон додани ифодаи зебоипарастӣ дар кори эҷодии онҳо дар мавзуи «Оилаи ман» ба воситаи эскиз буд. 9 нафар аз ин вазифа баҳои баланд гирифтанд (Марям, Ясмина, Мариям, Раҳмия, Мирафшар, Мустафо, Оиша, Фотима, Оиша). Панҷ нафар баҳои миёна гирифтанд (Фотима, Молик, Шукрона, Фотима, Омина).

Хулоса, дар баробари ташаккули дарки зебоипарастии хонандагон вобаста ба миқдори баҳои гирифтаашон, онҳоро аз рӯи дараҷаи инкишофи сурудхонӣ, рақс ва омода намудани намоишномаҳои саҳнавӣ бо ҳамоҳангии мусиқӣ ба се гурӯҳ тақсим кардем:

- 9 хонанда дараҷаи баланди инкишофи дарки зебоипарастиро нишон доданд;
- 5 нафар хонанда дараҷаи миёна нишон доданд;
- 4 нафар хонанда дараҷаи паст нишон доданд.

Дар расми 4 натиҷаи се нишондиҳандаи дарки зебоипарастии хонандагон дар фаъолияти сурудхонӣ, рақс ва иҷрои саҳнаи бадеӣ оварда шудааст.

Дар натиҷаи марҳилаи ибтидоии таҳқиқоти амалӣ мо ба хулосае омадем, ки дараҷаи миёна ва пасти инкишофи дарки зебоии мусиқӣ бартарӣ дорад. Барои аксари хонандагон аз рӯи нишондиҳандаи сеюм аз ҳама кори

душвор омода кардани саҳна бо воситаи мусиқӣ буд, ки 8 - нафар баҳои паст гирифтанд.

**Эзоҳ**. Мо ба таври иловагӣ 4 маротиба, 2 маротиба дар МТМУ №56-и ноҳияи Синои ш. Душанбе ва 2 маротиба дар МТМУ № 28-и ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе кори сатҳи қобилияти мусиқӣ, яъне ташхис гузаронидани ҷиҳатҳои психологӣ ва педагогиро ташкил кардем. Дар натиҷаи кор, гузаронидани холҳо қариб баробар дида шуд, инчунин, ин холгузориҳо бо ҳамдигар монанд буданд. Мо бештар сатҳи мобайнро интихоб намудем, зеро дар ҷадвал гурӯҳе дар боло таҳия гардида, баррасӣ карда шуд.

Миқдори хонандагон ҳамагӣ 173 нафар аз мактаби №56, аз синфи 1 - то 4, 18 - нафар хонандагоне, ки дар дарси мусиқӣ ва таҳсилоти иловагӣ иштирок мекарданд, ва синфи 5 ва 6 ҳамагӣ 65-нафар, танҳо дар дарси суруд ва мусиқӣ иштирок намуданд, инчунин дар мактаби №28 и ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе, ки аз синфи 1 то 4, ҳамагӣ 20 - нафар хонандагоне, ки дар дарси мусиқӣ ва таҳсилоти иловагӣ иштирок мекарданд ва синфи 5, 6 ҳамагӣ 70 - нафар дар дарси суруд ва мусиқӣ иштирок мекарданд, назорат бурда шуд. Таҳқиқот чунин натиҷа гирифт:




Ҳамагӣ: 173 нафар

Дараҷаи баланд - 50 нафар хонанда-29%

Дараҷаи миёна - 111 нафар хонанда- 64%

Дараҷаи паст - 12 нафар хонанда - 7%

Хулоса, натиҷаҳои ташхис нишон доданд, ки сатҳи дарки мусиқии зебоипарастӣ дар чорабиниҳои фарҳангии хонандагон бештар дар сатҳи миёна аст.

Дар анҷоми натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст ва хулосаҳо бароварда шуданд.

Муйян карда шуд, ки дар шароити ҳозира, дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ дарсҳои суруд ва мусиқӣ яке аз базаҳои асосии васеъ паҳн намудани фарҳанги мусиқӣ буда, вазифаи он  мусиқиро на танҳо хоси хонандагон боистеъдод ташаккул диҳанд, балки онро касби худ интихоб кунанд, дар ҷараёни таҳсил барои дар хонандагон ташаккул додани дарки баланди эстетикии асарҳои мусиқии миллӣ дар арзишҳои умумиҷаҳонии фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак таъсири муассир мерасонад ва барои ташаккули завқи санъати мусиқӣ, ҳассосияти эмотсионалӣ, ташаббуси эҷодӣ ва қобилиятҳои коммуникатсионӣ аҳамияти муҳим дорад. Дар раванди муосири таълимӣ, фаъолияти мусиқӣ нақши калидӣ дар ташаккули зеҳнӣ-эмотсионалӣ бозида, қобилиятҳои маърифатнокӣ ва иҷтимоии кӯдакро рушд медиҳад.

Имрӯз таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки самаранокии тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ на танҳо ба омодагии касбии омӯзгорон вобаста аст, балки ба ҳамкории фаъоли муассисаи таълимӣ бо оила низ бастагӣ дорад. Оила аввалин муассисаи иҷтимоӣ мебошад, ки кӯдак дар он малакаҳои асосии коммуникатсионӣ, посухҳои эмотсионалӣ ва дарки эстетикии муҳити атрофро меомӯзад. Таҳқиқоти педагогони дохилӣ ва хориҷӣ (Л. С. Выготский, А. Н. Леонтьев, Н. Ф. Талызина) нишон медиҳанд, ки ҳамкории оила ва мактаб ба фаҳмиши амиқтари донишҳо, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва ташаккули мотивацияи мусбӣ ба омӯзиш мусоидат мекунад.

Оила - мустақилияти бештар ва худтаъминкуниро ба даст оварда, барои интихоби модели тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонанда саъю кушиш намуда,

системаи муқарраршудаи идоракунии ҷараёни тарбиявии оила аз тарафи муассисаҳои таълимӣ баробар шуд.

Барои таълими мусиқӣ додан ба хонандагон, омӯзондани асбобҳои мусиқӣ, хондани суруд, иҷрои рақс ва омода кардани саҳнача, мавзуъ ва мафҳуми он аҳамияти калон дода шуд. Намудҳо ва тарзи иҷрои суруду рақсҳо маълумот дода, омӯзонда шавад, ки ҳангоми шунидану иҷро намудани мусиқӣ ва ҳаракатҳои рақсӣ бояд онҳо ҳолатҳои мусбати эҳсосотиро аз сар гузаронанд.

Ҳамзамон, дар баробари кори таҳқиқотӣ соҳаҳои донишҳои психологию тарбиявӣ масъалаҳои равонӣ ва тарбиявие, ки дар раванди татбиқи таълими мусиқӣ дар ҳамкории оила ва мактаб ба миён меоянд, шарҳ дода шуд.

Бо роҳу воситаҳои гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи педагогика ва психологияи барои аҳли хонавода бой гардондани таълими мусиқӣ, бешубҳа барои ислоҳи номутавозунии зикршуда мусоидат мекунад.

Педагогика ва фарҳангшиносӣ ҳамеша тарбияи зебоипарастиро муҳимтарин қисми таркибии ҷараёни ҳаматарафаи мураттаб инкишоф додани хонандагон мешуморад. Дар айни замон ба зебоӣ қарин будан, аз дигар соҳаҳои ташаккули муҳассилин ҷудо набуда, баръакс ба тарбияи ахлоқӣ, фикрӣ, ҷисмонӣ робитаи қавӣ дорад ва албатта ҷараёни тарбия дар ҳамкории оила ва мактаб мустаҳкам мегардад.

Фанни педагогика тарбияи мусиқӣ - эстетикиро ҳамчун раванди систематикӣ ба ҳисоб мегирад, ки дар он дарки санъат, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва ҳассосияти эмотсионалии кӯдак ташаккул меёбад.

Ба таъминоти педагогии оила дар марҳилаҳои ба дарсҳои мусиқӣ тайёр кардани хонанда ва ба шароити мактаб мутобиқ намудани хонанда диққати махсус дода мешавад. Ҳамкории психологию педагогии волидони хонандагон ҳамчун раванде маънидод карда мешавад, ки ба волидон дар қабули қарорҳо дар ҳолатҳои душвори интихоби ҳаёт, фароҳам овардани

шароит барои ташаккули малакаҳои қабули қарорҳои оптималӣ дар ҳолатҳои гуногун мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, вазифаҳои ҳамкории педагогии волидон аз инҳо иборатанд:
-кӯмак ба хонанда дар ҳалли мушкилоти таъхирнопазири рушд, кӯмак дарислоҳи мушкилоти тарбияи зебопарастӣ дар дарсҳои мусиқӣ, пешгирӣ ва бартараф кардани вайронкунии соҳаи эмотсионалӣ - ихтиёрӣ, мушкилоти муносибат бо ҳамсолон, омӯзгорон ва волидон. Ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода ба оилаҳо нисбат ба категорияҳои гуногуни волидон фарқ мекунад.

Дар ин таҳқиқот ба ворид намудани осори мусиқии тоҷикӣ бо мавзуи ҳамкории муҳити оилавӣ ба мактаб ба репертуари таълимӣ оид ба ободии ӯ таваҷҷӯҳ дода шудааст. Аз маълумотҳои омӯзгорон, ассотсиатсияҳои оилавӣ бармеояд, ки дар раванди дарки асарҳои мусиқии муҳити оилавӣ дар хонандагон вуҷуд дорад.

## Хулосаи фасли 3

Ҳамин тавр, оила мустақилияти бештар ва худтаъминкуниро ба даст оварда, барои интихоби модели тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонанда саъю кушиш намуда, системаи муқарраршудаи идоракунии чараёни тарбиявии оила аз тарафи муассисаҳои таълимӣ эътикоф шуд.

Барои таълими мусиқӣ додан ба хонандагон, омузондани асбобҳои мусиқӣ, хондани суруд, иҷрои рақс ва омода кардани саҳнача, мавзуъ ва мафҳуми он аҳамияти калон дода шуд. Намудҳо ва тарзи иҷрои суруду рақсҳо маълумот дода, омӯзанда шавад, ки ҳангоми шунидану иҷро намудани мусиқӣ ва ҳаракатҳои рақсӣ бояд онҳо ҳолатҳои мусбати эҳсосотиро аз сар гузаронанд.

Ҳамзамон, дар баробари дигар парадигмаҳои таҳқиқотӣ соҳаҳои донишҳои психологию тарбиявӣ масъалаҳои равонӣ ва тарбиявие, ки дар раванди татбиқи таълими мусиқӣ дар ҳамкории оила ва мактаб ба миён меоянд, шарҳ дода шуд.

Бо роҳу воситаҳои гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи педагогика ва психологияи барои аҳли хонавода бой гардондани таълими мусиқӣ, бешубҳа барои ислоҳи номутавозунии зикршуда мусоидат мекунад.

Дар ин таҳқиқот ба ворид намудани осори мусиқии тоҷикӣ бо мавзуи ҳамкории муҳити оилавӣ ба мактаб ба репертуари таълимӣ оид ба ободии ӯ таваҷҷӯҳ дода шудааст. Аз маълумотҳои омӯзгорон ассотсиатсияҳои оилавӣ бармеояд, ки дар раванди дарки асарҳои мусиқии муҳити оилавӣ дар хонандагон вуҷуд дорад.

Самти мусиқӣ-таълимӣ дар доираи модели мустақили ҳамкории мактаб ба тарбияи оилавии хонанда, ки ин самт афзалиятнок аст, самаранок мебошад. Чунин бархурд:

-аввалан, ба ташаккул додани шуурнокии хонандагон, мустақилият онҳо дар ҳамкории мактаб ва аҳли хонавода таъкид мекунад;

-дуюм, дар доираи модели дорои типологияи гуногун, хусусиятҳои ҳамкории мактаб ва аҳли хонавода, инчунин мавқеи падару модар дар нақши фарзандон барои ифшо додани маҳорати сурудхонӣ, иҷрои ва ғайра имконият медиҳанд;

-сеюм, барои дарк кардани диалектикаи бартарӣ ва осебпазирии модели дилхоҳ кумак мерасонад ва бо ҳамин стереотипҳои муносибати манфӣ нисбат ба рафтори падару модароне, ки ба фарзандони худ мусиқиро меомӯзонанд, бартараф карда мешавад.

Дар баробари ин, равиш маълум гардид, ки модели ҳамкории мактабу оилаи хонанда бо афзалияти таълими мусиқӣ тағйирёбанда ва бисёрфунксионалӣ мебошад. Чунин бархӯрд, аввалан, ба мустақилияти оила дар муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди хонанда ва фаъолияти он дар амалӣ намудани ниятҳои худ таъкид мекунад; дуюм, он имкон медиҳад, ки вариантҳои амалӣ гардондани таълими мусиқӣ дар ҳамкории мактабу оила фарқ карда шавад; сеюм, ба инъикоси ҳамаҷонибаи амалҳои имконпазири оилавӣ оид ба татбиқи вазифаҳои таълими мусиқии хонанда мусоидат

намуда, ба ин васила ислоҳи нобаробарии сунъии (шуъбаи) соҳаҳои таълими умумӣ ва иловагии мусиқӣ мусоидат мекунад.

Аз сабаби омӯзиши кофии раванди аз стихиявӣ ба тарбияи бошууронаи мусиқии хонанда боло рафтани оила дар асарҳои муаллифони дигар, диққати мо бештар ба омӯзиши хусусиятҳои татбиқи стратегияи мусиқии таълимӣ дар забони модарӣ нигаронида шудааст.

Дар тадқиқоти мо чунин амалҳои ҳамкории мактабу оила дар мантиқи стратегияи таълими мусиқӣ бо хондани суруд дар васфи оила, мактаб, муаллим аз сарчашмаҳои синфҳои 1 то 6 бо истифода аз иқтидори ташкили таҳсилотӣ мусиқӣ таълимии иловагии мусиқӣ баррасӣ карда шуданд.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ

Маводи рисола барои аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани заминаҳои назариявӣ, инкишофи қобилияти хонандагони дар ҳамкории мактабу оила ва таҳсилоти иловагӣ дар хонандагон ва аз ҷиҳати амалӣ имконияти рушд додани қобилияти мусиқӣ пешбинӣ шудааст.

Дар шароити ҳозира дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ дарсҳои суруд ва мусиқӣ яке аз базаҳои асосии васеъ паҳн намудани фарҳанги мусиқӣ буда, вазифаи он мусиқиро на танҳо хоси хонандагони боистеъдод ташаккул диҳанд, балки онро касби худ интихоб кунанд, дар ҷараёни таҳсил барои дар хонандагон ташаккул додани дарки баланди зебоипарастии асарҳои мусиқии миллӣ дар арзишҳои умумиҷаҳонии фарҳангӣ мусоидат бояд кунад.

Дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ, ташаккули завқи бадеӣ ва ҷаҳонбинии эҷодии хонандагон дар ҳалли амалии масъалаи ташаккули шахсияти баркамол инкишофёфта таъсири калон мерасонад. Дар шароити ҳозира дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ, дарсҳои суруд ва мусиқӣ яке аз базаҳои асосии васеъ паҳн намудани маданияти мусиқӣ буда, вазифаи он мусиқиро на танҳо хоси хонандагон боистеъдод ташаккул диҳанд, балки онро касби худ интихоб кунанд.

Айни замон талабот ба дарси мусиқӣ чунин аст: таълим, инкишоф ва тарбия дар дарси мусиқӣ ба таври комплексӣ иҷрои вазифаҳоро дар назар дорад. Вай ба тамоми ҷиҳатҳои инкишофи талаба таъсир мерасонад: дар баробари баланд бардоштани дониши мусиқии талаба қувва ва қобилияти равониро инкишоф медиҳад, ҷаҳонбинӣ, сифатҳои ахлоқӣ, мусиқӣ-эстетикӣ, ихтиёрӣ, муносибати онҳоро ба меҳнат ташаккул медиҳад; низоми формати дарс ҷорӣ карда шудааст: он аз ибтидои муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳои дарс, фаҳмондан, таҳким ва баррасии маводи мусиқӣ ва додани вазифаи хонагӣ иборат хоҳад буд. Фаъолиятҳои мусиқӣ бояд бо ҳам алоқаманд ва пурракунанда бошанд; дарс тибқи принсипҳои зерини таълим гузаронида мешавад: хусусияти тарбиявӣ, таъсирбахш, мувофиқи дарки илмӣ, имкон

медиҳад азхудкунии ҳаматарафа ва бошууронаи асарҳои мусиқӣ, ташаккули маҳорат ва маҳорати мусиқӣ; мундариҷаи дарс ба барномаи таълимӣ мувофиқат мекунад, ки фарққунанда буда, робитаҳои дохили системаи дарсро таъкид мекунад.

Ҳамеша дар хотир доштан муҳим аст, ки кадом қисмҳо қаблан омӯхта шуда буданд ва хонандагон (толибилмон) пас аз ин дарс чиро бояд омӯзанд. Ин на танҳо ба толибилмон дар хотир доштан ва донистан кӯмак мекунад, балки инчунин имкон медиҳад, ки бо баъзе артефактҳо (объекте, ки махсус барои фаъолият дар соҳаи санъат офарида шудааст) шинос шаванд, ки баъдтар ҳангоми дарсҳои мусиқӣ омӯхта мешаванд. Мундариҷа ба барномаи таълимӣ мувофиқат мекунад ва гуногун аст.

Ҳангоми омода намудан ва гузаронидани дарсҳои мусиқӣ таълиму таҳия ба технологияҳои нави педагогӣ ва равишҳои муосири психологию педагогӣ ва методӣ асос меёбад.

Муаллим инчунин вазъияти конкретии мактаб: асбобу анҷоми дарси мусиқӣ, захираҳои техникӣ, услуби маҳаллӣ ва шароити табиӣ ва ғайраро ба назар мегирад.

Илова ба таълим, дарси мусиқӣ ҳадафҳо ва вазифаҳои тарбиявиро дар бар мегирад. Онҳо аз рӯи мазмуни маводи таълимӣ, инчунин ҳадафҳои умумӣ, ки ба тарбия ва такмили шахуйте хонандагон нигаронида шудаанд, муайян карда мешаванд. Ҳадафҳои таълимӣ метавонанд бо рушди сифатҳои ахлоқӣ, ихтиёрӣ, зеҳнӣ ва эҳсосӣ алоқаманд бошанд. Дарс марҳилаи мушаххаси раванди таълими пайвастаи хонанда мебошад.

Дар навбати худ, ҳадафҳои таълимии дарс ба ташкили омӯзиши мусиқӣ ва усулҳои таълими мусиқӣ таъсири калон мерасонанд. Масалан, инкишофи мустақилият ва фаъолияти маърифатӣ.

Дар ҷараёни таҳсил барои дар хонандагон ташаккул додани дарки баланди эстетики асарҳои мусиқии миллӣ дар арзишҳои умумиҷаҳонии фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Ҳамкории муаллими мусиқӣ бо волидайн ва муассисаҳои иловагӣ дар рафти таълим бояд ба хонанда мустақилона омӯхтан ва моҳирона иҷро кардани асарҳоро аз репертуари дар барномаи таълимӣ ва китоби дарсӣ овардашуда, инчунин, маҳорати ӯро дар хониши бо чашми худ дидан, шунидан бо гӯш, навохтан дар ансамблро ҳамроҳ ташаккул диҳад.

Тарбияи мусиқӣ аз муаллим доштани саводи мусиқӣ, мусиқишиносӣ, мусиқидонӣ, навохтани асбоби мусиқӣ ва мувофиқи хусусиятҳои синнусолии хонандагон ба роҳ монда шавад.

Ҳамкории мактаб ва аҳли оила ташаккули сатҳи баланди дарки мусиқӣ, ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ намуда, имкон медиҳад, ки дараҷаи маҳорату малакаҳои эҷодӣ ва иҷрокунандагии онҳо хеле баланд бардошта шавад, қобилияти мусиқии онҳо инкишоф дода шавад. Ҳар як намуди фаъолияти мусиқӣ, ки дар дарс-консерт барои хонавода ва муаллим гузаронида шуд, хусусиятҳои ба худ хос дорад, азхудкунии хонандагонро бо он усулҳои фаъолият дар бар гирифта, ба ташаккули онҳо як ҷаҳон таъсир расонад.

Ҳар як намуди фаъолияти мусиқӣ, ки дар дарс-консерт барои хонавода ва муаллим гузаронида шуд, дорои хусусиятҳои ба худ хос дорад, азхудкунии хонандагонро бо он усулҳои фаъолият дар бар гирифта, ба ташаккули онҳо як ҷаҳон таъсир расонид. Гузаронидани дарс-консерт дар таълими мусиқӣ ба хонандагон имконият дод, ки ҳамкории аҳли хонавода ва мактаб бо ҳам мустаҳкам карда шавад. Дар дарс-консерт муаллими суруд ва мусиқӣ дар фаъолияти худ ҳар гуна роҳу усулҳоро ба кор мебарад, бояд дар хотир дошта бошад, ки ягон асар, ҳатто мухтасартарин асар ҳам набояд ба ақлу тафаккур ва идроку фаҳмиши онҳо таъсир нарасонида аз пеши хонанда нагузарад. Тафаккур, мавқеъ ва нуқтаи назари хонандагони хурдсол ба мусиқӣ бояд аз нуқтаи назари онҳо ба ҳаёт умуман ҷудонашаванда бошад.

То охири соли хониш, хонанда бояд сурудҳо дар мавзуи хонаводаро донад ва ба як хулосаи умумии зеринро барорад, то ки меҳру муҳаббати ӯ бо омӯзгорон, мактаб ва муҳити оилавӣ донистани қадру қимату заҳмати онҳо,

инчунин воситаҳои ифшо додани зебоипарастӣ сарфаҳм раванд, ҳолати равонии худро ва волидайнро бо хондани суруд ва рақс тағйир диҳад, шод гардонад, тасаллӣ диҳад, ба ваҷд оварад, яъне дорои неруи бузурги таъсиррасонӣ мебошад.

Таҳлили адабиёти педагогӣ, психологӣ, методӣ, санъатшиносӣ нишон дод, ки ташаккули дарки мусиқии хонандагон вазифаи таъхирнопазири амалияи на танҳо муаллим, балки волидайн ва таҳсилоти иловагӣ мебошад. Ташаккули тафаккури хонанда бо фарҳанг, санъат ва махсусан, бо дарси суруд ва мусиқӣ зич алоқаманд аст. Маҳз дарсҳои мусиқӣ ва усулҳои таълими дар онҳо истифодашаванда ба ташаккули дарки мусиқии хонандагон дар иҷро, импровизатсия, таҳлил ва мулоҳиза оид ба мусиқӣ мусоидат мекунанд.

Натиҷаи охирин дар фаҳмидани ҳамон як зуҳуротест, ки дар сатҳи роҳҳои мусиқӣ-тарбиявии ҳамкории мактаб ва оилаи хонандагони синфҳои 1 то 6 - ро нишон медиҳад. Таҳсили педагогии таълими мусиқӣ бо парадигмаҳои тадқиқотӣ, ки дар ҷомеаҳои илмӣ, педагогӣ ва психологияи оилавӣ амалӣ мешаванд, бешубҳа, барои бартараф кардани ин норизогӣ мусоидат мекунанд.

Ҳадафи муттаҳид кардани чораҳои муназзами ҳамкории мактаб ва оила барои амалӣ намудани самти таълими мусиқӣ дар чаҳорчӯбаи модели мустақили ин самти афзалиятнок аст, самараноктар мебошад.

Омодагии хонандагон ба оромона гӯш кардани Суруди миллӣ, қироати сурудҳо дар васфи хонавода, муаллим, омӯзгор, аз уҳдаи рақсидан баромадан, вазифаи ҳар як хонанда буда, иштироки аҳли хонавода дар чорабиниҳои дарс-консерт ва такмил додани маҳорату қобилиятҳои эҷодии хонандагон инчунин, иштироки волидайн тарбия карда шуданд.

Ҳамкории мактабу оила ва таҳсилоти иловагӣ, иртиботу иттилооти арзишмандро талаб мекунад ва он заминаи мусоиди эҳсоси эмотсионалиро ба вуҷуд меоварад; баробарҳуқуқии субъектҳои раванди фаъолияти якҷоя, ки ҳар яки онҳо нақши муайянро иҷро намуда, ҳамчун объекти фаъол ва

ҳамкориҳо ворид мегарданд; ҳавасмандгардонӣ барои дар амал истифодабарии донишу тасаввурот, маҳорату малакаҳои суруд хондан, ҳаракати рақс ва саҳначаҳои бадеӣ дар фаъолиятҳо; такя кардан ба дониш, таҷриба ва хусусиятҳои фардӣ, имкониятҳои шахсии хонандагон, махсусан, фаъолон, саркардаҳо, сарбайтҳо, боварӣ изҳор намудан ба қувваю неруи эҷодкорӣ ва ғайраҳо.

Низоми муайяни ташкилу ҳамкории мактабу волидайн ва таҳсилоти иловагӣ, роҳбарӣ ба фаъолиятҳои мусиқӣ барои инкишоф додани дарси мусиқӣ аз тарафи волидон, интихоб намудани муассисаҳои таҳсилотии самти амиқдошта ва минбаъд барои интихоби касбу ҳунарҳои эҷодии онҳо мусоидат хоҳанд кард. Инчунин, шаклгирии сифатҳои маҳорату қобилияти ҳамдигарфаҳмӣ, ёрии байнишахсӣ, ҳамчун шахсияти эҷодкор, зебоиҳои эътирофшуда ба хонанда имконият медиҳад дар низоми таҳсилоти мактабӣ тез ба муҳити нави иҷтимоӣ мутобиқ гардида, сифатҳои ҷамоатчигии худро зоҳир намоянд.

Ҳамин тавр, омилҳои таъсиррасонандаи ҳамкории мактабу оила дар тарбияи зебоипарастӣ дар ташаккул додани завқи мусиқии хонандагон, дар 3 гуруҳ бояд арзёби карда шавад:

1) воситаи иҷтимоии оила, дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилотӣ ва иловагӣ, ки арзишҳои иҷтимоиро ба хонанда муаррифӣ мекунад;

2) фаъолияти аҳли оила барои қувваю боварӣ кардани фарзанди худ иҷтимоисозӣ ва ташаббускории фаъолияти ояндаи ҳаётро меомӯзонад;

3) таълими мусиқӣ дар ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва иловагӣ, оилавӣ, ки маҷмуи муайяни таъсирҳои педагогӣ мебошад.

Ҳангоми истифода ва баргузории кори озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоӣ пайгоҳӣ чунин камбудиҳо бартараф карда шуд:

- дар МТМУ №56 ансамбли созию овозӣ ва рақсии хонандагон ташкил карда шуд;

- ҳамкории мактабу оила ва таҳсилоти иловагӣ барои инкишоф додани тарбияи мусиқии зебоипарастӣ мутаҳид карда шуд;

- дар дохили мактабҳо озмунҳо байни синфҳо ташкил карда шуда, иштироки волидайн таъмин карда шуд;
- маҳорату қобилияти иҷрочигии хонандагон дар ташкилу баргузориҳои дарс - консерт бо иштироки волидайн мустаҳкам карда шуд.
-тибқи талаботи барномаи таълимӣ синфҳои 1 ва 6 дарсҳои суруд ва мусиқӣ фаъолияти мусиқии хонандагонро зиёдтар ба асарҳои оҳангсозони тоҷик ташкил карда шуд;
- дар ташкилу баргузории дарси суруд ва мусиқӣ аз асбобҳои миллии тоҷикӣ дарс- консерт гузаронида шуд;
- заминаи моддӣ, бино, толорҳои мусиқӣ аз назари зебоипарастӣ ороиш дода шуд;
- газетаҳои деворӣ дар мавзуи оила барои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ тақдим карда шуд.

Арзишмандии дарс - консерт бо истифодаи асбобҳои мусиқии тоҷикӣ, сурудҳои навозишию дустдорӣ дар бораи волидайн, муаллим, мактаб ва дигар жанрҳои фолклории бачагона дар он аст, ки онҳо ба хонанда ҳаловату оромии маънавӣ бахшида, муҳаббату дилбастагии байни хонавода ва хурдсолонро парвариш менамоянд, барои мутобиқшавии иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Назария ва амалияи рушди қобилиятҳо, таҷрибаи амалии кормандони соҳа дар кишвар ва берун аз он мавриди омӯзишу истифодабарӣ қарор дода шавад, ки ин такмилдиҳии низоми таълиму тарбия ва рушди қобилияту истеъдоди ҳар як хонанда мусоидат намояд.
2. Дар барномаҳои таълимӣ қобилияти мусиқидонии хонандагон дар раванди фаъолиятҳои таълимӣ - мусиқӣ, қисматҳои алоҳида ҷудо карда шуда, ба пешрафти назария ва амалияи соҳа, салоҳиятмандии омӯзгорони мусиқӣ мусоидат карда шавад;

3. Барои омода кардани мутахассисони баландихтисос сафарбар кардани такмили ихтисос ва таъмин кардани асбобҳои мусиқӣ дар ҳар як муассисаи таълимӣ;
4. Барои баланд бардоштани дониш маҳорат ва малакаи аҳли оила омода кардани дастурҳои таълимӣ, монография ва китобҳои дарсие, ки маърифати онҳо баланд бардошта шавад;
5. Ташкил кардани шуъбаи магистратура барои хатмкунандагони болаёқатро барои давом додани таҳсил ба донишгоҳҳо ва донишкадаҳо сафарбар намоянд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ

1.Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар солҳои 2015-2020 [Матн]: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №353. - Душанбе, 2004. -5 с.

2.Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 [Матн]: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2016, №53. - Душанбе, 2016. - 19 с.

3.Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [Матн]: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №115. – Душанбе, 2021. - 23 с.

4.Барномаи давлатии рушди мусиқии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 [Матн]: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2010, №322. - Душанбе, 2010. - 8 с.

5.Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 [Матн]: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, №529. - Душанбе, 2007. - 22 с.

6.Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010 [Матн]: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, №239. – Душанбе, 2006. – 20 с.

7.Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 1998. -26 с.

8.Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2002, №200. - Душанбе, 2002. - 20 с.

9.Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94. - Душанбе, 2006. - 35 с.

10.Консепсияи мустаҳкам намудани заминаи моддиву техникӣ барои солҳои 2020-2040 [Матн]. – Душанбе, 2021.

11.Концепсия этнокультурного развития в Республике Таджикистан [Текст] // Народная газета. – 1998. – 20 марта.
12.Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн]. – Душанбе, 2020. – 14 с.
13.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои хонанда» аз 18 марти соли 2015, №1196 [Матн]. – Душанбе, 2015.
14.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 29 апрели соли 2006, №188 [Матн]. – Душанбе, 2006.
15.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, №553 [Матн]. – Душанбе, 2009.
16.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №1004 [Матн]. – Душанбе, 2013.
17.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, №762 [Матн]. – Душанбе, 2011. – 23 с.
18.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар, омӯзгор ва ҷомеа» [Матн]. – Душанбе, 2024.
19.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Субҳи умед. – Душанбе, 2013. – №12. – С.7.
20.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аз 3 январи соли 2024, №2033 [Матн]. – Душанбе, 2024.

## Монографияҳо ва китобҳои дарсӣ

21.Алиев, Ю.Б. Настольная книга школьного учителя-музыканта [Текст] / Ю.Б. Алиев. - М.: ВЛАДОС, 2000. - 336 с.
22.Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳонакии аҳолии Кӯлоб [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе, 1963. – 150 с.

23.Апраксина, О.А. Музыкальное воспитание в русской общеобразовательной школе [Текст] / О.А. Апраксина. – М.; Л.: Акад. пед. наук РСФСР, 1948. – 148 с.
24.Арнаутова, Е.П. Общение с родителями: зачем? как? [Текст] / Е.П. Арнаутова, В.М. Иванова. – М.: Профессиональное образование, 1993. – 59 с.
25.Арнаутова, Е.П. Педагог и семья [Текст] / Е.П. Арнаутова. – М.: Карапуз, 2001. – 264 с.
26.Артоболевская, А.Д. Первая встреча с музыкой [Текст] / А.Д. Артоболевская. – М.: Сов. композитор, 1988. – 102 с.
27.Арьес, Ф. Ребенок и семейная жизнь при старом порядке [Текст] / Ф. Арьес; пер. с фр. Я.Ю. Старцев. - Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 1999. – 415 с.
28.Ахияров, К.Ш. Профильное обучение в школе [Текст]: опыт, проблемы / К.Ш. Ахияров. – Уфа, 2005. – 106 с.
29.Баркан, А.И. Практическая психология для родителей, или как научиться понимать своего ребенка [Текст] / А.И. Баркан. – М.: АСТ-ПРЕСС, 2001. – 432 с.
30.Беляев, С.Е. Музыкальная дидактика [Текст]: учеб. пособие / С.Е. Беляев. – Екатеринбург, 2008. – 51 с.
31.Беляев, С.Е. Музыкальное образование на Урале [Текст]: два века истории / С.Е. Беляев. – Екатеринбург: Изд-во Урал. гос. ун-та, 1998. – 182 с.
32.Брехт, *Б*. Теория эпического театра [Текст] / Б. Брехт. – М., 2019. – 560 с.
33.Вендрова, Т.Е. Воспитание музыкой [Текст] / Т.Е. Вендрова, И.В. Пигарева. – М., 1991. – 150 с.
34.Ветлугина, Н.А. Музыкальное развитие ребенка [Текст] / Н.А. Ветлугина. – М.: Просвещение, 1968. – 413 с.
35.Выготский, Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте [Текст] / Л.С. Выготский. – М.: Просвещение, 1991. – 124 с.
36.Гребенников, И.В. Основы семейной жизни [Текст]: учеб. пособие. – М.: Просвещение, 1991. – 158 с.

37.Гребенников, И.В. Школа и семья [Текст] / И.В. Гребенников. – М.: Просвещение, 1985. – 176 с.
38.Гурезов, Ш. Нақшаи тақвимии солона аз фанни мусиқӣ ва суруд барои синфҳои 1 то 6 дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ш. Гурезов. – Душанбе, 2023.
39.Гуров, В.Н. Социальная работа дошкольных образовательных учреждений с семьей [Текст] / В.Н. Гуров. – М.: Пед. общ-во России, 2003. – 160 с.
40.Директору школы о сотрудничестве с родителями [Текст] / под ред. А.С. Роботова, И.А. Хоменко, И.Г. Шапошникова. -М.: Сентябрь, 2001. -176 с.
41.Евдокимова, Е.С. Детский сад и семья: методика работы с родителями [Текст]: пособие для педагогов и родителей / Е.С. Евдокимова, Н.В. Додокина, Е.А. Кудрявцева. – М.: Мозаика-Синтез, 2008. – 144 с.
42.Емельянов, В.В. Развитие голоса: координация и тренинг [Текст] / В.В. Емельянов. – 6-е изд. – СПб Лань; Планета Музыки, 2010. – 191 с.
43.Ёров, С. Нақшаи намунавии яксоатаи суруд ва мусиқӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, литсею гимназияҳо ва донишҷӯёни таҷрибаомӯзӣ [Матн] / С. Ёров. – Душанбе, 2022. – 27 с.
44.Зверева, О.Л. Общение педагога с родителями в ДОУ [Текст]: методический аспект / О.Л. Зверева, Т.В. Кротова. – М.: Сфера, 2005. – 80 с.
45.Зверева, О.Л. Семейная педагогика и домашнее воспитание [Текст]: учеб. пособие / О.Л. Зверева, А.Н. Ганичева. – М.: Академия, 2000. – 160 с.
46.Игошев, К.Е. Семья, дети, школа [Текст] / К.Е. Игошев, Г.М. Миньковский. – М.: Юридическая литература, 1989. – 448 с.
47.Ильин, Е.П. Мотивация и мотивы [Текст] / Е.П. Ильин. – Питер, 2002. – 512 с.
48.Иматова, Л. Рангинкамон [Матн]: барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ / Л. Иматова. – Душанбе, 2012. – 143 с.
49.Кабалевский, Д.Б. Воспитание ума и сердца [Текст] / Д.Б. Кабалевский. – М.: Просвещение, 1981. – 192 с.

50.Кабалевский, Д.Б. Как рассказывать детям о музыке? [Текст] / Д.Б. Кабалевский. – М.: Советский композитор, 1977. – 254 с.
51.Кашапова, Л.М. Непрерывное этномузыкальное образование как целостная национально-региональная образовательная система [Текст] / Л.М. Кашапова. – М.: Наука, 2006. – 392 с.
52.Козлова, А.В. Работа ДОУ с семьей: диагностика, планирование, конспекты лекций, консультации, мониторинг / А.В. Козлова, Р.П. Дешеулина. – М.: Сфера, 2004. – 112 с.
53.Козлова, С.А. Дошкольная педагогика [Текст]: учеб. пособие / С.А. Козлова, Т.А. Куликова. – 3-е изд., испр. и доп. – М.: Академия, 2001. – 416 с.
54.Крупская, Н.К. Вопросы народного образования [Текст] / Н.К. Крупская. – М.; Петроград: Коммунист, 1918. – 286 с.
55.Латипов, Д. Взаимодействие школы, семи и общественности [Текст]: учеб.пособие / Д. Латипов. – Душанбе, 2010. – 22 с.
56.Лихачев, Б.Т. Педагогика [Текст]: курс лекций / Б.Т. Лихачев. – 4-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрайт-М, 2001. – 607 с.
57.Луначарский, А.В. Религия и просвещение [Текст] / А.В. Луначарский. – М.: Советская Россия, 1985. – 542 с.
58.Макаренко, А.С. Книга для родителей [Текст] / А.С. Макаренко. – М.: Просвещение, 1998. – 359 с.
59.Медведева, И.Я. «Новые» дети [Текст] / И.Я. Медведева, Т.Л. Шишова. – М.: Народное образование, 2000. – 221 с.
60.Меренков, А.В. Родители и педагоги: растим ребенка вместе [Текст] / А.В. Меренков. – Екатеринбург: Изд-во Дома учителя, 2005. – 144 с.
61.Морозов, В.П. Искусство резонансного пения. Основы резонансной теории и техники [Текст] / В.П. Морозов. – М.: Центр Искусство и Наука, 2002. – 495 с.
62.Музыка 1-8 классы [Текст]: программа для средних общеобразовательных учебных заведений / под общ. ред. Ю.Б. Алиева. – М.: Просвещение, 1993. – 78 с.

63.Музыка 1-8 классы [Текст]: программы общеобразовательных учреждений / под науч. рук. Д.Б. Кабалевского; под ред. Г.П. Сергеевой, Е.Д. Критской. – 2-е изд. – М.: Просвещение, 2005. – 223 с.
64.Музыкальное образование в школе [Текст]: учеб. пособие / Л.В. Школяр, В.А. Школяр, Е.Д. Критская [и др.]; под ред. Л.В. Школяр. – М.: Академия, 2001. – 232 с.
65.Нуров, А. Кори якҷояи оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол [Матн] / А. Нуров. – Душанбе: Маориф, 1989. – 71 с.
66.Обидпур, Ҷ. Суруд ва мусиқӣ [Матн]: китоби дарсӣ барои синфи 4 / Ҷ. Обидпур. – Душанбе, 2007. – 87 с.
67.Обидпур, Ҷ. Сурудҳо [Матн]: китоби дарсӣ барои синфи 1 / Ҷ. Обидпур. – Душанбе: Собириён, 2008. – 54 с.
68.Островская, Л.Ф. Педагогические знания - родителям: материалы семинаров для родителей [Текст]: пособие для воспитателя дошкол. Учреждения / Л.Ф. Островская. – М.: Просвещение, 1983. – 176 с.
69.Островская, Л.Ф. Педагогические ситуации в семейном воспитании дошкольников [Текст] / Л.Ф. Островская. – М.: Просвещение, 1990. – 160 с.
70.Охунов, Ҷ. Назарияи ибтидоии мусиқӣ [Матн] / Ҷ. Охунов. – Душанбе: Ирфон, 1986. – С.239.
71.Разумный, В.А. Эстетический всеобуч [Текст] / В.А. Разумный. – М., 1987. – 88 с.
72.Рамазонов, Д. Роҳу усулҳои муосири ташаккули завқи мусиқии хонандагон дар оила ва дар раванди дарси суруд ва мусиқӣ [Матн] / Д. Рамазонов. – Душанбе, 2024. – С.355-364.
73.Рамазонова, Р. Талаботи зебопарастӣ кӯдакони таҳсилоти томактабӣ дар машғулиятҳои мусиқӣ [Матн] / Д. Рамазонова, Д.С. Рамазонов. – Душанбе, 2023. – 178 с.
74.Раҳимов, Б. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик [Матн] / Б. Раҳимов, А. Нуров. – Душанбе, 2008. – 296 с.

75.Раҳимзода, К. Эҷодиёти мусиқии маросимии тоҷикон [Матн] / К. Раҳимзода. –Душанбе, 2022. - 264 с.
76.Саидов, А.Р. Асосҳои ташаккули маданияти эстетикии омӯзгори оянда [Матн] / А.Р. Саидов. – Душанбе, 2010. – 63 с.
77.Сатторов, С. Суруд ва мусиқӣ [Матн]: китоби дарсӣ барои синфи 2 / С. Сатторов, Ҷ. Охунов, М. Яҳёев, А. Алиев. – Душанбе: Маориф, 2019. – 103 с.
78.Сафаров, Г. Суруд ва мусиқӣ [Матн]: китоби дарсӣ барои синфи 3 / Г. Сафаров. – Душанбе: Полиграф Групп, 2013. – 79 с.
79.Стулова, Г.П. Теория и практика работы с детским хором [Текст] / Г.П. Стулова. – М.: Владос, 2002. – 176 с.
80.Сурудҳо [Матн]: дастури таълимӣ барои синфи 1. – Душанбе: Собириён, 2008. – 54 с.
81.Сухомлинский, В.А. Родительская педагогика [Текст] / В.А. Сухомлинский. – М: Знание, 1978. – 96 с.
82.Счастная, А.П. По ступенькам нравственности [Текст] / А.П. Счастная. – Минск: Нар. Асвета, 1990. – 64 с.
83.Турсунов, Н.Н. Бозӣ машғулиятҳо дар боғчаи бачагон [Матн] / Н.Н. Турсунов. – Душанбе, 1986. – 87 с.
84.Хайруллоев, Б. Методикаи тарбияи мусиқӣ дар мактаб [Матн] / Б. Хайруллоев. – Душанбе, 2008. – 207 с.
85.Хайруллоев, Б. Методикаи тарбияи мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ [Матн] / Б. Хайруллоев. – нашри дуюм. – Душанбе, 2018. – 201 с.
86.Ҳалимов, К. Суруд ва мусиқӣ [Матн]: китоби дарсӣ барои синфи 6 / К. Ҳалимов. – Душанбе, 2007. – 88 с.
87.Ҳусейнов, Ф.Р. Қобуснома. Унсурмаолии Кайковус [Матн] / Ф.Р. Ҳусейнов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 200 с.
88.Шарипов, Ш. Суруд ва мусиқӣ [Матн]: китоби дарсӣ барои синфи 5 / Ш. Шарипов. – Душанбе, 2008. – 88 с.
89.Шацкая, В.Н. Музыкально-эстетическое воспитания в СССР [Текст] / В.Н. Шацкая, С.Т. Шацкая. – М., 1975. – 200 с.

90.Шермухамедов, Б. Алла мегум, аллае. Сурудҳои алла, навозишию дӯстдории тоҷикони Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон [Матн] / Б. Шермухамедов, Д. Обидзода. – Душанбе, 1993. - 53 с.

**Автореферат ва диссертатсияҳо**

91.Азимов, Б. Нравственное воспитание молодежи средствами народной музыки [Текст]: дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / Бахтияр Азимов. – Ташкент, 1991. – 181 с.

92.Акмалова, М. Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба раҳнамоии касбии наврасону ҷавонон [Матн]: автореф. дисс… номз. илм. пед.: 13.00.05 / Акмалова Малоҳат Абдуллоевна. - Душанбе, 2023. - 60 с.

93.Алейникова, О.С. Педагогическая поддержка эстетического воспитания детей дошкольного возраста средствами музыки [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Алейникова Ольга Сергеевна. – Ставрополь, 2011. – 26 с.

94.Алиев, А.Б. Формирование и развитие музыкальной компетентности учащихся общеобразовательных учреждений Таджикистана [Текст]: дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / Алиев Асрор Бахриддинович. –Душанбе, 2020. – 211 с.

95.Асриева, О.О. Музыкально-эстетическое воспитание обучающихся на ступени основного общего образования [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Арсиева Ольга Олегова. - Омск. 2019.

96.Беляев, С.Е. Историко-педагогические основы развития музыкального образования на Урале [Текст]: дисс… д-ра пед. наук: 13.00.01 / Беляев Сергей Егорович. – Оренбург, 2000. – 290 с.

97.Бушина, В.Н. Формирование коммуникативной компетентности родителей в условиях учреждения дополнительного образования [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.02 / Бушина Вера Николаевна. – Екатеринбург, 2006. – 18 с.

98.Гантумур, Э. Музыкально-эстетическое воспитание младших школьников в общеобразовательных школах Монголии [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Гантумур Энхжаргал. - М., 2012. - 22 с.
99.Гулов, А.К. Взаимодействие семьи и школы в нравственном воспитании школьников начальных классов. [Текст]: автореф. дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / Гулов Абдурахмон Кароматуллоевич. - Душанбе, 2010.
100.Грицай, Л.А. Формирование эстетической культуры учащихся в современных условиях [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Грицай Людмила Александровна. – Рязань, 2008. – 23 с.
101.Давлятова, Н.Х. Социально-педагогические условия формирования моральных качеств у учащихся начальных классов [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Давлятова Ниёзби Хабибулоевна. - Курган-Тюбе, 2012. - 21 с.
102.Ёрматов, А.Ҷ. Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ [Матн]: автор. дисс... номз. илм. пед: 13.00.01 / Ёрматов Алишер Ҷолматович. - Кӯлоб, 2022. - 21 с.
103.Жоробеков, Т. А. Совместная деятельность школы и семьи в музыкально-художественном воспитании младших школьников на народных традициях (На материале Республики Кыргизстан) [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Жоробеков Темир Астаевич. – М., 1993. -16 с.
104.Зайцев, А.Н. Воспитательная функция социалистической семьи [Текст]: автореф. дисс… канд. филос. наук: 09.00.02 / Зайцев Анатолий Николаевич. – М., 1980. – 16 с.
105.Зайцева, О.Ю. Межличностная защита в диаде педагог-ребенок и ее коррекция [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 19.00.07 / Зайцева Ольга Юрьевна. – Иркутск, 2002. – 24 с.
106.Зайцева, Т. Г. Воспитание эстетических чувств у младших школьников средствами музыки [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Зайцева Татьяна Григорьевна. – Киев, 1991. – 24 с.

107.Замошина, Е.И. Семья как фактор формирования музыкальных интересов младших школьников [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.02 / Замощина Елена Ильинична. – М., 1985. – 16 с.
108.Зотова, Е.Б. Система управления общеобразовательной школой музыкально-эстетической направленности [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Зотова Елена Борисовна. – М., 2003. – 22 с.
109.Зубайдов, А. История становления профессиональной деятельности народных музыкантов Таджикистана в 30-е – 80-е годы XX века. [Текст]: автореф. дисс… канд. ист. наук: 07.00.02 / Зубайдов Абубакр. – Душанбе, 2005. – 23 с.
110.Исакова, Т.Г. Развитие духовной культуры младшего школьника в процессе взаимодействия общего и дополнительного образования [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Исакова Татьяна Геннадьевна. – Магнитогорск, 2000. – 22 с.
111.Карташев, Н.В. Социально-педагогические основы музыкального воспитания детей в семье [Текст]: дисс... д-ра пед. наук: 13.00.06 / Карташев Николай Васильевич. – М., 1997. – 412 с.
112.Кашапова, Л.М. Моделирование и реализация непрерывного этномузыкального образования как целостной национально региональной образовательной системы [Текст]: автореф. дисс… д-ра пед. наук: 13.00.01 / Кашапова Ляля Мухаметдиновна. – Уфа, 2006. – 46 с.
113.Кишкашбаев, Т.А. Музыкально-эстетическое воспитание младших школьников средствами казахской народной инструментальной музыки [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Кишкашбаев Тлеугали Аширбекович. – Алма-Ата, 1992. – 27 с.
114.Коренистова, Н.Г. Формирование эстетической компетентности учащихся в процессе взаимодействия семьи и школы [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Коренистова Нина Григорьевна. Екатеринбург, 2009. – 23 с.

115.Кузьмичев, Л.А. Формирование ценностных ориентации школьников в процессе музыкально-художественного воспитания [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Кузьмичев Лев Анатольевич. –Ярославль, 2004. – 18 с.
116.Куракин, С.И. Музыкально-эстетическое воспитание школьников в процессе занятий в классе гитары: контекстное музицирование [Текст]: дисс… д-ра пед. наук: 13.00.02 / Куракин Святослав Игоревич. - М., 2017. – 262 с.
117.Левит, Е.И. Формирование эстетической культуры у детей младшего школьного возраста в музыкальном дополнительном образовании [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Левит Елена Ильинична. – Новгород, 2003. – 19 с.
118.Левченко, Ю.А. Развитие духовности личности подростка средствами музыкально-эстетического воспитания [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Левченко Юлия Александрова. – Воронеж, 2006. – 24 с.
119.Лодкина, Т.В. Система деятельности семейного социального педагога [Текст]: автореф. дисс… д-ра пед. наук: 13.00.06 / Лодкина Тамара Владимировна. – М., 1997. – 44 с.
120.Лоренц, В.В. Формирование музыкальной культуры подростков в условиях взаимодействия семьи, школы и учреждений дополнительного образования [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.05 / Лоренц Вероника Влериевна. – Тамбов, 2012. – 26 с.
121.Махмутова, И.И. Педагогическое сопровождение выбора профессии педагога-музыканта учащимися сельских детских музыкальных школ Республики Башкортостан [Текст]: дисс… канд. пед. наук: 13.00.02 / Махмутова Ирина Ишмухаметовна. – Екатеринбург, 2007. – 161 с.
122.Мезенцева, С.И. Музыкально-эстетическое воспитаниев отечественной теории педагогики первой трети 20 века [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Мезенцева Светлана Ивановна. – Владимир, 1993. – 16 с.

123.Мирбобоева, Б.М. Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир. [Матн]: автор. дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.05 / Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна. - Душанбе . – 2023. – 27с.
124.Мосин, А.Е. Художественные интересы семьи и их роль в эстетическом воспитании младших школьников [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Мосин Анатолий Ефремович. – М., 1982. – 16 с.
125.Набиева, М. Использование народной музыки в системе музыкально-педагогического образования [Текст]: дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / Набиева Манзура Амировна. – Душанбе, 1994. – 197 с.
126.Назарова, З. Педагогические аспекты воспитания учащихся в средних специальных учебных заведениях искусств Республики Таджикистана [Текст]: автореф. дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / Назарова Зебуниссо Эшонкуловна. – Душанбе, 2014. – 27 с.
127.Норова, З. Особенности содержания педагогической деятельности центров развития ребёнка в условиях педагогической неподготовленности родителе [Текст]: автореф. дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / Норова Зарина Исмоиловна. – Душанбе, 2021. – 160 с.
128.Рахимова, З.Р. Музыкально-эстетическое воспитание шестилеток-первоклассников средствами дидактических игр [Текст]: автореф. дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / Рахимова Зебо Рахмановна. - Ташкент, 1989. - 16 с.
129.Раҳимзода, Х. Влияние социальных институтов воспитания на подготовку старшеклассников к семейной жизни [Текст]: дисс… д-ра пед. наук: 13.00.01 / Рахимзода Хуррам. – Душанбе, 1990. – 287 с.
130.Раҳимов, С. Характерные особенности таджикского искусства в период развитого социализма [Текст]: дисс... канд. пед. наук: 09.00.04 / Рахимов Садулло. – Душанбе, 1978. – 167 с.

131.Раҷабзода, Д. Хусусиятҳои анъанаи омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ ва татбиқи он дар замони муосир [Матн]: автореф. дисс... ном. илм. пед. / Раҷабзода Дилафрӯз. – Душанбе, 2022. – 172 с.

132.Реутская, И.Н. Музыкально-эстетическое воспитание младших школьников в процессе реализации национально-регионального компонента образования (на материале Карачаево-Черкесской республики) [Текст]: автореф. дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / Реутская Ирина Николаевна. – Карачаевск, 2004. – 24 с.

133.Рустамов, Д.А. Профессиональная традиционная песенно - музыкалная культура населения Северного Таджикистана на рубежа XX-XX1 вв.: исторический аспект исследования [Текст]: автореф. дисс... канд. пед. наук: 07.00.02 / Рустамов Дадо Абдужабарович. - Худжанд, 2012. – 182 с.

134.Салимов, Г. Взаимодействие школы, семьи и общественности в подготовке учащихся сельских школ к выбору профессии: на материалах Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / Салимов Гул Саидович. 2013.

135.Салимов, Х. Педагогические условия воспитания патриотизма учащихся средствами национальных таджикских подвижных игр и народных традиций: [Текст]: дисс... канд. пед. наук: 07.00.02 / Салимов Хабибулло. - Душанбе, 2016. - 253 с.

136.Сизикова, С.Ф. Пути повышения эффективностимузыкально-эстетического воспитания младших школьников (на материале уроков музыки в таджикских общеобразовательных школах) [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Сизикова Светлана Федоровна. - Алма-Ата, 1984. – 22 с.

137.Сизикова, С.Ф. Теория и практика музыкально-эстетического воспитания школьников (на материале Республики Таджикистан) [Текст]: автореф. дисс… докт. пед. наук: 13.00.01 / Сизикова Светлана Федоровна. –Челябинск, 1993. – 50 с.

138.Смирнов, А.А. Педагогическая модель музыкально-образовательного процесса в условиях инклюзии [Текст]: дисс... канд. пед. наук: 13.00.02 / Смирнов Алексей Алексеевич. – Москва, 2020. – 184 с.
139.Сыпко, Е.В. Формирование эстетического отношения к музыке у младших школьников [Текст]: дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / Сыпко Елена Викторовна. -Карачаевск, 2004. – 26 с.
140.Феруз, С.А. Воспитание музыкальной культуры младших школьников в семье [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Феруз Сергей Александрович. – Москва., 1990. – 19 с.
141.Хайруллоев, Б. Музыкально-педагогическая подготовка учителей начальных классов в системе высшего педагогического образования в Таджикистане [Текст]: дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Хайруллоев Бахриддин. – Душанбе, 2006. – 211 с.
142.Черствая, О.Е. Педагогические аспекты влияния семейного уклада на воспитание детей [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Черствая Ольга Евгеньевна. – М., 2001. – 20 с.
143.Эмануэль, Э.Э. Эстетическое воспитание учащихся детских музыкальных школ средствами музыки (на материале ДМШ) [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Эмануэль Элина Эдуардовна. - Ташкент, 1991. – 18 с.
144.Юлдашева, М.Р. Становление и развитие системы музыкального образования в Таджикистане [Текст]: дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / Юлдашева Мавжуда Рахматовна. – Алма-Аты, 1993. –

## Мақолаҳо аз матбуот ва маҷмуаҳои илмӣ

145.Акмалова, М.А. Организация деятельности образовательного учреждения, семьи и современного общества в подготовке профориентационной работы учащихся общего среднего образовательного

учреждения / М.А. Акмалова [Текст] // Вестник Института развития образования. – Душанбе. – 2021. – №1 (33). – С. 20-28. ISSN 2617-5320.
146.Алиев, Ю.Б. Музыкальное воспитание [Текст] / Ю.Б. Алиев // Музыкальная энциклопедия / гл. ред. Ю.В. Келдыш. – М.: Советская энциклопедия, 1976. – Т.3. – С.755-762.
147.Алексеенко, Н.В. Взаимодействие семьи и школы в музыкально-эстетическом воспитании младших школьников [Текст] / Н.В. Алексеенко // Педагогика. - Ялта. - С. 9-13.
148.Арабов, Ф., Зафари Ш., Шарофидинзод М. // Самтҳои рушандозии технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, №3 (21) 2024.
149.Бабаева, Т.И. Творческое сотрудничество детского сада и семьи как фактор воспитания готовности дошкольников к обучению в школе [Текст] / Т.И. Бабаева // Детство: педагогический альманах. – СПб.: АКЦИДЕНТ, 1998. – №1. – С.56-70.
150.Белая, К.Ю. Педагогическое сопровождение семьи от поступления ребенка в ДОУ до выпуска в школу [Электронный ресурс] / К.Ю. Белая, О.П. Горелова, Т.В. Синицына. – Режим доступа: http:vospitatel.resobr.ru
151.Белкин, А.С. Основные элементы культуры общения педагога с родителями [Текст] / А.С. Белкин, И.Д. Бикбова, Т.А. Брагина // Педагогические проблемы общения учащихся: сб. науч. тр. – Свердловск, 1983. – С.67-72.
152.Березина, Т.А. Взаимодействие педагогов и родителей в приобщении дошкольников к семейным традициям [Текст] / Т.А. Березина // Детство: педагогический альманах. – СПб.: АКЦИДЕНТ, 1998. – №1. – С.47-55.
153.Бобоева, М.Р. Педагогические условия формирования эстетического вкуса младших школьников / М.Р. Бобоева // Ученые записки Худжандского государственного университета им. Академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки. – 2021. - №2(67). - С. 122-126.

154.Загик, Л.В. Содержание педагогического просвещения родителей по нравственному воспитанию дошкольников [Текст] / Л.В. Загик // За единство принципов воспитания детей в дошкольном учреждении и в семье: из опыта работы / сост. Т.А. Маркова, Л.Г. Емельянова, Л.В. Загик и др.; под ред. Р.А. Курбатовой. – М., 1982. – С.138.
155.Кашапова, Л.М. Взаимодействие школы и семьи в музыкальном образовании детей [Текст] / Л.М. Кашапова // Музыка в школе. – 2004. – №4. – С.24-33.
156.Мирзоев, В.М. Инкишоф додани маҳорати мусиқии кӯдакон [Матн] / В.М. Мирзоев // Паёми донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2003. – С.113.
157.Мусиқӣ ва маърифат [Матн] // Олами ҳунар. – 2010. – №1-2. – С.5-11
158.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [Матн] // Ҷумҳурият. – 2011. – 25 апрел.
159.Рамазонова, Р.С., Солиҳов М.Ш. Масъалаҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастии хонандагон дар њамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва хонавода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2074-1847) № 1, Душанбе. -2024.- с.266-271.
160.Рамазонов, Д. Сатҳи касбӣ ва маҳорати муаллими мусиқӣ дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқию зебоипарастии кӯдакони синни томактабӣ. [Матн] / Д. Рамазонов // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. – 2022. – №4 (40). – С.144-148.
161.Рамазонов, Д.С. Ташаккули ҳиссиёти ахлоқию зебопарастии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ тавассути мусиқӣ [Матн] / Д.С. Рамазанов // Паёми академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2023. – №1 (46). – С.56-61.
162.Раҳмон, Э. Фарҳанг ҳастии миллат аст [Матн] / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2001. – 24 март.
163.Солиҳов, М.Ш. Ҳамкории мактаб бо  оила - омили асосии ташаккули фарҳанги эстетикии хонандагон // Фарҳанг ва санъат. Душанбе. -2019. -№1. - С. 29-33.

164.Солиҳов, М.Ш. Ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Фарҳанг ва санъат. Душанбе. -2020. -№2. -С. 40-43.
165.Солиҳов, М.Ш. Рушди тарбияи мусиқӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Фарҳанг ва санъат. Душанбе. - 2020. -№3. -С. 52-57.
166.Солиҳов, М.Ш. Масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикии хонандагон дар илмҳои педагогӣ // Фарҳанг ва санъат. Душанбе -2019. №4.-С. 39-42.
167.Стоюнин, В.Я. Луч света в педагогических потемках [Текст] / В.Я. Стоюнин // Мудрость воспитания: книга для родителей / сост. Б.М. Бим Бад, Э.Д. Днепров, Г.Б. Корнетов. – 2-е изд., доп. – М.: Педагогика, 1989. – С.66-67.
168.Хуторянская, Т.В. Организация сотрудничества учителя с семьёй младшего школьника / Т.В. Хуторянская // Изв. Сарат. ун-та Нов. сер. Сев. Акмеология образования. Психология развития. – 2009. №3-4. –С. 96-99.
169.Юлдашева, М.Р. Материалы по истории музыкального воспитания и образования в Таджикистане (учебное пособие для студентов музыкально-педагогических учебных заведений республики). [Текст] / М.Р. Юлдашева. - Душанбе, 1990. - 112 с.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсия додаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Солиҳов М.Ш. Ҳамкории мактаб бо оила - омили асосии ташаккули фарҳанги эстетикии хонандагон [Текст] М.Ш. Солиҳов // Фарҳанг ва санъат. - №1. - Душанбе, 2019.- С. 29-33.

[2-М] Солиҳов М.Ш. Ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] М.Ш. Солиҳов // Фарҳанг ва санъат. -Душанбе, 2020. -№2.-С. 40-43.

[3-М] Солиҳов М.Ш. Рушди тарбияи мусиқӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] М.Ш. Солиҳов // Фарҳанг ва санъат. - Душанбе, 2020. - №3.-С. 52-57.

[4-М] Солиҳов М.Ш. Масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикии хонандагон дар илмҳои педагогӣ [Текст] М.Ш. Солиҳов // Фарҳанг ва санъат. - Душанбе, 2019. №4.- С. 39-42.

[5-М] Рамазонова Р.С., Солиҳов М.Ш. Масъалаҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастии хонандагон дар ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва хонавода [Текст] Р.С. Рамазонова, М.Ш. Солиҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2074-1847) № 1.- Душанбе, 2024. - С.268-272.

[6-М] Шарофиддинзод М.Ш. Нақши назария ва методикаи таълими мусиқӣ дар тарбияи зебоипарастии хонандагон [Текст] М.Ш. Шарофиддинзод // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ. ISSN № 2617-5320, № 4. – Душанбе, 2025. - С.52-54.

[7-М] Шарофиддинзод М.Ш. Нақши санъати мусиқӣ дар тарбияи фарҳанги ахлоқӣ ва эстетикии кӯдакон [Текст] М.Ш. Шарофиддинзод // Musiqa Pedagogikasi Madaniyat Etnografiya №2.- Бухоро, 2025. - С. 55-61. ISSN 3060-5079.

II. ***Дастури таълимӣ методӣ***

[8-М] Шарофидинзод М.Ш. Луғати мухтасари истилоҳоти мусиқӣ. Дастури таълимӣ. - Душанбе. 2024. - 82 с.

**III.Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаву нашрияҳо ба чоп расидаанд:**

[9-М] Шарофидинзод М.Ш.  Сущность и взаимодействие школы и семьи в культурном воспитании подросткового поколения [Текст] М.Ш. Шарофиддинзод // Материалы Международной научно-теоретической конференции «Россия-Узбекистан-Таджикистан «Формирование инновационности проектирования социально-культурных процессов: от идеи до реализации» Бухоро, 2022. - С. 148-152.

[10-М] Шарофидинзод М.Ш. Развитие национальной культуры в период независимости Республики Таджикистан [Текст] М.Ш. Шарофиддинзод // Материалы Международной научно-теоретической конференции Россия-Узбекистан-Таджикистан, «Молодежь и развитие духовной культуры общества: Актуальные проблемы и перспективы их решения». -Челябинск-Тошкент-Самарканд-Бухоро, 2022. - С. 316-320.

[11-М] Шарофидинзод М.Ш. Муҳимияти машғулияти суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ. [Текст] М.Ш.  Шарофиддинзод // Материалы Международной научно-теоретической конференции. Преподавание профессиональной музыки: История, теория и практика» Душанбе, 2022. С 161-166.

[12-М] Шарофидинзод М.Ш. Роль родителей и педагогов в эстетическом воспитании подростков. [Текст] М.Ш. Шарофиддинзод // Международной научно-теоретической конференции Сохранение и укрепление традиционных духовно-нравственных ценностей общества: стратегическое планирование в сфере духовной культуры. -Душанбе. - 2023. - С.128-131.

[13-М] Шарофидинзод М.Ш.  Саҳми Пешвои миллат дар рушди фарҳанги миллии тоҷик. [Текст] М.Ш.  Шарофиддинзод // Маводҳои конференсияи  илмӣ-назариявӣ. Дар мавзӯи «Иҷлосияи XVI Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди фарҳанги миллӣ» ҶДММ Абдураҳмон Р. - Душанбе, 2022. - С. 74-79.

[14-M] Шарофидинзод М. Масъалаҳои инкишофи завқи мусиқии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ дар оила. [Текст] М.Ш. Шарофиддинзод // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Омода намудани кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд ба муассисаҳои таълимӣ”. Душанбе,2024. - С. 387-392.

[15-M] Шарофиддинзод М.Ш. Роль учителя музыки в обогащении содержания и форм воспитательно-эстетической деятельности [Текст] М.Ш. Шарофиддинзод // zamonaviy tasviriy tasviriy-talimda anana va innjvatsiylar izlanishlar va yechimlar  xalqaro ilmiy-nazariy anguman materiallar. - Бухоро, 2024. - С. 339-342.